**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**ТДУ 372.8:891.550**
**ТКБ 74.261+81. З Тоҷ**
**Б – 69**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**БОБОЕВА ЗАРНИГОР ТОҲИРОВНА**

# АСОСҲОИ МЕТОДӢ ВА ҶАНБАҲОИ АМАЛИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04. – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

**Роҳбарони илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода;
доктори илми филология, профессор Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО** .......................................................... 4
**МУҚАДДИМА** ........................................................................... 5-20

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ............. 21-66**

I.I.Асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият ба таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ........................................................................ 21-34

I.2.Таълими интерактивии омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар МТМУ ...................................................... 35-47

I.3.Мавқеи технологияҳои таълим ва ташаккули салоҳиятҳо ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар МТМУ ..................................................................................... 48-53

I.4.Ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиш (эксперимент)-и таълимӣ доир ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ........................ 54-66

**БОБИ II. ТАЪЛИМИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР КУРСИ ХОНИШИ АДАБӢ ................................... 67-113**

II.1.Махсусиятҳои таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар зинаи аввали таҳсилот (синфҳои 1-4 ............................................ 67-77

II.2.Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар дар курси хониши адабӣ ........................................................................ 78-79

II.2.1. Омӯзиши шарҳи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 7........ 80-83

II.2.2. Роҳу усулҳои таълими ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 7......................................................................................... 84-96

II.2.3. Методикаи таълими “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 7 ............................................................................. 97-113

**БОБИ III. ТАЪЛИМИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР КУРСИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТ (синфи 9) ............. 114-175**

III.1.Омӯзиши шарҳи ҳол ва тавсифи мероси илмию адабии Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9 .................................................. 114-128

III.2.Роҳу усулҳои таҳлили ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9 .................................................................................... 129-148

III.3.Методикаи таълими осори ҳамосии Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси таърихи адабиёт ............................................................ .......149

III.3.1.Методикаи таълими достони “Юсуфу Зулайхо”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9 .................................................. 149-160

III.3.2.Усули таълими “Хирадномаи искандарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9 ........................................................................ 161-175

**ХУЛОСА** ......................................................................................... 176-178

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ................................. 178-180

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** .................................................................... 181-203

Феҳристи интишороти илмии довталаб ........................................... 204-206

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| ИҶШС | Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ |
| МБТ | Муносибати босалоҳият ба таълим |
| МБ | Муносибати босалоҳият |
| МТМУ | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ |
| МТТОК | Муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ |
| МТ | Муассисаҳои таълимӣ |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ДДОТ** | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон |
| **ДДХ** | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд |
| ВМИ ҶТ | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ИДМ | Иттиҳодияи давлатҳои мустақил |
| ДМТ | Дониш, малака ва маҳорат |
| ДТМ | Дониш, таҷриба ва малака |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар ибтидои асри навин дар арсаи байналмилалӣ дар соҳаи маориф дигаргуниҳои зиёде ба вуҷуд омад ва илми педагогикаи муосир ба бархурдҳои нави иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рӯбарӯ шуда, назари нав дар таълиму тарбия фарогири ҷомеи муосир гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ворид шуд ва соҳаи маориф яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати дохилии кишвар эълон гардида, бевосита зери назар ва раҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Дар партави дастуру раҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳои нав дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ шуданд, ки асоси онро низоми босалоҳият ташкил медиҳад. Дар ин ҳуҷҷати муҳими давлатӣ таъкид мешавад, ки “Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо, банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбиро дар бозори меҳнат талабот дошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим ва арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намояд”[4,12][1].

Барои ҷавобгӯ будан ба талаботи замон ва дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат ВМИ ҶТ дар иҷрои ин ҳадафи муҳими стратегӣ дар доираи “Барномаи ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф” ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият(МБ)-ро дар низоми таҳсилоти ҶТ амалӣ намуда истодааст, ки фанни адабиёт низ монанди дигар фанҳои таълимӣ бояд вобаста ба ин талабот таҳқиқ

[1] Рақами аввал ба рақами тартибии китобномаи диссертатсия, рақами дуюм ба саҳифаи сарчашмаи истифодашуда ишора мешавад.

шавад ва натиҷаҳои он дар кори таълиму тарбияи насли нав самараовар бошад. Мусаллам аст, ки таълими босамари ҳаёт ва эҷодиёти суханварону мутафаккирони бузург дар муассисаҳои таълимӣ аз масоили муҳими таълиму тарбия ва методикаи таълим ба шумор меравад. Абдураҳмони Ҷомӣ на танҳо дар таърихи адабиёти тоҷик, балки дар тамаддуни башарӣ ҳамчун шоиру нависандаи беҳамто, олими нуктасанҷ ва мутафаккири инсонпарвар шинохта шудааст. Бо таъкиди нуктасанҷонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Бузургии Мавлоно Ҷомист, ки пас аз гузаштани шашсад сол офаридаҳои ӯ моҳияти худро на танҳо гум накардаанд, балки чун марҳам то имрӯз дардҳои маънавии халқҳову миллатҳои дунёро дармон мебахшанд"[102,286]. Ҳамин аст, ки осори инсонсози ин мутаффакири бузург, чи дар гузашта ва чи дар замони муосир, ба сифати китоби дарсӣ таълим дода мешавад. Дар "Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1" ҳам дар курси хониши адабӣ ва ҳам дар курси таърихи адабиёт 15 соат барои таълими ҳаёт ва эҷодиёти ин адиби бузург пешбинӣ шудааст. Дар китобҳои дарсии зинаи ибтидоии таҳсил (синфҳои 1-1У) низ аз осори Ҷомӣ намунаҳои зиёде барои таълим пешниҳод шудаанд. Вале ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагони МТМУ дар шароити амалӣ намудани МБТ маводи зарурии аз нигоҳи нав омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомиро надоранд. Он дастуру мақолаҳое, ки доир ба омӯзиши рӯзгору осори адиб 40-50 сол пеш нашр шуда буданд, аз як тараф, дар дастрасии онҳо қарор надоранд, аз ҷониби дигар, дар шароити имрӯз ба талаботи замон муносиб нестанд ва ба таҳқиқу такмил ниёз доранд. Бо дарназардошти ҳамин зарурати таҳқиқи мавзуи "Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" метавонад дар амалӣ намудани равандҳои МБ дар методикаи таълими адабиёти тоҷик дар мисоли таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ба инкишофи назария ва амалияи МБ ба таълиму тарбия мусоидат намояд.

**Дарачаи омӯзиши мавзуъ**. Дар мавриди методикаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ, чи дар замони шуравӣ ва чи дар даврони Истиқлоли ҶТ пажӯҳишҳои илмӣ рӯи кор омада бошанд, ҳам фосилаҳои замонӣ, тағйири ғояҳои сиёсӣ, муносибатҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ имкон намедиҳанд, ки таълим дар шакле, ки 30 сол муқаддам буд, ҳамон тавр монад. Дар илми педагогика ва методикаи таълим дар ин фосила тағйиротҳои ҷиддие ворид шудаанд, ки аз пажӯҳишгарон диди нав, муносибати нав ва роҳу усулҳои нави таҳқиқро тақозо доранд. Аз ҷумла, дар мавриди мавзуи мавриди таҳқиқ Ш.Тағоев ду дастури таълимӣ бо унвони “Таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфҳои VI-VII” [116], “Таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи VIII” [115] ва мақолаи “Эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9” навиштааст [226]. Ҳ. Саидов дастури методие бо номи “Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 1Х” [105] ва А. Абдувалиев мақолаи “Таълими достони “Хирадномаи искандарӣ” -и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9” [158] ба нашр расонидаанд. Илова бар ин, Т.Миров дар “Дастурии методии “Адабиёти тоҷик” барои синфи 9” [84,28], Т. Миров, Ш. Исломов, Қ. Хоҷаев дар “Методикаи таълими адабиёти тоҷик” [82], М. Аҳмадов дар “Таълими адабиёти тоҷик” [20] ва дигарон перомуни усули таълими эҷодиёти Ҷомӣ изҳори назар кардаанд. Дар дастурҳои таълимии Ш. Тағоев ва Ҳ. Саидов, ки бевосита ба эҷодиёти Ҷомӣ ихтисос доранд, раванди чанд дарс доир ба рӯзгору осори Ҷомӣ ва чигунагии фаъолияти омӯзгор дар ҷараёни дарс баён шудаасту бас. Дар ин дастурҳои таълимӣ доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ маълумоти зиёде оварда шудаанд, аммо коркарди методҳои таълим камтар дида мешавад. Андешаҳои ин муаллифон бештар маслиҳату пешниҳод дар мавриди тарзи гузаронидани дарс доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ аст. Бояд зикр кард, ки Т. Миров, Ш. Исломов, Қ. Хоҷаев дар китоби “Методикаи таълими адабиёти тоҷик”, М. Аҳмадов дар китоби “Таълими адабиёти тоҷик” ва Абдусамади Мулло дар китоби “Методикаи таълими адабиёт” аз доираи методикаи таълими анъанавӣ набаромадаанд. Дар

онҳо низ  дониши "ҳаматарафа" гирифтани хонандагон дар асоси маводи зиёди таълимӣ принсипи асосии таълим дониста шудааст. Аз миёни тадқиқоти дар замони шуравӣ анҷомёфта рисолаи илмии методист Ш. Исломов  дар мавзуи "Изучение лироэпических произведений на уроках родной литературы в 1X-X классах" [236] як тадқиқоти бунёдие дар ин соҳа ба ҳисоб меравад, ки дар он таҷрибаи беш аз 70-солаи таълими адабиёти классикии тоҷик  ҷамъбаст гардидааст. Инчунин мақолаи методии ӯ "Таълими "Хирадномаи искандарӣ"-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 1X" [186], ки бо такя ба таҷрибаи аз озмоиши педагогии бадастомада иншо шудааст, ҷолиби тавaҷҷуҳ мебошад. Дар ин мақола муҳақиқ бо назардошти усулҳои ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ ва муқоиса таҳррезӣ шуда, андешаманд намудани хонанда, ҷустуҷӯ тариқи муқоиса ва ба даст овардани дониш ва хулосаҳои зарурӣ ҷавҳари асоси корро ташкил медиҳанд, ки имрӯз низ бештари нуктаҳои он ба талаботи МБТ ҷавобгӯст.

Дастури методии Симона Р., Грезова С. ва Наимбоев С. "Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад" [112]-ро метавон оғози муносибати тоза ба омӯзиши адабиёт номид. Дар ин дастур дар баробари матнҳои хурди адабиёти халқҳои ҷаҳон, ҳикояте  аз «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ интихоб  шуда, ки аҳамияти осори Абдураҳмони Ҷомиро дар замони муосир нишон медиҳад. Гарчанде дар мавриди шеваи МБТ дастурҳои методию модулҳо ва мақолаҳои зиёде дар ду-се соли охир ба нашр расидаанд, аммо дар мавриди МБ дар дарсҳои адабиёти тоҷик ба ҷуз аз мақолаҳои Қ. Мухторӣ  бо унвони "Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар МТМУ" [206] ва М. Султонмамадова "Методикаи таълими  босалоҳияти қасидаи "Шикоят аз пирӣ"-и устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" [222] ва "Методикаи таълими босалоҳияти як ғазали Камоли Хуҷандӣ дар курси таърихи адабиёт" [223]  чизе ба назар нарасид.  Дар дастури методии Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш.Р. Исрофилниё, А. Байзоев "Муносибати босалоҳият ба таълим" [87] ва  модулҳо, монанди "Модули таълимӣ барои

омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик оид ба муносибати босалоҳият дар таълим"[86] сухан бештар дар бораи зарурати гузариш ба муносибати босалоҳият, тафовути он аз низоми таълими суннатӣ ва шеваи татбиқи он аст. Дар ин модулҳо намунаҳо бештар аз забон оварда мешавад ва тарзи татбиқи шеваи босалоҳият таълими адабиёт канор мондааст. Дар китобҳои Азим Байзоев "Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим"[24] ва "Масъалаҳои мубрами ислоҳоти соҳаи маориф" [25] доир ба масоили мухталифи соҳаи маориф, аз ҷумла МБТ ва роҳу усулҳои осони татбиқи амалии он сухан рафта, ки арзиши баланди назариявӣ доранд, вале дар онҳо сухан аз боби таълими адабиёт намеравад. Дар боби аввал дар мавриди арзиш ва нақсу камбудҳои таҳқиқоти доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик, хусусан татбиқи МБ ба таълими он батафсил сухан кардаем.

Дар чанд соли охир дар ҷумҳурӣ доир ба мавзуи ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён дар муҳити таълимии бисёрфарҳангӣ ва раванди ташаккулёбии муоширати касбӣ-фарҳангии омӯзгорони оянддаи забонҳои хориҷӣ (англисӣ, олмонӣ, русӣ) диссертатсияҳои номзадию докторӣ навишта шудаанд. Диссертатсияи доктории З.Х. Сайфуллоева [239] ва диссертатсияҳои номзадии М.А. Абдуллоева [234], М.Т. Луфов [238],О. Ҳ. Гургулиева [235], Г. Г. Қаршиева [237] аз он ҷумлаанд.

Назаре ба таҳқиқотҳои педагогҳои Федератсияи Россия нишон дод, ки перомуни муносибати босалоҳият ба таълим пажӯҳишҳои зиёди илмӣ рӯи кор омадаанд ва муҳақиқоне чун А.Н. Дахин [37; 38; 39; 40; 171; 172;173; 174; 175; 176; 177; 178; 179; 180;181; 241], В.В. Краевский [196], А.В. Хуторской [230;231;251;252,253], В.А. Болотов, В. В. Сериков [170], О. Е. Лебедев [244], Г.Л. Лионова [245], М.В. Дубова [242], И.А. Зимняя [44;243], А.Н. Леонтьев [246], Е.Г. Матвиевская [248], Н.Н. Золототрубова [45], С.А. Сердобинцева [250] ва дигарон дар ин масъала китобу мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидаанд, ки метавонанд чун сарчашма истифода шаванд.

Метавон хулоса кард, ки доир ба методикаи муосири таълими адабиёти тоҷик, аз ҷумла дар мавриди таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ таҳқиқоти ба талаботи имрӯзу фардо мувофиқ анҷом наёфтааст. Таҳқиқот ва дастурҳои таълимии дар ин самт анҷомёфта дар асоси ғоя ва талаботи педагогикаи замони шуравӣ таҳия шудаанд ва андешаи методистони замони Истиқлол низ аксаран таҳти таъсири ҳамон ғоя ва ҳамон методика қарор гирифтаанд. Бинобар ин, таҳқиқи илмию амалии мавзуи мавриди таҳқиқ ва дар амал татбиқ намудани натиҷаҳаи он дар рушди методикаи муосир ва дар баланд бардоштани сифати таҳсил дар МТМУ ва ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон нақши муҳим бозида метавонад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ**. Мавзуи таҳқиқ бо барномаҳои таълим ва мавзуъҳои таҳқиқоти илмии самти методикаи таълим робитаи бевосита дошта, таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт ва кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров анҷом ёфтааст. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқи мавзуъро метавон дар таҳия ва такмили барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ истифода бурд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсади таҳқиқот:** аз лиҳози назариявӣ асоснок кардан, аз ҷиҳати методӣ таъбиру таъвил намудан ва аз ҷиҳати амалӣ дар таҷриба аз озмоиш гузаронидани таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар шароити МБ дар МТМУ; пайгирӣ намудани самараи натиҷаҳои таълим тавассути технологияҳои муосири педагогӣ, ташаккули салоҳиятҳои омӯзгору хонанда ва хонандамеҳвар шудани хонанда дар ин раванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои расидан ба ҳадафҳои таҳқиқот дар марҳалаҳои гуногуни кор иҷрои вазифаҳои зайл ба миён гузошта шуд:

- Омӯзиш ва инъикос намудани равандҳои нави муносибатҳо ба илму маориф, педагогикаву психология, методикаи таълим ва роҳу усулҳои мутобиқшавӣ ба масоили мухталифи ҷаҳонишавии равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ, ахлокию фарҳангӣ ва пайдо кардани ҷойгоҳи адабиёт, бахусус адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ (дар мисоли ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ) ва таълими он, ки ангезаҳои пуртаъсири инсонгароӣ доранд;

-таҳлили қиёсии барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии замони шуравӣ бо барномаю китобу дастурҳои методии феълӣ ва вобаста ба замон нишон додани арзиш, камбудӣ ва норасоии онҳо;

- омӯзиш ва таҳлили вазъи кунунии методикаи таълими адабиёти тоҷик ва таҳияи тавсияҳои илмию методӣ доир ба татбиқи раванди муносибати босалоҳият дар мисоли таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ, ки метавонад намунаи хуби таҳқиқ дар таълими мероси арзишманди адабиёти классикии тоҷик бошад;

-муайян намудани мавқеи технологияҳои таълим дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон зимни омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар МТМУ ва истфодаи консепсияи KSA:knowlls, skills, abilies - ДТМ (дониш, таҷриба, малака) дар ҷараёни таҷрибаҳои таълимӣ;

-ҳамгиро намудани равандҳои нав, аз ҷумла усул ва технологияҳои интерактивии таълим бо назария ва амалияи арзишманди таълими анъанавӣ дар мисоли таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар МТМУ;

-ба таври озмоишҳои педагогӣ дар амал санҷидани рушди МБ ба таълими адабиёти тоҷик дар мисоли ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар МТМУ ва нишон додани натиҷаҳои самарабахши ба илм асосёфта ва дар таҷриба аз озмоиш гузашта;

- муқаррар намудани ҷавҳари тарбиявии ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ барои ташаккули салоҳиятҳои маърифатию ахлоқӣ дар хонандагони МТМУ;

- рушди салоҳиятҳо зимни ташкил ва баргузории корҳои беруназсинфӣ доир ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар МТМУ;

- дарёфт ва дар амал татбиқ намудани муносибати нави консептуалӣ ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар шароити амалӣ намудани МБ.

**Объекти таҳқиқот:** фаъолияти хонандагону омӯзгорони МТМУ ҳангоми омӯзиши адабиёти тоҷик вобаста ба талаботи МБТ ва пайгирии ин равандҳо дар дарс ва берун аз дарс, чорабиниҳои тарбиявӣ, корҳои гурӯҳӣ ва инфиродии хонандагон (лоиҳаҳо, презентатсияҳо, сенарияҳо, луғатсозӣ, маърузаву гузоришҳо, эссеву иншо ва ғ.) зимни омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ.

**Предмети таҳқиқот:** омӯзиш ва татбиқи асосҳои назариявӣ ва амалии МБ дар низоми муосири таълиму тарбия тавассути истифодаи технологияҳои нави таълим дар мисоли омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар МТМУ.

**Фарзияи таҳқиқот**: таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар МТМУ ба шарте босамар буда метавонад, ки агар:

- МБ дар низом ва сохтори таҳсилот пурра ворид гардад, мақсадҳои таълим ба натиҷаҳои ниҳоӣ нигаронида шаванд, муносибати инфиродӣ ба хонандагон дар раванди таълим амалӣ шуда, модулҳо ва технологияҳои интерактивии таълим ва инноватсияҳои педагогӣ бо назария ва амалияи боарзиши таълими суннатӣ ҳамгиро гашта дар пайванди ҳамдигар сохтани модули «хонандамеҳвар» имконпазир шавад; тамоюл ва тадриҷан гузариш ба консепсияи KSA: knowlls, skills, abilies ДТМ амалӣ гардад;

-сербории барномаву китобҳои дарсӣ, ки ба ташаккули қобилиятҳои когнитивӣ ва зинаҳои маърифатии тафаккури хонандагон созгор нестанд, бартараф гардида, салоҳиятҳои хонандагон бо роҳу усулҳои интерактивии таълим ба омӯзиши беҳтарин, арзишмандтарин ва дурдонаҳои мероси адабии Ҷомӣ ва дигар нобиғаҳои адабиёти тоҷик, ки дар рушди имрӯзу фардои онҳо судманд мебошад, равона гардад;

- интихоби маводи таълим оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар се зинаи таълим ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон мувофиқ бошад, луғатомӯзӣ дар ин марҳалаҳо як рукни меҳварӣ дар дарки мазмуни матн, мақсади адиб

ва инкишофи нутқи шифохиву хаттӣ салоҳияти асосӣ ба ҳисоб гирифта шавад.

**Марҳалаҳои таҳқиқот:** Пажӯҳиш аз соли 2018 то 2023 се давраи бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад: Дар **давраи якум (2018-2019)**, ки давраи ташхисӣ-муқарраркунанда аст, адабиёти илмию методӣ доир ба мавзуи тадқиқшаванда омӯхта шуда, асосҳои назариявии мавзуъ мушаххас гардиданд. Дар ин давра моҳияти масъала, объект, фан, ҳадафҳо ва фарзияҳои таҳқиқ ташаккул ёфта, вазифаҳои ҷузъии онҳо мушаххас карда шуданд. Барои дақиқ намудани вазъи таълим миёни 65 нафар омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики вилояти Суғд "Пурсишнома" гузаронида шуд. Дар **давраи дувум (2019-2020),** ки марҳалаи озмоишӣ-ташкилдиҳандаву ташаккулдиҳанда ва собиткунанда аст, ба таҳияи модули маводи озмоишӣ дар асоси нақша ва барномаи таълим, адабиёти бадеӣ, таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи методика, педагогика, психология, адабиётшиносӣ, китобҳои дарсӣ, дастуру васоити таълимӣ ва таҳияи мақолаву тавсияҳои методӣ бахшида шуд. Дар ҳамин марҳала озмоиши таълими дар таҷрибаи омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики МТМУ-и №15 ва гимназияи №1-и шаҳри Хуҷанд, МТМУ №15-и н. Бобоҷон Ғафуров, МДТ "Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Бӯстон", гимназияи №2-и шаҳри Бӯстон ва МТМУ №6-и шаҳри Панҷакент баргузор гардид. Дар **давраи севум (2021-2022)**, ки давраи ҷамъбасткунанда буд, коркард ва мураттабу муназзам намудани маълумотҳои аз озмоиш бадастомада, собит намудани фарзияҳои илмии таҳқиқот тавассути хулосаҳо ва тавсияҳои асосие, ки дар раванди озмоиш татбиқ карда шуданд, ихтисос дода шуд. Дар охири ин марҳала рисола ва автореферат омода гардид.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**ро ташкил додаанд:

-таҳқиқот дар соҳаи педагогика: К. Д. Ушинский, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, И. Х. Каримова,Б. Раҳимов, Б. Маҷидова, А. Нуров, Х. Раҳимзода, Ш. Шаропов, Ш.Исломов, Х.М. Сабуров ва дигарон;

-таҳқиқот оид ба методикаи таълими забон ва адабиёт: В. В. Голубков, А. В. Текучев, М. Қозиҷонов, А. Ваҳҳобов, Н. Маъсумӣ, Х.Мирзозода, М.Лутфуллоев, С. Шербоев, С.Аминов, С. Э. Негматов, Ш.Тағоев, Н. М. Яковлёв, М. Маҳкамов, М. Аҳмадов, Ш. Исломов, Қ. Хоҷаев, Т. Миров, Ш. Р. Исрофилниё, Ҳ. Саидов, А. Мулло ва дигарон.

-консепсияи муносибати босалоҳият ба таълим: А. Н. Дахин, В. В. Краевский, А. В. Хуторской, В. А. Болотов, В. В. Сериков, И. А. Зимняя, Г. Л. Леонова, О. Е. Лебедев, М. В. Дубова, Е. Г. Матвиевская, Н. Н. Золототрубова, С. А. Сердобинцева, А. Байзоев, З. Х. Сайфуллоева, Қ. Мухторӣ, Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ф.Ниёзов ва дигарон.

Таҳқиқот доир ба ҷомишиносӣ: А. Афсаҳзод, М. Шакурӣ, А. Сатторзода, А. Зуҳуридинов, Ш.Р. Исрофилниё, В. Элбоев, М. Низомӣ ва дигарон.

**Асосҳои умумии методологияи таҳқиқот:** Дар шароити татбиқи МБТ дар таълими адабиёти тоҷик Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ, ки дар он амалӣ намудани МБ ҳадафи асосӣ қарор гирифтааст ва ҳамзамон консепсия МБ дар педагогикаи муосир, назарияи равандҳои умумипедагогӣ, психологӣ, фалсафӣ ва адабиётшиносӣ, ки мафҳумҳои “таълим”, “методика”, “салоҳият”, “муносибати босалоҳият”, “фаъолияти когнитивӣ”, “барномаҳои эллективӣ, вариативӣ”, “қобилияти эҷодӣ”, “технологияи таълим”, “усулҳои интерактивӣ” ва ғайра, ки таълими адабиёт аз онҳо сарчашма мегирад, асосҳои умумии методологияи таҳқиқро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин диссертатсия дар заминаи усулҳои муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, зимнан равиши сохторию оморӣ навишта шудааст. Дар раванди кор истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла усулҳои интерактивии таълим дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ ва ҳамбастагии онҳо дар рушди салоҳиятҳои хонандагон шарҳу тавзеҳ шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот:** Асарҳои педагогӣ, фалсафӣ, психологӣ, филологӣ доир ба масъалаҳои таҳқиқшаванда; китобу рисолаҳои

муҳаққиқоне, ки таҳқиқоташон ба соҳаи методика алоқамандии педагогиро фаро мегирад. Ҳамчунин ҳангоми омӯзиши мавзуъ аз нашрҳои интиқодии осори Ҷомӣ истифода шудааст. Илова бар ин, осори шоир, ки дар барномаи таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ пешниҳод шудаанд, китобҳои дарсӣ аз фанни адабиёти тоҷик ва дигар дастуру васоити таълимӣ доир ба адабиёти тоҷик ва методикаи таълими он чун сарчашмаи асосӣ истифода шудаанд. Барои муайян кардани методикаи таълими  рӯзгор ва осори Ҷомӣ дар шароити МБТ рисолаву мақолоти илмию методиии донишмандони хориҷӣ низ ба ҳайси манбаи таҳқиқ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқотро омӯзиши адабиёти илмӣ-методӣ марбут ба мавзуъ, мазмуни таҳсилот, вазъи таълим ва сатҳи дониши хонандагон, таҳлили барнома ва китобҳои дарсӣ, озмоишҳои педагогии ташхисиву ҷамъбастӣ бобати муайян намудани дурустии фарзияи таҳқиқот, ки дар доираи усулҳои оморӣ ҷамъбаст гардидаанд. Инчунин методҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла усулҳои мушоҳида, таҳлил ва пурсишнома (анкета) бо мақсади ба даст овардани иттилооти даркорӣ доир ба фаъолияти касбии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик дар иртибот ба ҷанбаҳои амалии МБТ, таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти оморӣ,  коркард  ва арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо паҳлӯи дигари заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**: Пойгоҳ ё худ заминаҳои асосии таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар МТМУ-и №15 ва гимназияи №1 шаҳри Хуҷанд, МТМУ №15-и н. Бобоҷон Ғафуров, МДТ “Мактаби Президенти барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Бӯстон”, гимназияи №2-и шаҳри Бӯстон ва мактаби №6-и шаҳри Панҷакент қарор гирифтанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:** Дар диссертатсия бори аввал дар илми педагогикаи тоҷик методикаи таълими  ҳаёт ва эҷодиёти яке аз саромадони адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ Абдураҳмони Ҷомӣ

вобаста ба талаботи МБТ дар МТМУ таҳқиқ ва аз озмоишҳои педагогӣ гузаронида шуда, усулҳои тадриси онҳо, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудааст, дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо далелҳои илмию методӣ собит шудааст. Бори нахуст тамоюли гузаштан ба консепсияи ДТМ (дониш, таҷриба, малака), ки дар арзёбии фаъолияти хонандагон ва МБТ нақши калидӣ дорад,ба миён гузошта шуда, натиҷаҳои босамари он дар мисоли омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар МТМУ собит гардидааст. Норасоӣ ва номутобиқатии барномаву китобҳои дарсӣ ба синну соли хонандагон ҳангоми интихоби осори Ҷомӣ ошкор ва бо далелҳои илмӣ собит шуда, намунаҳо аз осори адиб барои ҳар се зинаи омӯзиши адабиёт пешниҳод шудааст. Илова ба ин, методикаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ нахустин бор тавассути технологияҳои интерактивӣ пешниҳоди омӯзгорону муҳаққиқон гардидааст, ки ҳамчун модули таълимӣ дар таълими рӯзгор ва осори дигар адибон метавонад истифода шавад.

**Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методию амалии МБТ дар таълими адабиёт, аз ҷумла таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар МТМУ, ки дар зинаҳои омӯзиш барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон замина муҳайё мекунанд, мушаххас шудаанд.
2. Технологияҳои нави таълим, аз ҷумла усулҳои интерактивии таълим, ки асоси рушди МБ-ро дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ ташкил медиҳанд, таҳқиқ шуда, муносибати консептуалӣ ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти ин адиби бузург дар шароити МБТ пешниҳод гардидааст.
3. Натиҷаҳои озмоиши таълимӣ доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар МТМУ, ки ба собит намудани фарзияҳои таҳқиқот нигаронида шуда буд, ҷамъбаст гардида, бартарии технологияҳои интерактивии таълим дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти суханвар ва ташаккули салоҳиятҳо зимни таълими ҳар мавзуъ дар муқоисаи синфҳои озмоишиву контролӣ баён гардида, натиҷаҳо дар шакли омор пешниҳод шудааст.

4. Тамоюли наздикшавии консепсияи баҳодиҳии ДММ (дониш, малака, маҳорат) ба консепсияи ДТМ (дониш, таҷриба, малака) натиҷаҳои мусбате ба бор овардаанд, ки тафовут ва бартарии имконияти донишандӯзии хонандагон дар консепсияи ДТМ нишон дода шудааст.
5. Луғатомӯзӣ зимни омӯзиши рӯзгор ва мероси адабии Ҷомӣ як рукни асосии омӯзиши мероси адабӣ дар МТМУ ба ҳисоб гирифта шудааст. Ин усул бо усулҳои дигари интерактивӣ ҳамрадиф шуда, ба хонандагон дар шакли лоиҳасозӣ пешниҳод шуда, собит гардидааст, ки хонандагон тавассути он дар ҷустуҷӯи дониш, аз образи хонанда ба образи муҳаққиқ, муҳаррир, мураттиб, муаллим, муқарриз, тарроҳ (дизайнер), фасалитатор (ёвари омӯзгор), модератор (довари бетараф) ва ғайра гузашта, иҷтимоишавии худро тавассути ин нақшҳо нишон дода, рушди салоҳиятҳои донишандӯзӣ (аз худ кардани луғатҳо ва бамавқеъ истифода кардани онҳо, <u>коммуникативӣ</u> (ба вуҷуд овардани муносибати ҳамкорӣ дар гурӯҳҳо, расонидани ахбор ба дигарон, рушди муносибати расмӣ (корӣ) тавассути муоширати босалоҳият, гӯш карда тавонистани андешаҳои дигарон, таҳаммулпазирӣ, реклама карда тавонистан, ёфтани ғалатҳо ваислоҳи онҳо, такмили захираи луғавӣ ва ғайра), <u>салоҳияти маърифатӣ-ахлоқӣ</u> (рушди тафаккур, қобилият, баҳодиҳӣ, доштани фикри шахсӣ, сабурӣ, рушди муносибатҳои рафиқонаву дӯстона, масъулият ҳис намудан, тамоюл ба касбу ҳунар ва ғайра)-ро дар хонандагон ташаккул диҳад. Омӯзгор дар лоиҳаи мазкур дар нақши модератор (барандаи бетараф), ё лидери бетараф баромад кардааст, ки як талаботи муҳим дар МБТ аст.
6. Таълими ҳаёт ва эҷодиёти шоир дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо диду муносибати нав, бо истифодаи технологияҳои таълими интерактивӣ ва ҳамгироии онҳо дар мавқеъ ва лаҳзаҳои мушаххаси фаъолияти муаллиму хонанда баён шудаанд, ки дар маҷмуъ формати нави таълими ҳаёт ва эҷодиёти адиб намудор гаштааст.

7. Мушкилоти асосии аксари муаллимон дар таҳлили ашъори шоирони классик аст. Бо назардошти ин мушкилот, ашъори гуногуни шоир бо истифада аз усули шарҳи абёти алоҳидаи маснавӣ ва ғазалиёти Ҷомӣ истифода шудааст, то ки дар ин самт омӯзгорон роҳнамои хубе дар даст дошта бошанд.
8. Методикаи таълими асарҳои ҳаҷман калон, дар мисоли таълими достони “Юсуфу Зулайхо” ва “Хирадномаи искандарӣ” мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таҳлили яклухт ва таҳлил аз рӯи образҳои асар пешниҳод шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар диссертатсия татбиқи асосҳои назариявӣ ва амалии МБ дар мисоли таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ таҳқиқ шуда, он ҳамчун модули таълимӣ дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти дигар адибони классики форсӣ - тоҷикӣ метавонад истифода шавад ва ба ин васила раванди фарогирии низоми таълим ба МБ васеътар мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар таҳияи стандарт ва барномаи таълимӣ, навиштани китобҳои дарсӣ доир ба адабиёти тоҷик барои МТМУ, дастурҳои таълимӣ доир ба методикаи таълими адабиёт, курсҳои назариявӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, инчунин барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз методикаи таълими адабиёти тоҷик мавриди истифода қарор бигирад.

**Аҳамияти илмиву амалии таҳқиқотро** амсила (модел)-и аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда ва аз лиҳози озмоишӣ санҷидашудаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти адибон дар МТМУ, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудааст ва барои баланд бардоштани сифати таҳсил мусоидат мекунад, ташкил медиҳад. Пешниҳодоти илмию методии диссертатсия барои аз нигоҳи нав таълим додани ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ ва дигар суханварони бузурги адабиёти тоҷик моҳияти илмиву амалӣ дошта, омӯзгорони МТМУ ҳангоми таълими фанни «Адабиёти тоҷик», устодони коллеҷҳои педагогӣ ва донишкадаву донишгоҳҳои равияи

педагогӣ ҳинни таълими фанҳои “Методикаи таълими адабиёти тоҷик”, “Таърихи адабиёти тоҷик” истифода баранд. Инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимони забон ва адабиёти тоҷик тавсияҳои илмию методии диссертатсияро пешниҳод кардан мумкин аст.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Саҳеҳият ва натоиҷи бадастомадаро технологияҳои интерактивии ба мақсад, объект, мавзуъ ва вазифаҳои пажӯҳиш мувофиқбудаи таълим таъмин кардаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои асосии дар диссертатсия бадастомада аз саҳеҳияти таҳқиқот сарчашма гирифта, дар лабараторияи илмию амалӣ озмоиш шуда, тавассути технологияҳои оморӣ мавриди таҳлили микдорию сифатӣ ва арзёбии ҷамъбастӣ қарор гирифтаанд. Озмоишҳои таълимӣ дар чаҳор муассисаи таълимӣ гузаронида шуда, дар марҳалаҳои таҳқиқот аз муассисаҳои таълимӣ беш аз 350 хонанда ва 65 нафар омӯзгорон иштирок намуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дисертатсия ба ихтисоси 13.00.02.04-Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** аз он иборат аст, ки дар ҳама марҳалаҳои таҳқиқот, аз ҷумла ташкил ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, санҷиш ва татбиқи натоиҷи озмоишҳову таҷрибаҳо, коркард ва тавзеҳи маълумоти бадастомада аз таҳқиқу озмоиш, таҳия ва нашри натиҷаҳои тадқиқот бевосита иштирок кардааст. Иштироки шахсии муаллифи диссертатсия ҳамчунин дар он ифода меёбад, ки ӯ намунаҳои нақшаи ташаккули салоҳиятҳоро доир ба ҳар як масъалаи мавзуи мавриди таҳқиқ мураттаб намуда ва аз озмоишҳои педагогӣ гузаронида, натиҷаи онро пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** дар ҳамаи марҳалаҳои пажӯҳиш сурат гирифта, ки дар чунин шаклҳо дар амал татбиқ шудаанд:

-Гузориш дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ дар мавзуи

“Муносибати босалоҳият ба таълим ва мушкилоти татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (25.12.2021. ДДОТ ба номи С.Айнӣ), конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим” (27. 12. 2022. ДДОТ ба номи С.Айнӣ), конфронси илмӣ-амалии байналмиллалӣ “Масоили мубрами таърих, фарҳанг, таърихнигорӣ ва манбаъшиносии халқҳои Осиёи Миёна”дар ДОТ ш. Панҷакент (28.12.2021), конфренсияи илмӣ-амалии байналмиллалии филиали Донишгоҳи давлатии Москав ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе таҳти унвони “XII Ломоносовские чтения” (29.04.2022), конференсияҳои апрелии ҳайати профессорону омӯзгорони ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров (солҳои 2018-2023);

- суханронӣ дар семинарҳои машваратӣ ва мизҳои мудаввар, ки дар факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров (солҳои 2018-2023) баргузор шудааст;

- муҳтавои асосии пажӯҳиш дар шурои илмӣ ва шурои методии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров мунтазам мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи дессертатсия.** Муҳтавои асосии пажӯҳиш дар 15 мақолаи муаллиф инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола**: Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслҳои махсусанд, хулоса, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 206 саҳифаро фаро мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 254 номгӯй иборат мебошад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## I.1. Асосҳои назариявӣ ва методии муносибати босалоҳият ба таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Соҳаи маориф дар замони муосир аз ҷумлаи муҳимтарин захираи рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар мамлакати рӯ ба тараққӣ маҳсуб мешавад, зеро пешрафти иқтисодиёт, некуаҳволии мардум ва дар маҷмуъ рушди ҷомеа ба рушди устувори маориф вобаста аст. Дар сиёсати Ҳукумати ҶТ низоми маориф ба ҳайси яке аз самтҳои асосии рушд ва амнияти кишвар шинохта шуда, дар ин соҳа ҳамасола тадбирҳои мушаххас ба роҳ монда мешаванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, рушди маорифро аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Тоҷикистон номидаанд. Бо ибтикор ва раҳнамоии Пешвои миллат илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, ҳамчунин ба сифат, мазмуну муҳтаво ва раванди таълим вобаста ба талаботи педагогикаи муосир ислоҳот ворид мегардад, ки ҳадафи аслӣ баланд бардоштани сифати таълим аст. Таҳияи стандарту барномаҳо ва ҷорӣ кардани шеваҳои нави таълими ҷавобгӯ ба талаботи замон метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Тавре ки дар муқаддимаи диссертатсия зикр гардид, ВМИ ҶТ дар иҷрои ин ҳадафи муҳими стратегӣ дар доираи “Барномаи ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф” ҷорӣ намудани муносибати босалоҳиятро дар низоми таҳсилоти ҶТ амалӣ намуда истодааст. Ин таҷриба аз соли хониши 2016-2017 шуруъ гардида, то ба имрӯз идома дорад. Амалӣ намудани ин раванд дар синфҳои 1-4 хуб роҳандозӣ гашта, мутахассисон

барои роҳнамоии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ як силсила модулҳои таълимӣ таҳия намуда, паҳлӯҳои гуногуни бархурди ин равандро дастурдиҳӣ намудаанд. Вале барои синфҳои боло (5-11) дар таълими аксарияти фанҳо, аз ҷумла адабиёти тоҷик, дастурҳои тахассусӣ, ки назария ва амалияи ин раванд инъикос ёфта бошад, то имрӯз таҳия нагардидааст. Дар таълими адабиёт, тавре ки дар аввал таъкид намудем, ба ҷуз ду- се мақола дастур ва ё таҳқиқоте, ки мавқеи амалӣ намудани чунин муносибатро ба таълими адабиёт аз нигоҳи илмию методӣ мушаххас намуда бошад, пайдо нашудааст. Корҳои илмии зиёди мутахассисон ба замони шуравӣ рост меояд. Дар замони шуравӣ ҳамагӣ 9 нафар мутахассисон доир ба таҳқиқи илмии масъалаҳои методикаи таълими адабиёти тоҷик мешғул шудаанд ва аз 9 нафар танҳо се нафари онҳо (Ш.Тағоев, Ғ.Мирзоев, Ш.Исломов) 50-30 сол муқаддам дар таҳқиқи таълими таърихи адабиёти тоҷик рисолаҳои илмӣ дифоъ намудаанд. Масалан, таҳқиқоти методист Ш.Тағоев доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ба солҳои 60-70-уми асри гузашта рост меояд. Ду дастур ва як мақолаи таълимии ӯ бо унвони "Таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфҳои VI-VII" [116], "Таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи VIII" [115] , "Эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9" [226] аз ҳамин қабиланд. Мақолаи А. Абдувалиев "Таълими достони "Хирадномаи искандарӣ" -и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9" (158) низ соли 1967 таълиф шудааст, ки ҷанбаи қавии методӣ надорад. Номзади илмҳои филологӣ Т. Миров соли 1986 "Дастурии методии "Адабиёти тоҷик" барои синфи 9" [84]-ро таҳия намуда, доир ба ҳар як дарс, аз ҷумла доир ба ҳаёту эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ тавзеҳоти мухтасаре додааст, ки орӣ аз нишон додани роҳу усулҳои таълими мавзуъҳост [84, 28]. Вале дар байни тадқиқоти дар замони шуравӣ анҷомёфта, ба андешаи мо, пажӯҳиши илмии методист Ш. Исломов доир ба "Таълими достонҳои лироэпикӣ дар синфҳои 8-9" [236] як тадқиқоти бунёдие дар ин соҳа ба ҳисоб меравад, ки дар он таҷрибаи беш аз 70-солаи таълими адабиёти

классикии тоҷик  дар арафаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ҷамъбаст гардидааст. Таҳлилу баррасии барномаҳои таълимӣ (солҳои 40-90), китобҳои дарсӣ (солҳои 50-90), омилҳо ва сабабҳои  паст будани сатҳи дониши хонандагон аз таърихи адабиёти тоҷик (солхои 90) ва дар баробари он пешниҳод намудани консепсияи нави ба илм ва таҷриба асосёфтаи омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик, ки дар он мавқеи истифодаи усулҳои таълим зимни омӯзиши адабиёти классикии тоҷик (Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҷомӣ, Шоҳин) пешниҳод шудаанд, аҳамияти баланди илмию амалӣ дорад. Омӯзиши достони “Хираднномаи искандарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомӣ [186] дар таҳқиқоти  муҳақиқ  хеле ҷолиб ва бо назардошти усулҳои ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ ва муқоиса таҳрезӣ шуда, андешаманд намудани хонанда, ҷустуҷӯ тариқи муқоиса ва ба даст овардани дониш ва хулосаҳои зарурӣ ҷавҳари асоси корро ташкил медиҳанд, ки дар методикаи таълими адабиёти тоҷик як бозёфти муҳими усулӣ аст. Муҳақиқ муқаррар намудааст, ки то охири солҳои 40-уми асри гузашта осори классикони адабиёти тоҷик дар мактабҳои миёна омӯзонида намешуд ва танҳо дар солҳои 50-90 асри XX дар синфҳои 9-10 мактабҳои миёнаи ҷумҳурӣ омӯзиши 30 асари калонҳаҷм (достон, маснавӣ) пешниҳод шудааст, ки қариб аксарияти онҳо мавқеи устувори омӯзиш надоштанд. Яъне,  агар дар барномаи нахустини таълими адабиёт (соли 1943) 10 асар (достон ва маснавӣ) барои омӯзиш пешниҳод шуда бошад, солҳои 50-ум миқдори онҳо ба 14-15 расида, минбаъд омӯзиши як асар ба асри дигар иваз карда шудааст, ки як сабаби аз байн рафтани муттасилӣ дар таълим, хира гаштани осори безаволи адибони сатҳӣ ҷаҳонӣ ва сифатан паст рафтани сатҳи дониши хонандагон гардидааст [236]. Ба мушоҳидаи мо, ин раванд имрӯз низ идома дорад.

Соли 1991 китоби Т. Миров, Ш. Исломов, Қ. Хоҷаев “Методикаи таълими адабиёти тоҷик”[82] ба нашр расидааст, ки он низ ба замони бозсозии ҷомеи шуравӣ рост меояд ва  муаллифон  кӯшиш кардаанд, ки таҷрибаи дар замони  шӯравӣ  андӯхтаро дар қолабҳои илмӣ рехта,

дастраси донишҷӯёну омӯзгорони забон ва адабиёт тоҷик гардонанд. Китоби мазкур беш аз 30 сол аст, ки мавриди истифодаи омӯзгорону донишҷӯн аст ва дар он дониши “ҳаматарафа” гирифтани хонандагон асоси кор ва натиҷаи пешравии таълим ба ҳисоб гирифта шудааст, ки имрӯз ба талаботи муносибати босалоҳият чандон созгор нест. Дар ин хусус ҳақ ба ҷониби яке аз муаллифони китоб Ш. Исломов аст, ки мегӯяд: “Азбаски дониш беохир аст, китоби дарсӣ низ доиман тағйирпазир аст. Аз ин рӯ як китоби дарсӣ бетакмилу бетаҳрир ба муддати тӯлонӣ барозандаи ниёзи хонанда ва ҷомеа буда наметавонад... ва китоби беҳтарин ҳамонест, ки талаботи хонандаро қонеъ мегардонад”[188,135].

Дар замони Истиқлоли ҶТ низ оид ба методикаи таълими адабиёти тоҷик, аз ҷумла таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ, чанд китобу дастур ва мақолаҳои методӣ ба нашр расидаанд, ки дастури методист Ҳ. Саидов “Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 1Х”[105] аз ҷумлаи онҳост. Ҳарчанд методист кӯшиш кардааст, ки ба таълими ин мавзуъҳо аз нигоҳи нав муносибат намояд, вале аз доираи қолабҳои пешин набаромадааст. Ягона кори ҷолибе, ки анҷом додааст, таҳияи тестҳои таълимӣ доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ аст. Номзади илмҳои филологӣ М. Аҳмадов китоби “Таълими адабиёти тоҷик” [19;20] ва доктори илмҳои филология Абдусамади Мулло китоби “Методикаи таълими адабиёт” [88]-ро рӯи кор овардаанд, ки аз доираи методикаи таълими анъанавӣ набаромадаанд ва дар он масъалаҳои муносибати нав ба таълими адабиёт, асосҳои назариявӣ ва илмию амалии методика, бахусус ҷойгоҳи таълими интерактавӣ дар таълими адабиёти тоҷик ва ғайра мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Дар онҳо низ, мисли китоби пештара, дониши “ҳаматарафа” гирифтани хонандагон дар асоси маводи зиёди таълимӣ принсипи асосии таълим дониста шудааст.

Соли 1999 бо дастгирии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх бо номи «Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад» [112] дастуре барои

омӯзгорон ва хонандагони синфи VIII аз чоп баромад, ки онро методист Ш. Исломов ибтидои дигаргуниҳо дар сохтори китобҳои дарсӣ дар замони Истиқлоли ҶТ ва «китоби андешаҳо» шинохтааст [189,26]. Баҳси китоб зиндагӣ дар замони ҷанг, инсонгарой ва сулҳ аст. Дар дастур дар баробари матнҳои хурди адабиёти халқҳои ҷаҳон, ҳикояте низ аз «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ интихоб шудааст. Бори дигар хонанда аз ҳикояти мазкур моҳияти ҳаётӣ доштани осори Абдураҳмони Ҷомиро дар замони имрӯза, дар шароите, ки даргириҳо байни давлатҳо ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон идома дошта, ба сулҳу созиш ниёз доранд, дарк мекунад, андешаманд мешавад, баҳсу талош мекунад. Баррасии матни ҳикоя бо усулҳои интерактивӣ пешниҳоди хонанда гардида, ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ва ҳалли он тавассути даҳ саволе, ки хонандаро ба фикр, ҷустуҷӯ, муқоиса, мубоҳиса ва амал кардан водор менамояд, пешниҳод шудааст[112, 46].

Пас аз нашри китоби мазкур (соли 1999) то соли 2016 доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик дастур, китоб ва мақолаҳои мавриди андешаи нав, ки боиси ба миён омадани таҳқиқотҳои нави илмию методӣ бошанд, навишта нашудаанд. Танҳо баъди соли 2016 бо мақсади амалӣ намудани “Барномаи ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф” доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик чанд мақола, аз ҷумла Қутбиддин Мухторӣ бо унвони “Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар МТМУ”[206], С.Амонӣ “Роҳҳои ташаккули салоҳиятҳои таҳлилӣ-эҷодии хонандагон дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ[163] ва М. Султонмамадова “Методикаи таълими босалоҳияти қасидаи “Шикоят аз пирӣ”-и устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” [222] ва “Методикаи таълими босалоҳияти як ғазали Камоли Хуҷандӣ дар курси таърихи адабиёт” [223] дастраси омӯзгорон гардидаанд, ки барои ҳаллӣ масоили мазкур басанда нестанд.

Мақолаи Қ. Мухторӣ бевосита ба баррасии ташкили дарс вобаста ба муносибати босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик бахшида

шудааст. Муаллиф салоҳиятҳои хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо намуда, салоҳиятҳои фаннӣ ва байнифанниро шарҳ додааст. Ӯ салоҳиятҳоро дар дарси адабиёт ба асосӣ (калидӣ), байнифаннӣ (забон ва адабиёт) ва фаннӣ (адабӣ) ҷудо кардааст, ки ба назари мо, баҳспазир аст ва дар фасли оянда кор онро мавриди андеша қарор хоҳем дод. С. Амонӣ дар мақолаи хеш доир ба ташаккул ва таҳкими салоҳиятҳои фаннӣ дар дарсҳои адабиёти тоҷик ба таври умумӣ изҳори назар кардааст[163,71]. М.Султонмамадова муносибати босалоҳиятро ҳамчун усули таълим дар мисоли як қасидаи устод Рӯдакӣ ва як ғазали Камоли Хуҷандӣ пешниҳод намудааст. [222; 223]. Дар дастури "Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик оид ба муносибати босалоҳият дар таълим" [86] сухан бештар дар бораи зарурати муносибати босалоҳият дар таълим, тафовути он аз низоми таълими суннатӣ ва шеваи татбиқи он аст. Дар ин модул намунаҳо бештар аз забон оварда мешавад ва тарзи татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими адабиёт канор мондааст. Аз ин миён китобҳои Азим Байзоев "Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим"[24] ва "Масъалаҳои мубрамиислоҳоти соҳаи маориф" [25] ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Дар ин ду китоб мақолаҳои илмию методии муаллиф доир ба масоили мухталифи соҳаи маориф гирд омада, ки масъалаҳои МБТ аз масоили муҳимми он ба шумор меравад. Муҳаққиқ муҳимтарин масъалаҳои МБТ-ро шарҳ дода, роҳҳои осони татбиқи амалии онро пешниҳод мекунад, вале дар онҳо сухан аз боби таълими адабиёт намеравад. Имрӯз бо ҳамин ихтисос дар пажӯҳишгоҳҳои илмии Академияи таҳсилот ва кафедраҳои методикаи таълими адабиёти тоҷики мактабҳои олии равияи омӯзгории ҷумҳурӣ мутахассисони ҳирфавӣ намерасанд. Бинобар ин, аксарияти китобу мақола ва пажӯҳишҳои илмии имрӯза асосҳои илмию амалии методикаи муосири таълими адабиёти тоҷикро дар шароити таълими интерактивӣ ва муносибати босалоҳият ба таълим пурра инъикос карда наметавонанд.

Дар даҳсолаи аввали асри XX1 дар пажӯҳиш ва таҳқиқи масоили методикаи таълими адабиёти тоҷик як давраи хомӯшӣ ва бетарафие, мушоҳида мешавад, ки ба назари мо таъсираш то ба имрӯз аз байн нарафтааст ва ширкати ками муҳақиқон дар ҷорӣ намудани МБТ дар таълими адабиёти тоҷик ин пиндори моро собит менамояд. Аз ҷониби дигар, дар назарияи илмии педагогикаи тоҷик МБ мавриди таҳқиқи васеи илмӣ қарор нагирифтааст. Ҳатто дар мавриди истилоҳи он низ шакли ягона дида намешавад, баъзеҳо “низоми таълими салоҳиятнокӣ” ва гурӯҳи дигар “таълими босалоҳият” номидаанд. Агар дар модулҳои пешниҳоднамудаи ВМИ ҶТ “низоми таълими салоҳиятнокӣ” омада бошад, дар мақолаву дастурҳои пасин он “модул”, “муносибати босалоҳият”, “метод”, “усул”, ”равиш” ва ғайра истифода шудааст, ки далели гуногунназарии муаллифон дар ин масъалаи то ба ҳол ҳал нашуда мебошад.

Тамоми «Модулҳо»-е , ки аз ҷониби ВМИ ҶТ барои истфода тавсия шудаанд, салоҳиятнокиро низом гуфтаанд, ки аз Нақшаи Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ сарчашма мегирад. Вале ифодаи “низоми таълими салоҳиятнокӣ” дар шакли ғайримантиқӣ истифода шудааст, зеро дар ин ибора калимаи “таълими” зиёдатист. Вале дар мақола ва дастурҳое, ки пас аз «Модул»-ҳо чоп шудаанд, манзара дигар мешавад. Онҳое, ки ба назария ва амалияи МБ мақола ва пешниҳодоти илмию методӣ тавсия намудаанд, салоҳиятро низом, муносибат, модул, метод (усул) муаррифӣ кардаанд. Таҳқиқи масъала нишон дод, ки онҳое, ки салоҳиятро низом пиндоштаанд, аслан ба модулҳо пайравӣ кардаанд. Онҳое, ки дар пайравии таҳқиқотҳои илмию амалии коршиносони Федератсияи Россия пешниҳодҳои худро манзур намудаанд, онро «муносибати босалоҳият» муаррифӣ намудаанд. Муҳақиқону методистоне, ки асосҳои илмию назарии «салоҳият»-ро ковиш ва ё дастрас накардаанд, «салоҳият»-ро усули таълим пиндоштаанд.

Аз Нақшаи Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ бар меояд, ки салоҳиятро ҳамчун низоми нави маориф бояд қабул намоем. Ин

кӯшишҳо дар “Модул”-ҳои пешниҳоднамудаи ВМИ ҶТ ба назар мерасанд. Мураттибони модулҳо мехоҳанд низоми таълими анъанавие, ки поягузораш Я.А. Коменский мебошад, ба «низоми таълими салоҳиятнокӣ» табдил намоянд. Ин кӯшиш дар «Модули 1» хеле равшан ва ҳадафмандона ифода ёфтааст ва ба дунболи ин ақида дар модулҳои сонӣ амалияи ин назария пешниҳод шудааст.Вале мураттибон ба ин ҳадаф пурра ноил нашудаанд. Зеро «низоми таълими салоҳиятнокӣ» мафҳуми низоми таҳсилотро фарогир нашудааст ва шакли пайвандии (гибридии) баъзе аз равандҳои таълимро инъикос намудааст. Ҳар чизе ки дар аввал пешниҳод шуд, порча- порча барои зинаи аввали таҳсилот-мактаби ибтидоӣ буд ва пасон модулҳои алоҳида барои фанҳои дигар дар зинаҳои 2-3 интишор шуд, ки онҳо ҳам назария ва ҳам амалияи ин падидаи барои омӯзгорони ҷумҳурӣ навро дуруст накушоданд. Ҳамин андешаҳо муҳаққиқони ба ин мавзуъ иртиботдоштаро водор намудааст, ки аз истифодаи «низоми таълими салоҳиятнокӣ» худдорӣ намоянд.

Муҳақиқони ИДМ ва бахусус муҳаққиқони рус, салоҳиятро на низом, балки ҳамчун муносибат қабул кардаанд. Мутахассиси яке аз китобхонаҳои илмии Федератсияи Россия феҳристи 85 асару мақолаҳои ба салоҳият иртиботдоштаро дар сомонаи худ ҷой додааст, ки дар ягонтои он ибораи «низоми таълими салоҳиятнокӣ» истифода нашудааст. Дар ҳамаи онҳо ин таркиб дар шакли «муносибати босалоҳият» омадааст [254]. Илова ба ин, чи дар Тоҷикистон ва чи да Руссия оид ба ин мавзуъ рисолаҳои номзадию доктори ҳимоя шудааст, ки салоҳият на «низом», балки «муносибат» шарҳ ёфтааст. Дар модулҳо ва аксари мақолаву дастурҳои методӣ «низоми таълими босалоҳият»-ро болои консепсияи дониш, малака ва маҳорат (ДММ) гузоштаанд, ки он хилофи низоми босалоҳият аст. Дар ҳамаи давлатҳои мутараққии дунё (ба ҷуз давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ) низоми таҳсилот болои консепсияи KSA: knowlls, skills, abilies (ДТҚ-дониш таҷриба,қобилият) истодааст ва донишомӯзию таҷриба рукнҳои баробарвазн ҳисобида мешавад. Яъне, хонанда соҳиби донишҳое гардад, ки дар таҷриба ва

зиндагияш истифода карда тавонад. Дар Нақшаи Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ низ ин талаботи асосӣ аст. Яъне, вақти зиёди таълим тавассути таҷриба ҳосил намудани дониш аст. Ин талабот тақозо дорад, ки аз нисф зиёди маводи таълимӣ дар барномаву китобҳои дарсӣ бозбинӣ шаванд, вале вақти (соати) таълимӣ ихтисор нашавад. На камтар аз 50 фоизи донишро хонанда худаш мустақилона дарёфт намояд.

Муҳақиқону коршиносони тоҷик низ дар пайравӣ ба муҳақиқони рус дар гузоришу мақолаҳои худ ибораи «муносибати босалоҳият»-ро истифода карда, аз истилоҳи «низом» худдорӣ кардаанд. Гап сари он меравад, ки МБ консепсияи америкоӣ - аврупоӣ аст, ки  аз асри XVI ин ҷониб дар фазои илмию таҳсилотии аксари мамлакатҳои дунё чарх мезанад ва гузаштан ба ин низомро дар собиқ давлатҳои Иттиҳоди Шуравӣ аз охири асри XX ин ҷониб акнун таҷриба карда истодаанд. Дар Тоҷикистон ин раванд чӣ тавр сурат мегирад, аз сатҳи мутахассисони касбӣ, пажӯҳишҳои бунёдӣ ва  тайёрии омӯзгорони болаёқат вобаста аст, вале асоси ин низомро консепсияи  KSA: knowlls, skills, abilies (ДТК-дониш, таҷриба, қобилият) ташкил медиҳад. ВМИ ҶТ пайи амалӣ намудани ин мақсад ҷорӣ кардани педагогикаи дуалиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва Донишгоҳи омӯзгорию Донишгоҳи техникӣ ба нақша гирифтааст, ки нишонаҳои  татбиқи низоми босалоҳиятро дар самти дониш, таҷриба ва малака (ДТМ) бояд таъмин намояд.

Дар мавриди назария ва амалияи муносибати босалоҳият дар китобу дастурҳои таълимӣ ва модулҳои М. Лутфуллозода ва Ғ. Бобизода [64], Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев[87], Қ. Мухторӣ [90], Қ. Мухторӣ, Д. Сафин, Н. Кабиров[91], Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов, Э. Ҷонмирзоев, М. Эргашева, Қ. Зиёев [93] ва дигарон ба таври умумӣ ҳам бошад маълумот  дода шудааст, вале дар аксарияти онҳо қариб баҳс ва андешаҳои амиқи  илмӣ  ҷой наёфтаанд, вале  изҳор шудааст, ки ин модул ва дастуру раҳнамоҳое, ки доир ба МБТ таҳия шудаанд, ба такмил ниёз доранд.

Аз байни ин модулҳо танҳо дар “Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик оид ба муносибати босалоҳият дар таълим” дар масъалаи татбиқи МБ дар дарсҳои адабиёти тоҷик маълумоти кӯтоҳе дода шудааст, ки чизеро равшан намекунад[86]. Аммо дар китобу мақолаҳои донишмандони рус, монанди А.Н.Дахин “Педагогика компетентности”[171], “Образовательная компетентность”[172], А.В. Хуторской “Ключевые компетенции как компонент личностно-ориентированного образования” [230], И.А. Зимняя “Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании”[44], Г.Л. Леонова “Формирование ключевых компетенций на уроках литературы в старших классах”[245] ва дигарон доир ба татбиқи МБТ ва роҳҳои ташаккули салоҳиятҳо дар дарси адабиёт маълумот дода шудааст. Масалан, Г.Л. Леонова доир ба роҳҳои ташаккули салоҳиятҳо менависад: “Таҷрибаи чандинсолаи таълим бар он шаҳодат медиҳад, ки дар дарсҳои адабиёт муносибати шахсӣ ба арзишҳо ташаккул меёбад. Кор бо матни асари бадеӣ ба сифати навъи мураккаби матн (чунки он натиҷаи тафаккури фардӣ, муаллифӣ, образнок аст), ба назари мо, ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ (асосӣ) мусоидат мекунад”[245].Муҳаққиқи рус А.В. Хуторской салоҳиятҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудааст: “иҷтимоӣ, арзишсоз, умумифарҳангӣ, таълимӣ-маърифатӣ, иттилоотӣ, коммуникативӣ, иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва шахсӣ”[230]. Коршиноси тоҷик Қутбиддин Мухторӣ бо такя ба таҳқиқоти донишмандони русзабон ва бо назардошти хусусиятҳои хоси адабиёти тоҷик салоҳиятҳои ташаккулёбандаро табақабандӣ намудааст. Ӯ дар ҳамкории Д.Сафин ва Н.Кабиров салоҳиятҳои асосӣ ё худ калидиро ба панҷ гурӯҳ тақсим менамояд: “иртиботӣ (коммуникативӣ), ҳамкорӣ, тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, маҳорати омӯхтан”[91,63]. Вобаста ба махсусияти фанни адабиёт муаллифи номбурда салоҳиятҳоро дар дарси адабиёт ба се гурӯҳ тақсим менамояд: “1.Салоҳиятҳои калидӣ,

2.Салоҳиятҳои адабии коммуникативӣ (байнифаннӣ) ва 3.Салоҳиятҳои адабӣ (фаннӣ)” [206,64]. Ин таснифоти муаллиф, ба андешаи мо, такмилталаб аст, зеро дар ин сурат салоҳиятҳои иҷтимоишавӣ, иттилоотӣ, маърифатию ахлоқӣ ва ғайра, ки салоҳиятҳои калидӣ маҳсуб мешаванд, рушд наёфта мемонанд. Дигар ин ки, зери мафҳумҳои “салоҳиятҳои калидӣ” ва “салоҳиятҳои адабӣ (фаннӣ)” чӣ дар назар аст, маълум нест, чунки мо ба таснифотҳои А.Н. Дахин [171:172] , А.В.Хуторской (230) ва чанде дигарон шиносоӣ пайдо кардем, вале дар ин шакл гурӯҳбандӣ намудани салоҳиятҳо ба чашм нарасид. Омӯзиши масъалаҳои назарӣ ва илмии МБ ва татбиқи онҳо дар МТМУ яке аз масъалаҳои мубрами педагогикаи тоҷик ба шумор рафта, таҳқиқотҳои бунёдиро талаб менамояд.

Дар Стратегияи миллии рушди маориф самтҳои тағйироти муносибат ба таълим таъйин шуда, гузариш ба низоми салоҳиятнокӣ ба нақша гирифта шудааст.Зарурати гузариш ба шакли нави тадрис бо дарназардошти талаботи МБТ вобаста ба омилҳои дохилӣ ва берунии таҳсилот аст. Пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани сифати таҳсил дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ зарурати таҳия ва татбиқи МБТ ба миён меояд. Ворид намудани чунин тағйирот дар таҳсили хонандагону донишҷӯён дар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа, дар “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020” ва “Стандарти давлатии таҳсилот” сабт шудаанд. Вобаста ба ин, МБТ давра ба давра татбиқ карда мешавад. Заминаи асосии МБ дар таълими адабиёт, ки дар курси хониши эзоҳӣ (синфҳои 1-4) гузошта мешавад, дар зинаҳои дигар, яъне курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) ва курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) ташаккул меёбад ва амалӣ шудани ин ҳадафҳо вақти зиёдро тақозо мекунад.

Баррасии андешаҳои мутахассисон ва озмоиши таълимӣ собит намуд, ки дар дарсҳои адабиёт чаҳор марҳала, ки дар “Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11” ҳангоми

баррасии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ оварда шудааст **(дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйир додани матн, таҳияи матни худ)**[7] татбиқ намудан мувофиқи мақсад аст. Мутахассисон вазифаҳои ду марҳалаи аввалро, дар он мебинанд, ки “хонанда тавассути хониш бо мазмуни матн шинос мешавад, дар атрофи номи он мулоҳиза мекунад, калимаҳои душворфаҳми онро аз луғат меёбад, шарҳ медиҳад, матнро ба қисматҳо ҷудо мекунад, ғояи асосии онро муайян менамояд. Мақсади муаллифро дарк менамояд ва назари худро нисбати ҷиҳатҳои мустаҳкам ва сусти он иброз менамояд”[206,63]. Қадами аввал дар методикаи суннатии таълими каломи бадеъ, тибқи таъкиди методистон, қироати саҳеҳ ва ифоданоки матн аст. Дарки матни бадеӣ танҳо ба воситаи қироати саҳеҳ ва ифоданок сурат мегирад. Таъйини вазн, қофияву радиф, ҳарфи равӣ, шарҳи калимоти душвор, дарёфти санъатҳои бадеӣ, шарҳи байт (дар каломи манзум), муайян намудани ғояи асар ва монанди инҳо, ки аз талаботи методикаи суннатии таълим аст, дар МБТ “баҳодиҳӣ ба матн” унвон гирифтааст. Марҳалаҳои севуму чаҳоруми МБТ, яъне тағйири матн ва таҳияи матни худ, ки ин ду марҳала бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои эҷодкорӣ, мустақилӣ, озодбаёнию соҳиби андешаи худ будан дар хонанда нигаронида шудааст. Дар низоми суннатӣ хонанда бо нақли матн ва навиштани иншо перомуни матн маҳдуд мегардад, аммо дар МБТ хонанда бо нақлу навиштани иншо қаноат намекунад, балки аз матн идеяро мегирад ва бо такя ба он матни нав эҷод мекунад, ки боиси ташаккули салоҳиятҳо мегардад. Яъне, дар усули МБТ натиҷаи таълим, ки хонанда комёб мегардад, дар мақоми аввал қарор мегирад. Ва ҷойи таъкид аст, МБТ таълими анъанавиро билкул инкор намекунад, балки ба низоми таълим муносибати нав ворид месозад. Методист А. Байзоев дар ин масъала менависад: “Муносибати босалоҳият ба таълим, дар ҳақиқат, шакли нави фаъолият буда, аз низоми анъанавии таълим бо хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунад ва афзалтар аст. Сониян, ҷорӣ кардани муносибати босалоҳият ба таълим ҳаргиз маънои аз беху бун кандани низоми анъанавиро надорад”[25,26]. Вале салоҳияти муаллим дар МБТ

тағйир меёбад. Дар низоми суннатӣ, ки омӯзгор мавқеъ ва ҳукми қотеъ дорад, ҳамкории дутарафа коҳиш меёбад ва хонанда дар меҳвари таълим қарор намегирад. Дар МБТ муаллим раҳнамову ёрирасон ва довари ҳақбин аст, хонандаро ба ҷустуҷӯ раҳнамун месозад.

Дар баробари риояи чаҳор марҳалаи зикршуда, ки дар дарси адабиёт ба ташаккули салоҳиятҳо замина мегузарад, иҷрои панҷ унсур: **хонад, донад, тавонад, азхуд кунад ва дар амал тадбиқ намояд** бояд бо роҳу усулҳое амалӣ шавад, ки муаллим манбаи дониш ва хонанда шунаванда набошад. Худи хонанда тавассути роҳнамоии муаллим ин марҳалаҳоро тай намояд. Расидан ба марҳалаи ниҳоӣ бояд мақсади ҳам муаллим ва ҳам хонанда бошад. Масалан, дар мавриди қофия хонанда дар хондан оҳангро риоя кунад ва пасон **донад,** ки калимоти ҳамоҳанги охири мисраъ ва байтҳоро қофия меноманд; хонанда бояд калимоти ҳамоҳанги охири мисраъу байтҳоро муайян карда **тавонад**; хонанда бояд унсурҳои асосии қофия, ки ӯро дар шинохти калимоти қофия ҳидоят мекунанд, **азхуд кунад** ва шарти асосии талаботи МБТ дар мавриди қофия он аст, ки дилхоҳ шеъре, ки ба хонанда пешниҳод мешавад, калимоти қофияи онро ташхис дода тавонад. Яъне, хонанда дониши дар мавриди қофия андӯхтаашро дар амал татбиқ намояд.

Дар МБТ ба таълим шеваи бархурди хонандаву омӯзгор, хонандаву маводи таълим, хонандаву аҳли синф дар раванди таълим махсусиятҳои ба худ хос доранд. Масалан, дар дарси адабиёт бояд ҳамон маводе барои таълим ба хонанда пешниҳод шавад, ки барои ташаккули салоҳиятҳо созгоранду дар зиндагӣ ба кор меоянд. Аз ин хотир дар МБТ "омӯзгорон имконияти иваз кардани мавзуъ ва мундариҷаро доранд"[87,46]. Хонандамеҳварӣ, чунонки зикр шуд, аз мушаххасоти муҳими МБТ аст. Ин хусусият муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонанда, хонандаю маводи таълим ва муносибати байниҳамдигарии хонандагонро таъйин менамояд. Омӯзгор, ки раҳнамоии хонандагонро дар раванди дарс ба дӯш дорад, донистан ва дар амал татбиқ намудани

ин мушаххасот ба ӯ имконият медиҳанд, ки дараҷаи азхудкунии дониш, малакаю маҳорати хонандагонро мушоҳида намояд ва дар марҳалаҳои мухталифи ташаккули салоҳиятҳо ба онҳо мадад расонад.

Таҷрибаву мушоҳидаҳо ва озмоишҳои педагогӣ дар МТМУ нишон медиҳанд, ки новобаста аз он ки аз татбиқи МБТ дар муассисаҳои таълимӣ беш шаш сол сипарӣ шудааст, аксари омӯзгорон аз моҳияти он бехабаранд. Баъзе аз омӯзгорон МБТ-ро ҳатто қабул надоранд ва як бори зиёдатӣ ба дӯши омӯзгор медонанд ва гурӯҳи дигар аз татбиқи он дар ҳаросанд, ки омӯзгорон аз низоми суннатӣ дур мешаванду хонандагон бесавод мемонанд. Ин ҳама нофаҳмиҳо ва ихтилофи назарҳо бесабаб нест, зеро то кунун доир ба ҳамаи фанҳои тадрисшаванда сдандарту барнома ва дастурҳои таълимӣ доир ба татбиқи МБТ вуҷуд надоранд ва ҳатто дар байни методистон низ ихтилофи назарҳо вуҷуд дорад.

Барои татбиқи босамари МБТ, пеш аз ҳама, бояд доир ба ҳар як фанни таълимӣ сдандарту барнома таҳия шаванд ва ё стандарту барномаҳои ҷорӣ таҷдиди назар шуда, ба талаботи МБТ мувофиқ карда шаванд. Дар стандартҳои фаннӣ бояд салоҳиятҳо шарҳу тавзеҳ ёбанд ва роҳҳои арзёбии онҳо муайян шаванд. Баъд аз таҳияи стандартҳо барномаи таълими ҳар як фан бояд вобаста ба талаботи МБТ мураттаб шаванд, доир ба ҳар як мавзуъ салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои онҳо муайян гарданд. Албатта, ин салоҳиятҳо метавонанд намуна бошанд, то ки омӯзгор дар асоси он нақша ё модули таълимии худро матраҳ созад.

Мутахассисон ва омӯзгорони МТМУ борҳо таъкид кардаанд ва мушоҳидаву озмоишҳои педагогӣ низ нишон доданд, ки барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик дар МТМУ ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Аз ин рӯ, бояд стандарт, нақша, барномаи таълим, китобҳои дарсии адабиёт аз нав таҳия шуда, асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методию амалии онҳо ба талаботи МБТ мувофиқ бошанд. Баъд аз ин метавон ба тадбиқи босамари МБ дар таълими адабиёт дар МТМУ умедвор буд.

## I.2. Таълими интерактивии омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар МТМУ

Сифат ва самараи таълим аз интихоб ва истифодаи бамавқеи роҳу усулҳои таълим вобаста аст. Мақсади мо дар ин фасл он нест, ки усулҳои таълимро амиқ таҳқиқ барем, балки он аст, ки дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдуруҳмони Ҷомӣ ҷойгоҳи модели технологияи таълим ва рушди салоҳиятҳоро муқаррар намоем. Омӯзиши масъала собит намуд, ки мавқеъ ва дараҷаи истифодаи усулҳои таълим ҳангоми МБТ дар базе аз тавсияву дастурҳои таълимӣ яктарафа шарҳ ёфтаанд, ки дар таҷрибаи амалӣ таъсири манфӣ расонида, коршиносону омӯзгоронро ба иштибоҳ роҳандозӣ менамоянд. Масалан, дар «Модули 1» таъкид мешавад, ки «…дар низоми синфӣ-дарсӣ асосан методҳои шарҳӣ-аёнӣ истифода мешаванд» (93,5). Пас, методҳои дигаре, ки дар зарфи даҳсолаҳо омӯзгорон истифода мебурданд ва имрӯз низ мавриди истифода аст, дар МБ чӣ мавқеъ доранд? Онҳо дар аввал байни ду мафҳум: метод ва муносибат фарқ нагузошта, заифии низоми синфӣ-дарсиро аввал дар методҳо ва дуюм, ба дигаргуншавии вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мутобиқат накардани низоми мавҷуда донистаанд. Онҳо дар ин маврид се ақидаи илман асосноки олимону коршиносони соҳаро (Аткинсон Р., Вербитский А.А., Болотов В.А. ва Сериков) иқтибос овардаанд [93,7]. Иқтибосҳо аз рӯи мазмуну мундариҷа ва нишон додани дараҷаи номутобиқатии муносибатҳои наву кӯҳна дурустанд, вале ба методҳо ҳеҷ як муносибате надоранд. Онҳо беҳтаршаваии вазъи таълиму тарбияро дар тағйир додани муносибат баррасӣ кардаанд, ки воқеият дорад ва бори дигар таъкид карданием, ки усулҳои таълим дар ҳамаи намуди низоми таълиму тарбия ба кӯҳнаву нав, фаъолу ғайрифаъл бояд ҷудо нашаванд ва ҳар кадоми он дар мавқеи худ шоистаи эътироф аст ва ҳатто, агар мо аз низоми синфӣ-дарсии Я.А. Коменский пурра даст кашем ва низоми нави дигарро ҷорӣ намоем ҳам, усулҳои мавҷуда шомили ҳамон низом мегарданд. Ҳатто як нигоҳи умумӣ ба таҳқиқоти дар ин самт анҷомшуда нишон медиҳад,

ки дар илми педагогика усулҳои педагогикаи ҳамкорӣ (Ушинский Н.Д., Макаренко А.С.), усулҳои репродуктивӣ, проблемавӣ, ҷустуҷӯӣ - таҳқиқотӣ (назарияҳои М.И. Махмутов, И.Я Лернер) ва усулҳои омехта аз рӯи нишонаҳои таълимӣ-маърифатӣ, ҳавасмандгардонӣ, арзёбӣ ва самаранокӣ (назарияҳои Ю.Б.Бабанский, М.Н. Скаткин) ва ғайра арзишманд буда, ҳоло дар қатори аввали технологияҳои имрӯзаи таълимӣ меистанд ва инро мураттибони «Модули 1» дар «Модули 3» пурра иқроранд.

Дар охири асри гузашта ва ибтидои асри ХХ1 дар методикаи таълими адабиёти тоҷик низ тадқиқҳои илмие пайдо шуда буданд, ки дар онҳо усулҳои таълими адабиёти тоҷик ва ҳатто роҳу усулҳои таҳлили асарҳои бадеӣ дар мактабҳои миёнаи ҷумҳурӣ дар асоси дастоварҳои илмию амалии педагогика ва методикаи таълим таълиф шудаанд ва имрӯз низ мавриди истифода қарор доранд. Чунин назария дар корҳои илмию таҳқиқотии методистони тоҷик Ш. Исломов, Қ. Хоҷаев, С. Наимбоев, Ғ.Мирзоев, М.Қозиҷонов, А.Аминов, А.Ваҳҳобов, М. Пиров ва чанде дигарон мавқеи муҳим дорад, ки аз таҳқиқоти олимони шинохтаи соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими адабиёти замони шуравӣ ба монанди Л.С. Выготский, М.Н. Скаткин, Ю.К. Бабанский, Е.Ф. Шаталов, М.А. Рыбникова, В.В. Голубков, И. Я. Лернер, А.А. Липаев, В.А. Николский, З.Я. Рез, Н.И. Кудряшев, Г.И. Беленький, В.Г. Маранцман, С.К. Бирюкова ва дигарон сарчашма мегиранд. Тавре ки дар муқаддимаи диссертатсия таъкид намудем, яке аз таҳқиқоти фундаменталие, ки дар соҳаи омӯзиши мероси классикони адабиёти тоҷик дар солҳои 90-уми асри гузашта анҷом ёфтааст, ин таҳқиқоти илмии Ш. Исломов ба ҳисоб меравад. Муҳақиқ бори аввал дар методикаи таълими таърихи адабиёти тоҷик истифодаи васеи усули муқоисаро дар мисоли омӯзиши муқоисавии беҳтарин осори классикони тоҷик, достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, достонҳои «Искандарнома» ва «Лайлию Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ, достони «Хираднномаи искандарӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва достони

«Лайлию Маҷнун»-и Шамсиддни Шоҳин ба таври илмию амалӣ возеҳ нишон дода, таъкид ба он дорад, ки табиати адабиёти классикии тоҷик майл ба омӯзиши муқоисавӣ дорад ва истифода аз он имкон медиҳад, ки хонанда мустақилона тавассути ҷустуҷӯ монандӣ ва тафовутҳоро муқаррар карда, асарҳоро хубтару беҳтар омӯзад ва тафаккури таҳлиливу мустақилияти худро дар баҳодиҳӣ рушд диҳад [236, 27]. Ӯ ҳамин назарияро дар даҳ мавриди омӯзиши адабиёти классикӣ бо истифодаи ин тарзи таълим нишон дода, мустақилона аз худ намудани донишро дар ҳамгироии усулҳои репродуктивӣ, таҳқиқотӣ-ҷутуҷӯӣ, проблемавӣ, муқоиса, индуксия, дедуксия, баҳсу мубодила ва ғайра медонад, ки он як таҳқиқоти навин дар методикаи таълими адабиёти тоҷик дар охири садаи XX буд ва имрӯз низ моҳияти илмию амалии худро гум накардааст. Мураттибони «Модули 1» шояд муҳимияти масъаларо дарк карда, дар «Модули 3. Мавкеи методҳо дар низоми таълими салоҳиятнокӣ» камеислоҳот ворид намуда, таъкид кардаанд, ки «Таълими хонандамеҳвар аз назарияҳои зерин маншаъ мегирад:

1. Назарияи таълими проблемавӣ (Илина Т.А.).

2. Таълими ба шахсият нигаронидашуда (Якиманская И.С.).

3. Педагогикаи ҳамкорӣ (Ушинский Н.Д.,Макаренко А.С.) ...» [95,7].Вале фаромӯш кардаанд таъкид кунанд, ки дар илми педагогикаи тоҷик олимони соҳа монанди М.Лутфуллоев, Ф.Шарипов, Ш.Исломов, Қ Хоҷоев, С.Шербоев ва чанде дигарон таҳқиқоти илмии муносибе ба анҷом расонидаанд. Ба ҳар ҳол, мураттибон дар «Модули 3» назария ва амалияи технологияҳои талим, аз ҷумла усулҳои таълимро хеле доманадор ва амалӣ шарҳ додаанд ва мебинем, ки ҳамон усулҳои анъанавӣ, ки педагогҳои тоҷик- М.Лутфуллоев, Ф.Шарипов, Ш.Исломов, С.Шербоев ва дигарон тасниф ва тавсиф кардаанд, дар консепсияи онҳо, дар муносибатҳои нав усулҳои меҳварианд. Ҳатто онҳо номи сарлаваҳои матнро ҳамчун усули таълим муаррифӣ кардаанд, ки ҷойи андеша аст. Бо вуҷуди ин, дастур намунаи хубе барои истифодаи

амалӣ ва пажӯҳиш дар педагогикаи муосир аст, зеро кӯшишҳои нахустин дар ҷорӣ намудани МБТ ба ҳисоб меравад.

Бо зикри ин андешаҳо ба натиҷа мерасем, ки усулҳо дар низоми пешин, ба гуфтаи мураттибони «Модули 1» танҳо иборат аз методҳои шифоҳию аёнӣ иборат набудаанд ва методҳои ҷустуҷуӣ-таҳқиқотӣ, муқоиса, проблемавӣ ва ғайра дастоварди илмии олимони соҳа буданд, ки «... ҳадди истифодабарии онҳо то андозае муайян гардидааст ва омӯзгорон аз он бархурдорӣ менамоянд» [236,86]. Мушкилот дар истилоҳ ва номи ин ё он усул нест, балки дар равандҳои педагогӣ- сохтор, идоракунӣ, муносибат ва дар маҷмуъ низоми мавҷуда аст. Барои расидан ба салоҳиятҳо методология ва морфологияи системаи мазкурро таҷдиди назар кард, то ки дар қатори дигар равандҳо муносибат ба истифодаи методҳо тағйир ёбанд. Аз сӯи дигар, усулҳои таълим дар педагогикаи муосир, ба андозае ки боиси инқирози низоми маорифи имрӯза бошад, нест, балки ба гуфтаи В.А.Болотов ва В.В. Сериков, бояд муносибатро ба таълим дигар намоем, зеро «... тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иттилоотиву технологӣ боиси пайдо шудани фарҳангу мданияти нав гашта, дар он таҳсилот, ки танҳо ба андӯхтани дониш нигаронида шудааст, самаранокӣ ва мақсаднокиашро аз даст додааст» [93,7]. Пайгирии муҳаққиқон дар бораи ташаккули методҳои таълим аз замони амалӣ гардидани назарияи Я.А. Коменский то имрӯз нишон медиҳад, ки дар илми педагогика тағйирот ва таҳаввуллоти зиёде рух додааст ва нодида гирифтани онҳо аз рӯи инсоф нест. Вале мавриди қайд аст, ки тамоми таҳқиқоти олимони шуравӣ, аз ҷумла муҳақиқони ҷумҳурии мо, ба формулаи маъмулии <u>дониш, малака ва маҳорат</u> нигаронида шудааст. Донишаандӯзӣ талаботи аввал ва стандартӣ дошта, сол ба сол ҳаҷми маводи таълим на аз рӯи сифат ва моҳияти ба хонанда наздик будан, балки аз рӯи шумора ва ҳаҷман зиёд кардани он ба авҷи болои худ расид, вале барои ҳазми он, барои дар таҷриба ва амал санҷидани он вақту фурсат нагузоштанд ва барномаву китобҳои дарсии имрӯзаи адабиёти тоҷик аз руӣ ҳамин принсип таҳия шудааст. Аз байн рафтани

ИҶШС ва таъсири мамолики дар ин низом набуда, имкон фароҳам овард, ки на танҳо ба педагогика ва методикаи таълим, балки ба назария ва амалияи таҳсилот ислоҳоти ҷиддӣ ворид гардад. Акнун «Ба кӯдак на танҳо хондану навиштан, балки чӣ гуна хуб зиндагӣ карданро низ бояд омӯхт» [47,83]. Дар 30- соли охир дар таҷрибаи илмию амалии кормандони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ истилоҳи «интерактивӣ» ё худ «усулҳои интерактивӣ» паҳн гашта, вожаи серистеъмол гардид. Методологияи истифодаи таълими интерактивӣ ин ҳамкории муаллиму хонанда, шарикии хонанда дар интихоби мавод ва аз роҳи таҷриба гирифтани донишҳои нав, интихоби маводе, ки барои имрӯзу фардои хонанда созгор бошад ва салоҳияти муаллим роҳнамо, шарики ҳамкорӣ бо хонанда дар ташкили зиндагии имрӯзу фардои кӯдак аст. Барои расидан ба мақсад ҳамаи усулҳо хубанд ва дигар зарурат ба тафриқа намудани онҳо ба методҳои фаъол, ғайрифаъол, методҳои анъанавӣ ва ғайра намонда. Ва собит гардидааст, ки методҳои «ғайрифаъол» - суҳбат, нақл, шарҳ додан, намоиш додан ва ғайра низ дар мавқеи худ бо мақсади фаъол намудани хонанда дар зинаи дигари фаолият нақши муҳим доранд ва аз онҳо ба хотири «ғайрифаъол» буданашон даст кашидан нашояд ва ҳатто даст кашидан ҳам имкон надорад. Илова бар ин, муҳаққиқони соҳа усулҳои таълимро дар шароити ҷорӣ намудани МБ ба «кӯҳна» (анъанавӣ) ва «нав» (интерактивӣ) ҷудо накардаанд. Бояд дарк кард, ки методҳо кӯҳна нашудаанд, балки талаботи нави маърифатӣ, илмию фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоии ҷомеаи имрӯза талаб мекунад, ки муносибат ба таълим, муносибат ба технологияи истифодабарии он дигар шавад. Масалан «тарзи гӯш кардан» дар низоми педагогикаи шӯравӣ бо ишораи «бодиққат гӯш кардан» ҷамъбаст ёфта, усулҳои амалии он тариқи «муаллим мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хонандае матнро мехонад, дигарон бодиққат гӯш мекунанд», шарҳ меёфт. Салоҳияти муаллим дар хондани матн ва салоҳияти хонанда дар гӯш кардани хониш ҷамъбаст мегардид. Салоҳияти ҷонибҳо хеле сода ва маҳдуд шарҳ меёфтанд.

Имрӯз низ тарзи гӯш кардан дар аксари фанҳо, аз ҷумла адабиёт, хеле муҳим аст. Вале салоҳиятҳо чун пештара нестанд, балки салоҳияти муаллим ба вуҷуд овардани вазъият барои «ба таври фаъол гӯш кардан» ва амалан иҷро кардани фаъолиятҳоест, ки хонанда «шунидан»-ро аз «гӯш кардан» фарқ кунад. Гӯш кардан ин омода намудани хонанда ба марҳалаҳои дигари кор аст. МБ имкон медиҳад, ки муаллим то замоне дар хонандагон малакаҳои гӯш карданро ба вуҷуд наорад ва хонанда шунидану гӯш карданро фарқ накунад, бояд аз ҳадафи худ даст накашад. Хонандаро ба фаъолона гӯш кардан одат намудан як намуди фаъолияти интерактивӣ аст. Агар ӯ оромона вонамуд кунад, ки гӯш карда истодааст у фикру хаёлаш ҷои дигар бошад, на хонанда ва на муаллим ба мақсадҳои таълимии худ намерасанд. Бинобар ин, муаллим пеш аз гӯш кардан дастури гӯш карданро пешниҳод мекунад, ки шояд чанд ҷумларо ташкил диҳад. Пасон, ба гӯш кардани хонандагон мутаваҷҷеҳ мешавад, ки чеҳраҳо тағйир меёбанд, назарҳо ва чашмҳо ба кадом самт равона мешаванд, абрувон беҳаракатанд ё болву поён мераванд, нафаскашӣ бошиддат мегардад ё не ва ғайра. Чун ин нишонаҳо дар аксари хонандагон ҳувайдо гашт, муаллим эътимод пайдо мекунад, ки хонанда шунавандаи беэътибор нест, балки дар баробари шунидан, таваҷҷуҳ ба мазмун кардааст, муттаассир гашта, ба умқи гуфтаҳо фурӯ рафта истодааст. Агар не, гӯш карданро метавонад қатъ кунад ва аз нав бо муносибати дигар хонандаро ба гӯш кардан омода намояд, то даме ки хонанда ба шунавандаи фаъол табдил нашавад, то даме ки салоҳияти фаъол гӯш кардан дар ӯ рушд наёбад. Тавре ки мебинем, ин ҷо истилоҳи «гӯш кардан» тағйир наёфт, вале муносибати рӯякии лаҳзаи аввал «бодиққат гӯш кунед» ба муносибати босалоҳият «фаъол гӯш карда тавонистан» бо таъсири тарзи дастурдиҳӣ ва амалан такрор кардани он табдил шуд. Ҷойи шубҳа нест, ки аз ин рӯз ба минбаъд ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи педагогика, аз ҷумла методикаи таълими адабиёт, усулҳои нав, истилоҳоти нав пайдо шаванд, вале ҳар кадоми онҳо дар мавриди худ истифода хоҳанд шуд.

Масалан, усули аз ёд кардани матн, ки аз рӯзи пайдо шудани матн то ба имрӯз фаъол аст, оё метавонад дар МБ ва морфологияи усулҳои интерактивӣ «кӯҳна» шуда бошад? Не, ин усул яке аз аввалин усулҳои методӣ дар педагогикаи умумӣ буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд. Вале муносибат ба аз ёд кардан бояд тағйир ёбад. «Бисёр вақт кӯдакро ночор месозанд, ки шеърҳои бемаъниро ёд кунад. Ин танҳо беҳуда куштани вақт аст, балки таъсири баде дар ӯ мегузорад. Ҳар сухане, ки вазну қофия дорад, наметавонад муфид бошад; вай бояд бори маънӣ кашад. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст донад, ки ба кӯдак чӣ мефармояд» [47,62]. Ин ақида сухани болоро тақвият медиҳад, яъне усул не, балки муносибатро ба усул (интихоби шеъри олӣ ва тарзу усули аз ёд кардани он) дигар кард ва муносибати дурустро ба салоҳияти асосии омӯзгор шомил сохт. Салоҳияти маллим дар интихоби шеър ва касбияти ӯ дар интихоби усулҳое, ки ба ҳамкории муаллиму хонанда иртибот дошта бошад ва бо натиҷаи босамар анҷом ёбад, инъикос меёбад. Истифодаи маҷмуи тарзу усулҳое, ки ба иҷрои мақсадҳои таълимӣ ба ҳамкории муаллиму хонанда нигаронида мешавад, бояд таълимро осон, пурмазмун ва хонандаро фаъолу коргар намояд. Имрӯз дар назарияи педагогика чунин муносибатро технологияи талим низ меноманд. «Бисёр луғатҳои дузабона «технологияро» ҳамчун маҷмуи роҳу равишҳо барои санъаткорона, моҳирона ичро кардани коре шарҳ медиҳанд. Технологикунонии ҷараёни таълим - ин раванди инкишофест, ки баҳри баланд бардоштани самарабахшии ҷараёни таълим, кафолати ба натиҷаҳои чашмдошт расидани хонандагон равона шудааст[95,7].

Дар замони Истиқлоли Тоҷикистон шуруъ аз соли 2016 масъалаи МБТ рӯи кор омад. Вале то он дар тӯли 30- соли охир методистон ва омӯзгорон аз истилоҳоти нав-лоиҳавӣ, интерактивӣ, презентатсия, инструктаж, нақшофарӣ, лабиринт, эстафета, «мозговой штурм» ва ғайраро ба сифати усул истифода бурда истодаанд ва аксарият онҳоро усулҳои фаъол меҳисобанд. Вале усулҳои «кӯҳна» аз байн нарафтанд, балки дар ҳамбастсгӣ таълимро хубтару самарабахш намуда истодаанд.

Дар ин самт ҳақ ба ҷониби методист Ш.Исломов аст, ки менависад: «Усулҳо дар алоҳидагӣ не, балки дар ҳамбастагӣ ва вобаста ба мавқеъ ва вазъият бояд истифода шаванд, вагарна ҳар як метод дар алоҳидагӣ моҳияти оптималӣ касб намекунанд ва занҷири асосии мазмуну мундариҷаи ягонаи таълим гусаста мегардад» [236,90]. Бинобар ин, педагогони шинохтаи шуравӣ таъкид карда буданд, ки «Оптимизатсия истифодаи ҳамаи усулҳоро, ки бо дарки мантиқӣ, ҳамбастагии оптималӣ, бо назардошти вазифа ва шароити дарси мушаххас интихоб шудааст, тақозо дорад» [22,108]. Ин тавсияҳо дар шароити МБТ моҳияти илмию амалии худро гум накардаанд.

Дар рафти таҳқиқот ва махсусан гузаронидани таҷрибаҳои озмоишӣ мо аз усулҳои фарогири таълим (хондан, нақл, суҳбат, шарҳ додан, луғатомӯзӣ, лоиҳасозӣ, презентатсия, муқоиса, мубодила, ҷустуҷӯй-таҳқиқотӣ, нақшофарӣ, корҳои гурӯҳӣ, инфиродӣ, эстафета, мизи мудаввар, тест ва ғайра), ки солҳои охир дар назария ва амалияи методикаи таълим ҳамчун усулҳои интерактивӣ эътироф шудаанд, дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ вабаста ба вазъияти мавҷуда истифода намудем ва самаранокии онҳоро ба мушоҳида гирифтем. Таҷриба собит намуд, ки истифодаи маҷмуи усулҳо аз вазъияти таълимӣ ва маҳорати (бароати) омӯзгор вобастагӣ дорад. Ҳар қадар салоҳияти омӯзгор дар ташкили ҷараёни таълим машаххас мақсаднок бошад, ҳамон қадар хонанда арсаи илму ҳилм ва муҳити зисту зиндагии хешро васеъ мебинад ва дарки вақеияти ҳодисаву воқеаҳо ба ҷаҳонбинӣ ва рушди ахлоқу одоби ӯ бетаъсир намемонад. Ва агар омӯзгор ҳар дарс бо як-ду усули маъмулӣ хонандаро тавассути онҳо чарх занонад, ҳосили кори ӯ дарсгурезӣ, беҳавсалагӣ, бедор нашудани эҳсосоти муҳаббат, ҳамкорӣ, муоширати беиртибот ва ҳатто бадбинии хонанда нисбат ба фан, омӯзгор ва мактаб мегардад. Бинобар ин, дар таҷриба хулоса ва тавсияи илмию амалии муҳаққиқонро дуруст дарёфтем: «Мавқеи як усулро нисбат ба усули дигар афзал донистан мумкин нест ва умуман дар таҷриба усули ягонаи афзалиятнок вуҷуд

надорад. Ҳамаи усулҳо дар мавқеи худ нисбат ба дигаре афзалият ва бартарӣ доранд» [82,86]. Масалан, **методи хониш** дар бисёр мавридҳо бо се тарз (приём) – хониши хомӯшона, хониши ба овози баланд ва хониши гурӯҳӣ истифода шуд. Дар хониши хомӯшона муносибати инфиродии хонанда ба матн аст, то ки хонанда дар дарки мазмун, калимоту ибороти мушкилфаҳм зеҳну хотираро фаъло гардонад, эҳсоси ҷустуҷӯгарӣ ҳам бо зеҳн ва ҳам бо фаъол гардонидани чашм сурат мегирад. Хонанда дар чунин тарзи хониш мухтору мустақил аст ва худро роҳат ҳис мекунад, зеро ба хониши ӯ касе кордор нест, касе ӯро ташвиш намедиҳад, аз касе шарм намедорад, мумкин аст як калима ё ҷумларо ду ё се бор хонад. Ин тарзи хониш зеҳнро фаъол мегардонад, ахбори ба майна расида нейронҳои «хобрафтаро» бедор мекунанд, ба ҳаракат водор месозанд, калимаҳои навро ба кулвори хотира мефиристанд. Дар хониши ба овози баланд, эҳсосот баланд мешавад, хонанда аз ҳолати оромӣ ба ҳолати омодагӣ мегузарад, нейронҳо сигнали масъулиятро ба бофтаҳои асаб мефиристанд, садои хонанда оҳангдор мешавад, таппиши дил ва гардиши хун каме аз меъёр мебароянд ва рухсораҳо каме арғувонӣ мегарданд, сар, китфҳо, чашмон, дастҳо, пойҳо дар лаҳзаҳои гуногун ҳаракатҳои гуногун мекунанд. «Дар хониши овозӣ, ки дар назди дигарон ба амал оварда мешавад ва умуман дар хониши бадеӣ матн боз ҳам бештар зарурат пайдо мекунад. Омодагӣ ба хониши бадеӣ ба тамоми паҳлӯҳои асар дахл мекунад: ҳам мундариҷаи ғоявӣ, ҳам сохти асари бадеӣ ва ҳам воситаҳои тасвири бадеии он»[82,254]. Дуруст гузоштани задаи калимагӣ аз иштибоҳоти ом аст, ки ҳатто дар нутқи ровиёну омӯзгорон ба назар мерасад. Қоидаҳои нутқро омӯзгор бояд дар дарсҳои хониши адабӣ аз соатҳои аввал ба роҳ монад. Хонандагон бо роҳнамоии омӯзгор аз лаҳзаҳои нахусти машғулият бо матни бадеӣ бояд дар синф дуруст ва саҳеҳ сухан гӯянд ва хониши овозиашон дурусту фаҳмо бошад. Барои ба хонандагон омӯзондани хониши бадеӣ ҳикматҳои «Баҳористон», алалхусус хикмати мавриди назар хеле мувофиқ аст. Муаллим бояд дар муайян кардани ҷойи ист, ки аз қисматҳои асосии хониши бадеӣ мансуб мешавад, назорат кунад ва риояи онро аз хонандагон талаб

намояд. Дар хониши гурӯҳӣ (қироати шеър дар назар аст) оромии ботинӣ кӯдакро хушҳол мегардонад, зеро садои зиёд, ки оҳангдор аст, дар ӯ эҳсоси роҳат будан боло меравад, агар тони овозаш нарасад худро хиҷолат ҳис намекунад, зеро овозҳои дигар овози ӯро пурра мекунанд, эҳсоси хурсандию хушнудӣ дар ӯ бештар мегардад, нейронҳои шунавоии ӯ фаъол мешаванд ва агар матн назм бошаду тиловат (бо оҳанг) шавад, нишоту фараҳмандӣ дар кӯдак дучанд мегардад.

**Навиштан** усули маъмулист, ки аз боғча оғоз шуда барои тамоми умр хизмат мерасонад. Дар ҳолати зикршуда навиштани калимаҳои шарҳталаб масъулияти хонандаро афзуда гардонд. Навиштан аслсан барои хондан аст ва таъкиди «бехато нависед», «зебо нависед, ки хонда тавонед», «калимаҳои шарҳталабро дар шакли сутун нависед»-и муаллим сигнали муҳим ба нейронҳо ва умуман системаи асаб аст, ки дар маҷмуъ кӯдакро ба масъул будан водор сохт ва ин салоҳиятро дар ӯ ташаккул дод. Навиштан низ зеҳну диққатро фаъол, хотираро қавӣ ва чашмро назарсанҷ мегардонад.

**Сухбат** (тарзҳои (приём) суҳбат: суҳбати озод, саволу ҷавоб, суҳбати эврестикӣ, суҳбати проблемавӣ, суҳбати як ба як муколама ва ғайра). Намунаи суҳбате, ки муаллим дар лаҳзаҳои гуногуни дарс истифода кард бо чандин усули дигар дар иртибот буд ва онро *мо усул андар усул* номидем, чунки усули саволу ҷавоб худ як намуди суҳбат аст, вале дар ҳар савол усулҳои дигар ҳамгиро мешаванд (нигаред ба ҷадвали фасли оянда и кор).

**Луғатомӯзӣ.** Кор бо луғатро калиди асосии ворид шудани хонандаи имрӯза ба қасри илму адаби гузаштагон ҳисобидем. Озмоишҳои пай дар пай собит намуд, ки хонанда ҳар чӣ қадар бо луғат кор кунад, ҳамон қадар дониши нав ҳосил мекунад. Забони ноби классикони мо аз дидгоҳи имрӯз кӯҳна нашудааст, ки мо онро нафаҳмем, вале дар се маврид хонанда ба шарҳи калимаву ибораҳо ниёз дорад: а) шарҳи калимаҳо арабӣ; б) шарҳи калимаҳои архаистӣ; в) шарҳи калимаву ибораҳое, ки маънои маҷозӣ доранд ва дар тасвирҳо санъатҳои бадеии гуногун

сохтаанд, ки аз надонистани онҳо мазмун ҳосил намешавад. Бинобар ин, ҳар чӣ бештар кӯдак ба луғат сару кор гирад, ҳамон қадар саргарми ҷустуҷӯи маънӣ мешавад. Барои он ки луғатомӯзӣ усули дилбазани хонанда нагардад, муаллим пайваста бо онҳо ҳамкорӣ кунад, тарзу усулҳои гуногуни корро ба хонанда пешниҳод намояд, ки як намунаи чунин ҳамкориро мо дар мисоли лоиҳаи «Луғатсозӣ» аз озмун гузаронидем, ки натиҷаи босамар дод.

**Лоиҳасозӣ.** Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои охир аксари методистону омӯзгорони ҷумҳурӣ онро ба қатори «усулҳои нав» ворид намуда, истифодаи онро дар мавридҳои гуногун тавсия медиҳанд. Вале дар методики таълими адабиёти тоҷик дар ин бора маълумоти кофӣ мавҷуд нест ва дар тавсияҳои илмию методии мутахассисони соҳа таълифоте пайдо накардем. Аз рӯи сарчашмаҳои илмӣ маълум аст, ки Суқрот поягузори ин усул буда, баъдтар олими америкоӣ Ҷ.Дюи дар назария ва амалияи психология, педагогика ва методикаи таълим назарияи ба таври таҷриба аз худ кардани донишҳои заруриро ба миён гузошта, формулаи «дониш, малака ва маҳорат (ДММ)»-ро дар шакли «дониш таҷриба ва малака(ДТМ)» пешниҳод намуд. Пасон олими дигар У.Х. Килпатрик ин назарияро дар китоби худ «Методи лоиҳаҳо» тақвият бахшида, тавсия дод, ки мактаб хонандаро ба ҳаёт дар шароити тағирёбии динамикии ҷамъият, ба бархӯрди проблемаҳои номаълуми оянда бояд тайёр кунад[111,39]. Дар Руссия ин масаъларо олими рус С.Т.Шатский ба миён гузошт ва дар таҷрибаи мактабҳои Руссия ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ то соли 1931 мавриди истифода буд ва соли 1931 бо қарори ҳизби коммунист ҳамчун усули педагогикаи буржуазӣ маҳкум гардидааст [110,41]. Танҳо солҳои 80-90 асри гузашта ин усул аз нав дар таҳқиқ ва истифодаи амалӣ роиҷ гардид ва дар мактабҳои ҶТ пас аз Истиқлоли миллӣ тавассути ҷалби лоиҳаҳои инвеститсионии хориҷӣ ба ислоҳоти соҳаи маориф мавриди истифода қарор гирифта, таҷрибаи нахустин тавассути ташкилоти ЮНИСЕФ (лоиҳаи «Қадам ба қадам») амалӣ гардидааст ва имрӯз дар таҷрибаи

ками муаллимон қобили истифода аст. Лоиҳа тарҳи он чизе, ки ҳоло вуҷуд надорад. Сохтмон ва истифодаи он тавассуи усулҳои интерактивӣ сурат мегирад. Тавре ки дар боло зикр шуд, усули интерактивӣ ин ҳамбастагии методҳои таълим барои иҷрои мақсади пешакӣ муайяншуда аст. Аз ин рӯ, унсурҳои таркибии он иборатанд аз усул ва тарзҳои (приёмҳои) гуногуни кор дар ҷараёни иҷрои мақсадҳои мушаххаси таълимӣ. Ҳатто типологияи усули лоиҳа талаб мекунад, ки дар паҳлӯи он усул ё тарз (приём)-и дигаре ҳамрадиф бошад. Масалан, дар рафти эксперименти таълимӣ мураттаб намудани луғати асарҳое, ки аз Абдураҳмони Ҷомӣ дар МТМУ омӯзонида мешаванд, дар шакли лоиҳа пешниҳод шуд, характери ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ дошт ва усулҳои ташхисӣ, таҳқиқотӣ-ҷустуҷӯӣ, проблемавӣ, арзёбӣ ва ғайра ҳамрадифи усули мазкур гардиданд. Натиҷаи эксперементалии ин лоиҳаро дар фасли севуми кор баррасӣ хоҳем кард.

Агар тавсифу шарҳи усулҳо дар ин дарс истифодашударо идома диҳем, боз ҳам ба ҳамин натиҷа мерасем: технологияи таълим ин маҷмуи роҳу усулҳо барои моҳирона иҷро кардани вазифа ва мақсадҳои мушаххаси таълимӣ аст; ҳамаи усулҳо ба хотири фаъол кардани хонанда, барои гирифтани донишҳои зарурии дар амалия санҷидашуда, иштирокчии фаъол гардонидани хонанда дар истифадаи ин донишҳо мебошад; ҳамаи усулҳо дар ташаккул додани салоҳиятҳои коммуникативӣ, иҷтимоишавии хонанда, кор карда тавонистани ӯ бо иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ, ташаккул додани қобилиятҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва ғайра ҳамрадифи якдигаранд. Бинобар ин, мо усулҳоро ба фаъолу ғайрифаъол ҷудо накардем, зеро чӣ тавре ки дидем, ҳар усул дар мавқеи худ барои фаъол гардонидани ягон ҷиҳати фаъолияти майна, системаи асаб ва узвҳо таъсир доранд. Илова ба ин, усулҳои таълимро таҳрикдиҳандаи фаъолият дарёфтем, бинобар ин ибораи «усулҳои фаъол» хоси чанд усул (асосан усулҳои лоиҳа, проблемавӣ, презентетсия, гурӯҳбандӣ ва ғайра) дониста шудааст, ки қобили қабул нест. Он маҷмуи усулҳои таълим аст, ки барои иҷрои

мақсади мушахасшуда  бо ҳам иртибот пайдо карда, ҳамкории воқеии муаллиму хонандаро таъмин менамояд. Бинобар ин, онро усули ҳамкории муаллиму хонанда гуфтан ҷоиз аст. Ҳамин тавр, методҳои интерактивӣ ин воситаи (инструменти) асосии иртиботи  хонандаву омӯзгор аст, ки  дар рушди муносибати босалоҳияти  ҳам  хонанда ва ҳам омӯзгор  нақши калидӣ дорад. Муҳаққиқон барҳақ таъкид кардаанд, ки «таълими интерактивӣ таълимест, ки дар он  нокомӣ ва  бемуваффақиятӣ ҷой надоранд» [249].

Доир ба истифадаи усулҳои дигари таълим ва мавқеи онҳо дар ташаккли салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорону ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар фаслҳои гуногуни кор  истода мегузарем. Пеш аз он ки ҷамъбасти озмоишҳои таълимиро шарҳ диҳем, дар бораи мавқеи махсуси технологияҳои таълимӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон мухтасар таваққуф менамоем.

## I.3. Мавқеи технологияҳои таълим дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ

Технологияиҳои таълимӣ як рукни асосиии ташаккул додани муносибатҳои босалоҳият дар таълим мебошанд. Ба гуфтаи педагоги рус А.В. Хуторский, «…муносибати босалоҳият муносибат ба муайян кардани мақсад, интихоби мазмуну мундариҷа, ташкили ҷараёни таълим, интихоби технологияҳои таълимӣ ва арзёбии натиҷаҳо мебошад” [251]. Ҳар як усул ва ё тарзи (приём) таълим як ё якчанд намуди салоҳиятҳоро ташаккул медиҳад ва дар маҷмуъ ташаккули муносибаҳои босалоҳиятро ба таълим таъмин менамояд. Масалан, ташаккули салоҳияти коммуникативӣ танҳо аз навиштан, забономӯзӣ ва иттилоот пайдо кардан нест, балки ба вуҷуд овардани иртибот, муносибат бо одамон ва ҳодисаву воқеаҳо, пайдо кардани неруи иртиботӣ барои амал кардан, фаъол шудан, ҷустуҷӯ ва пайдо кардани роҳи дурусте, ки ба мақсад мерасонад. Ин салоҳият бо мақсаде дар хонандагон рушд дода мешавад, ки муоширати муносиб доштанро бо шарикдарсон, ҳаммактабон, омӯзгорон, падару модарон, шахсони ношинос, калонсолон, хурдсолон ва минбаъд бо ҷомеа ёд гиранд, соҳиби нутқи саҳеҳ, пурмазмун ва беғалат гарданд, дар баробари забони модарӣ ба омӯзиши забонҳои дигар майлу рағбат пайдо кунанд. Илова ба ин, бо иттилооти гуногун кор карда тавонанд, тавассути иртибот як қисми донише, ки барои онҳо муқаррар шудааст, худашон пайдо ва аз худ кунанд, дар муошират бо хонандагон ва умуман бо касони дигар таҳаммулпазир бошанд. Барои ин хонандаро «чунон бояд омӯхт, ки зебоӣ ва зиштии сухани худу дигаронро дарёбад. Вай бояд рафтру кирдори зеборо бишносад; донад ва дарк кунад, ки кай рафтор ва гуфтораш берун аз одоб будааст. Хулоса вай бояд қозии худ буданро омӯзад ва аз рафтору гуфтори бад дурӣ ҷӯяд»[47,78]. Ташаккули чунин салоҳиятҳо дар дарси адабиёт аз ҳама зиёдтар мавқеъ доранд.

Алоқамандии бевоситаи технологияи таълимро ба рушди МБ дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ зимни озмоишҳои таълимӣ пайгирӣ намуда, муқаррар намудем, ки истифодаи мақсадноки усулҳо дар рушди ин ё он салоҳияти хонанда ҷойгоҳи хоса дорад. Масалан, дар истифодаи усули суҳбат чандин усули дигар ба он ҳамрадиф шуда, дар ташаккули салоҳиятҳо ширкат меварзанд. Саволу ҷавоб хоси усули суҳбат аст, вале ҳангоми истифодаи он чандин усули дигар ба он ҷур мешавад ва мо онро, чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, усул андар усул ном бурдем. Масалан, суҳбатеро, ки муаллим дар омӯзиши ҳикояи «Сангпушт ва Каждум» истифода кард, иштироки усулҳои ҳамрадиф ва таъсири онҳо ба рушди салоҳияти хонандагон чунин муқаррар шуд:

| № | **Саволҳо** | **Усулҳо** | **Салоҳиятҳо** |
|---|---|---|---|
| 1 | Каждум чи гуна ҷондор будааст? Чаро ӯро чунин ном кардаанд? | Лоиҳа<br>Ташхис<br>Эвристикӣ | Донишандӯзӣ,<br>Иртиботӣ |
| 2 | Ҷойи зисти каждум асосан куҷоҳо будааст | Лоиҳа<br>Ҷустуҷӯ<br>Иттилоот | Кор бо иттилоот<br>Донишандӯзӣ, |
| 3 | Барои чӣ аз каждум эҳтиёт бошем? | Лоиҳа<br>Проблемавӣ,<br>Мубоҳиса | Иҷтимоишавӣ,<br>Ҳамкорӣ,<br>коммуникативӣ |
| 4 | Чӣ кор кунем, ки аз каждум эмин бошем? | Лоиҳа<br>Проблемавӣ,<br>Эвристикӣ<br>Муколама | Иҷтимоишавӣ,<br>Коммуникативӣ<br>Ҳамкорӣ |
| 5 | Каждумгазидаро чи бояд кард? | Мубодила<br>Лабараторӣ<br>Дастурдиҳӣ (инструктаж) | Иҷтимоишавӣ<br>Кор бо иттилоот<br>Коммуникативӣ<br>Маърифатӣ-ахлоқӣ |
| 6 | «Каждуми зери бурё» чи маънӣ доштааст ва дар пайдо кардани ин маънӣ кӣ ба шумо ёрӣ расонд? | Эвристикӣ<br>Чустуҷӯӣ<br>Ҳамкорӣ<br>Муколама | Коммуникативӣ<br>Иҷтимоишавӣ<br>Кор кардан бо иттилоот<br>Маърифатӣ-ахлоқӣ |
| 7 | Чаро Ҷомӣ маҳз каждумро персонажи ҳикояи худ интихоб кардааст? | Эвристикӣ<br>Проблемавӣ<br>Мубоҳиса | Кор бо иттилоот<br>Ташаккули ахлоқ<br>Коммуникативӣ |
| 8 | Киҳоро каждумсифат гуфтан мумкин аст? | Эвристикӣ<br>Накл<br>Мубоҳиса | Кор бо иттилоот<br>Иҷтимоишавӣ<br>Ташаккули ахлоқ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 9 | Чӣ тавр аз каждумсифатон эҳтиёт шавем? | Мубоҳиса<br>Накл<br>Мубохиса | Кор бо иттилоот<br>Коммуникативӣ<br>Иҷтимоишавӣ<br>Ташаккули ахлоқ |
| 10 | Байти «Неши ақраб на аз пайи кин аст»-ро дар асоси ҷавобҳоятон мухтасар шарҳ диҳед. | Ҷустуҷӯ<br>Таҳқиқ<br>Накл<br>Эҷоди матни нав | Кор бо иттилоот<br>Коммуникативӣ<br>Иртибот бо дигар сарчашмаҳо<br>Иҷтимошавӣ<br>Ташаккули ахлоқ… |

Ҳар қадаре ки усулҳои таълим дар ҳамбастагӣ фаъолият ва ақлу идрокро вусъат медиҳанд, ҳамон қадар салоҳиятҳоро рушд мебахшанд. Дар ин миён усулҳои интерактивӣ ба ду самти калидии таълим бартарӣ медиҳад: 1) ёд додани омӯхтан ва 2) ёд додани чӣ тавр дар амал истифода кардани дониши бадастомада. Пас, салоҳияти муаллим дар ин самт аз он иборат аст, ки дар вазъияти мушаххас, дар шароити муайян ва дар интихоби маводи таълим эҳтиёткор, эҷодкор ва роҳнамои воқеъбин бошад.

Дар лоиҳаи «Луғатсозӣ», ки аксарияти усулҳои таълимӣ (ташхисӣ, эврестикӣ, ҷустуҷӯӣ, проблемавӣ, мубоҳиса, муколама, дастурдиҳӣ (инструктаж) ва ғайра ширкат доштанд, ҳар кадоме барои рушди салоҳияте нигаронида шудаанд, то ки фаъолияти хонандагон ба таҳрик дарояд, қобилиятҳо рушд ёфта, самара биёранд. Хонандагон корро бо шавқу ҳаваси баланд иҷро карданд ва тавассути ин лоиҳа салоҳияти мустақилона дониш ҳосил карданро таҷриба карданд. Сохтмони лоиҳа қариб як ҳафта давом кард. (Ҷараёни кор дар фасли ояндаи диссертатсия матраҳ мегардад). Ба ин васила ба муаллим муяссар гашт, ки тавассути усулҳои зикршуда салоҳияти бо сарчашмаҳои иттилоотӣ кор кардан ( матн, луғатҳо), салоҳияти истифода кардани технологияи иттилоотӣ (кор бо компютер), салоҳияти иҷтимоишавӣ ( кор дар гурӯҳ, шиносоӣ бо касбу кори нав, қарори мушаххас баровардан, иштирок дар озмун, дар нақши роҳбар, муҳаққиқ, ёрдамчии муҳаққиқ, муҳаррир, мусаҳҳеҳ, сармуҳаррир, дизайнер, менеҷер, рассом ва ғайра бозӣ кардан, дарки заҳмати илмӣ ва арзиши меҳнат), салоҳияти коммуникативӣ (ба вуҷуд

овардани муносибати ҳамкорӣ дар гурӯҳҳо, расонидани ахбор ба дигарон, рушди муносибати расмӣ (корӣ) тавассути муоширати босалоҳият, гӯш карда тавонистани андешаҳои дигарон, таҳаммулпазирӣ, реклама, ёфтани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо, такмили захираи луғавӣ), салоҳияти маърифатӣ-ахлоқӣ (рушди тафаккур, қобилият, баҳодиҳӣ, доштани фикри шахсӣ, сабурӣ, рушди муносибатҳои рафиқонаву дӯстона, масъулият ҳис намудан, тамоюл ба касбу ҳунар ва ғайра)-ро дар хонандагон ташаккул диҳад. Омӯзгор дар таълими интерактивӣ бештар дар нақши модератор (барандаи бетараф), фасалитатор (ёрдамчӣ) ва ё лидери бетараф баромад мекунад. Лоиҳасозӣ аз муносибати эҷодии муаллим нисбат ба салоҳияте, ки бояд ӯ дошта бошад, вобаста аст. Масалан, дар лоиҳаи «Луғатсозӣ» мақсад доштани калиди асосӣ барои кушодани қуфли осори классикон буд. Агар хонанда вожашинос нашавад, маънии калимоту ибораҳои матнро дарк намекунад, омӯзиши мероси классикон маъние пайдо намекунад. Бинобар ин, муаллим гаштаю баргашта атрофи шуруҳи калимаҳо хонандагонро давр занонд ва билохира лоиҳае тархрезӣ намуд, ки сохтмони онро хонандагон ба хубӣ пазируфтанд ва дар сатҳи баланд иҷро карданд. Тавре ки болотар зикр кардем, лоиҳасозӣ усулест, ки дар паҳлӯи худ усулҳои дигарро муттаҳид месозад. Шояд дар аввал гумон намерафт, ки шавқмандии хонандагон бо он то ин ҳад боло меравад ва усулҳои интерактивии таълим ногузир паҳлӯҳои дигари салоҳиятҳо (иҷтимоишавӣ-кор карда тавонистан дар гурӯх; донишандӯзӣ-кор бо сарчашмаҳои иттилоотӣ; маърифатӣ-ахлоқӣ-қадр карда тавонистани мехнати худ ва дигарон, рушди сабру субот, дӯстию ҳамкорӣ ва ғайра)-ро рушд дод. Аслан лоиҳасозӣ як намуди бозиеро мемонад, ки хонанда тавассути он ба паҳлӯҳои гуногуни зиндагӣ, аз ҷумла муҳити атрофи худ шинос мешавад, нақши худро дар ин паҳно ҷустуҷӯ менамояд, ё нақшеро мебозад, ки боиси иҷтимоишавии ӯ мегардад. Бозӣ бояд ҳамзамон кор низ бошад ва кор ба бозӣ монанд гардад, то амали дигар ба саргармии ҳавасбор бадал шавад[47,81]. Муаллим бояд дар ин нақшофарии кӯдак

роҳнамову ёрдамчии беғараз ва довари беҳамто бошад. Рушди салоҳиятҳо барои ба даст овардани дониш вазифаи танҳо фан ё муаллими адабиёт нест, балки тамоми фанҳо ва ҳамаи муаллимон ин вазифаро ба дӯш доранд ва ин салоҳияти касбии онҳост. Вале барои ба ҳадафи ягона расидан ҳамкории мутақобилаи омӯзгорон шарти асосӣ аст. Мо дар идомаи лоиҳаи «Луғатсозӣ» муаллимони забонҳои русӣ ва англисиро даъват намудем, то ки бо хонандагон дар тарҷумаи русию англисии калимаҳо ҳамкорӣ кунанд. Вақте ки хонандагон луғатро омода сохтанд, муаллим ба хонандагон муроҷиат намуд:

- Мехоҳед лоиҳаро давом диҳем? Ҳама ба як овоз розигӣ доданд ва хушҳолӣ намуданд. Муаллим саволашро давом дод:

- Чӣ тавр? Ҳама хомӯш монданд, андеша ва вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд омад. Муаллим супориш дод, ки то рӯзи дигар пешниҳодатонро ба менеҷери лоиҳа манзур гардонед, беҳтарин пешниҳод қабул хоҳад шуд. Рӯзи дигар менеҷери лоиҳа чор пешниҳоди зеринро тавассути тахтаи электронӣ намоиш дод:

1. Луғатҳо зиёд карда шаванд. (4- нафар);
2. Луғатҳо ба забони русӣ тарҷума карда шаванд.(8- нафар);
3. Луғатҳо ба забони англисӣ тарҷума карда шаванд (9- нафар);
4. Луғатҳо ранга чоп шаванд: луғат бо ранги сиёҳ, ҷавобҳо бо ҳарфи сурх ё кабуд (4- нафар).

Муаллим ба ҳайси роҳбар соҳибони пешниҳодҳоро таърифу таҳсин карда, эълон намуд, ки ҳамаи пешниҳодҳо қабуланд, вале дар иҷрои онҳо ду проблема пеш меояд: 1) розигӣ ва ҳамкории муаллимони фанҳои забони русӣ ва забони англисӣ; 2) маблағи иловагӣ ва розигии падару модар ва маъмурияти мактаб барои чопи луғат. Хонандагон ҳалли ҳар ду проблемаро ба зимма гирифтанд. Лоиҳа идома ёфт, ҳудудаш васеъ гашт, иштирокчиёни он зиёд шуд (муаллимони забони русӣ, забони англисӣ, падару модарон, маъмурияти мактаб) ва аз ҳама муҳим, лоиҳа бо хоҳиш ва пешниҳоди худи хонандагон тарҳрезӣ гашт. Чунин ҳамкориҳоро мо дар давраи озмоишҳои таълимӣ бо муаллимони таърих

(дар мавриди омӯзиши достони «Хирадномаи искандарӣ»), биология (дар мавриди омӯзиши ҳикояи «Каждум ва Сангпушт), забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (дар мавриди таҳияи луғатҳои осори Ҷомӣ), суруд ва мусиқӣ (дар мавриди омӯзиши ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ) ба роҳ мондем, ки натиҷаҳои дилхоҳ доданд ва метавон аз онҳо дар омӯзиши мавзуъҳои дигар истифода бурд, то ки салоҳияти омӯзгорон дар ҳамбастагӣ ва алоқамандии байни фанҳо (баъзеҳо чунин муносибатро салоҳияти байнифаннӣ номгузорӣ кардаанд) пайдо шавад ва ҷойҳои холии раванди таълим ва тарбия пурра гардад.

## I.4.Ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиш (эксперимент)-и таълимӣ доир ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ

Мақсад аз гузаронидани таҷрибаи озмоишӣ: 1) аз муқаррар намудани вазъи имрӯзаи таълими адабиёт дар МТМУ; 2) дараҷаи тайёрии касбии омӯзгорон оид ба тадбиқи МБ дар таълими адабиёти тоҷик, аз ҷумла омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ; 3) омӯзиши консептуалии ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар шароити нави муносибатҳои таълимии ба озмоиш асосёфта; 4) амалан нишон додани татбиқи технологияҳои таълимӣ ва МБ ба таълими адабиёти тоҷик дар мисоли ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ; 5) корбурди консепсияи KSA: knowlls, skills, abilies ДТМ (дониш, таҷриба, малака) ва муқаррар намудани моҳияти илмию амалии он дар таълим.

Озмоиши таълимӣ дар се марҳала гузашт:

А) марҳалаи аввал омӯзишӣ ё худ ташхиси вазъи масъала дар педагогикаи муосир ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Дар ин марҳала мо омӯзиши таҷрибаи педагогӣ, барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методиро зарур шуморидем ва фаъолияти омӯзгорону хонандагонро дар ҷараёни озмоиш пайгирӣ намуда, хоҳиш ва завқу шикебоии андешаҳо ва бароати касбияти онҳоро ба ҳисоб гирифта дар марҳалаҳои баъдӣ истифода карда, дар ҷараёни кор диққати онҳоро ба фарогирии масъалаҳое, ки хоҳиш доштанд, вале дар амал кардан ҷуръат намекарданд, тасаввурот доштанд, вале амалӣ карда наметавонистанд, мефаҳмиданд, вале дар хулосаву ҷамъбаст кардан душворӣ мекашиданд ва ғайра барин масоиле, ки ба ҳайси ҳамкорӣ робитаи моро наздик намуд ва корро вусъат бахшид, эътибори хоса зоҳир намудем. Тавре ки дар муқаддимаи кор оид ба норасоиҳои барнома, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ маълумот додем, ки аз ҳамин марҳалаи озмоиш сарчашма мегирад, дар ин фасл ба далелҳое, ки аз ташхиси масъала рӯи кор омада, зарурати таҳқиқи илмию амалии масъаларо собит месозанд, маълумот хоҳем дод. Мо пас аз омӯзиши

адабиёти таълимӣ дар ҳамкорӣ бо Пажӯҳишгоҳи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи вилояти Суғд аз 65 нафар омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики вилоят «Пурсишнома» гузаронидем:

**Пурсишнома**

(***барои муаллимони забон ва адабиёти тоҷик***)

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки аз ҳар саволи пешниҳодшуда як ҷавоб интихоб намоед ва дар доирача ишора кунед.

**1.Оё Шумо аз курсҳои такмили ихтисос доир ба азхуд кардани асосҳои назариявӣ ва методии МБ батаълим гузаштаед?**

А. Гузаштам Б. Нагузаштам. В. Худомӯзӣ кардам.

**2. Машғулиятҳо оид ба ҷорӣ намудани МБ ба таълим барои Шумо дастрас, пурмазмун ва тағйирпазир буд?**

А. Бале Б. Начандон. В. Не.

**3. Дарсҳои Шумо аз рӯи талаботи МБ мегузаранд?**

А.Бале. Б. Гоҳ-гоҳ мегузарам. В. Дар низоми анъанавӣ мегузарам.

**4. Дар таълими адабиёт оид ба МБ адабиёти зарурӣ дастрас аст?**

А. Бале. Б. Ҳаст, вале кам. В. Не, надорем.

**5. Кадоме аз ин салоҳиятҳо дар омӯзиши матни бадеӣ истифода мешаванд?**

А. Салоҳиятҳои калидӣ, коммуникативӣ, баҳодиҳӣ, фаннӣ.

Б. Салоҳиятҳои дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйир додани матн.

В. Салоҳиятҳои донистан, тавонистан, дар амал татбиқ намудан.

**6. Кадоме аз инҳо нишондиҳандаҳои босалоҳиятӣ мебошанд?**

А.Хондан, навиштан, гуфтан, шунидан…

Б. Ифоданок хондан, риояи ист, зада, аломатҳои китобат…

В.Навиштан, арзёбӣ кардан, риояи қоидаҳо…

**7. Кадоме аз инҳо воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ ба ҳисоб мераванд?**

А. Ислоҳи ғалатҳо, тавсияҳо, муаррифӣ намудан, санҷидан.

Б. Иншо, эссе, нақли хаттӣ, пурсиш (шифоҳӣ,хаттӣ), тест.

В. Саволу ҷавоб, мушоҳида, муҳокима.

**8.Пешниҳоди барномаи таълим оид ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ Шуморо қаноатманд мекунад?**

А. Бале , барнома хуб аст, метавон бо тағйироти ҷузъӣ онро минбаъд низ истифода кард.

Б. Баъзе пешниҳодҳои хуб дорад, вале такмилталаб аст.

В. Не: мавзуъҳо зиёданду соатҳо кам, тавсияҳои методии муосир надорад, синну соли хонандагон ба ҳисоб гирифта нашудааст, ба талаботи МБТ мувофиқ нест.

**9. Маводи китоби дарсӣ оид ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ Шуморо қаноатманд гардонида метавонад?**

А. Бале, китоб хуб аст ва агар ба «Қоидаҳои имлои нави забони тоҷикӣ» мувофиқ гардонида шавад.

Б. Истифода мебарам, лекин ғалатҳои зиёд дорад, услуби баён мураккаб аст, ба фаҳмиши хонанда мувофиқ нест, маводи зиёдатии бисёр дорад.

В. Не, тибқи талаботи педагогика ва психологияи муосир навишта нашудааст, ба талаботи МБТ ҷавобгӯ нест.

**10. Дар давоми ду соли охир дарсҳои адабиёт, аз ҷумла дарсҳои ба ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ бахшидашударо дар доираи талаботи МБ гузаронидаед?**

А. Бале, ҳамаи дарсҳоям дар доираи ҳамин талабот мегузаранд.

Б. Гоҳ-гоҳ мегузарам, чунки маводи зарурӣ нест.

В. Намегузарам, чунки барнома, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии мавҷуда дар асоси ин талабот навишта нашудаанд.

Саволҳои «Пурсишнома» барои муайян кардани чор самти асосии фаъолияти омӯзгорон нигаронидашуда буд:

- Оё омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд ва сифату самараи ин курсҳоро чӣ гуна арзёбӣ мекунанд?

- Доир ба салоҳият ва МБТ чиро медонанд?

-Оё МБ-ро дар таҷрибаи амалии худ истифода мебаранд?

-Барнома, китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимии мавриди истифода ба талаботи МБ ҷавобгӯ аст?

Ду саволи аввал ба дараҷаи касбии омӯзгорон алоқаманд буд. Аз пурсиш муаян шуд, ки аз 65 нафар омӯзгорон 55 нафарашон (85%) оид ба назария ва амалияи МБТ аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд. Даҳ нафар ё 15 фоизи онҳо бори аввал аз курс мегузаранд, ки онҳо муаллимони ҷавон, омӯзгорони нав ба кор қабулшуда мебошанд ва аз ин 3 нафарашон тариқи худомӯзӣ доир ба МБТ маълумоти умумӣ доранд. Ба ин васила маълум гардид, ки тадбирҳои амалӣ намудани «низоми босалоҳият» аз ҷониби ВМИ ҶТ ва сохторҳои тобеи он дар ин самт амалӣ гардида, қариб 100 % омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд ва механизми ҷорӣ намудани «низоми салоҳиятнокӣ» оғоз гардидааст ва ин раванд дар марҳалаи рушд қарор дорад.

Тавассути саволи дуюми пурсишнома мо то андозае сатҳ ва сифати амалӣ гардидани ин равандро мушаххас намудем. Аз 65 нафар омӯзгорон 47 нафар (72%) иброз намудаанд, ки машғулиятҳои омӯзишӣ оид ба асосҳои назарӣ ва амалии МБТ барои онҳо дастрас, пурмазмун ва тағйирпазир буд. Ба ин савол 14 нафар ( 22%) ҷавоби «начандон» ва 4 нафар (6%) ҷавоби «маъқул набуд»-ро интихоб намудаанд. Агар иштироки омӯзгоронро 100 фоиз ҳисоб кунем, барои 28 фоизи онҳо мазмуну мундариҷаи барномаи курсҳо ва сатҳи барандагони он номатлуб арзёбӣ гардидааст, ки мо ин нишондиҳандаро дар саволҳои баъдӣ низ мушоҳида намудем. Яъне вақте ки сухан аз боби татбиқи амалии МБТ меравад, нишондиҳандаҳои мусбӣ кам шудан мегиранд. (Нигаред ба диаграммаи поён) Масалан, вақте ки сухан дар бораи маълумоти(дониши) воқеии омӯзгорон оид ба МБТ меравад, манзара чанд зина коҳиш меёбад. Агар 72 фоизи омӯзгорон ба сатҳ ва сифати курсҳо қаноатмандӣ изҳор карда бошанд, дар саволи сеюм 61 фоиз изҳор кардаанд, ки аз рӯи талаботи МБТ дарс мегузаранд ва 30 фоиз гоҳ-гоҳ истифода мебаранд ва 5 нафар дар низоми пешина дарс мегузаранд. Сабаби ин пастравӣ дар ҷавоби саволи 4 ифода ёфтааст. Аз 65 нафар

омӯзгор 10 нафар (15%) изҳор кардаанд, ки доир ба МБТ адабиёти зарурӣ дастрас аст,15 нафар(23%) – ҷавоби «ҳаст, вале кам» ва 40 нафар(62%) ҷавоби «Не, надорам»-ро интихоб кардаанд.

Манзараи болоро дар ҷамъбасти саволи 5 низ мушоҳида кардан мумкин аст. Савол ба шинохти салоҳиятҳо дар омӯзиши матн буд, ки 43% чавоби дуруст ва 57 % ҷавоби нодурустро интихоб намудаанд. Дар саволи 6 низ 49% ҷавоби дуруст ва 51% чавобҳои нодурустро интихоб шудааст. Дар саволи 7 низ 61 % ҷавобҳои дуруст ва 39 % ҷавобҳои нодурустро интихоб шудааст.

Дар саволи 8 барномаи таълимии феълиро 16 нафар(25%) хуб арзёбӣ намудаанд, 18 нафар (27%) такмилталаб ва 31нафари (48%) дигар онро қабул надоранд.

Дар саволи 9 пурсиш аз боби китоби дарсӣ дар мавриди омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ меравад, ки 28% аз он қаноатманд, 38% такмилталаб ва 34 % китоби ба талабот ҷавобгӯ набуда арзёбӣ намудаанд.

Агар ҷамъбасти пурсишномаро дар ҷадвали зер нишон диҳем, манзараи равандҳои тадбиқи МБТ муайян мегардад:

| **Пурсишҳо** | **Посуххо** | | |
|---|---|---|---|
| Саволи 1 | **Гузаштам** | **Бори аввал Мегузарам** | **Худомӯзӣ кардам** |
| Такмили ихтисос | 55 нафар 85% | 7 нафар (11%) | 3 нафар 4% |
| Саволи 2 | Қаноатманд | Начандон | Не |
| Сифати мазмуну мундариҷаи курсҳо | 47 нафар 72% | 14 нафар 22% | 4 нафар 6% |
| Саволҳои 3,10 | Бале | Гоҳ-гоҳ | Дар низоми анъанавӣ |
| Иштироки омӯзгор дар низоми босалоҳият | 80 нафар 62% | 40 нафар 31% | 10 нафар 8 % |
| Саволи 4 | Ҳаст | Дорем, вале кам | Надорем |
| Дастрасӣ ба адабиёти методӣ | 10 нафар 15% | 15 нафар 23% | 40 нафар 62% |
| Саволҳои 5,6,7 | Интихоби дуруст | Интихоби нодуруст | |
| Дониш ва млакаҳои омӯзгор нисбат ба МБТ | 100 нафар 51 % | 95 нафар 49% | |
| Саволи 8 | Хуб аст | Такмил-талаб | Мувофиқ нест |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | аст | |
| Муносибати омӯзгор нисбат ба барномаи таълим | 16 нафар 18% | 18 нафар 28% | 31 нафар 54% |
| Саволи 9 | Хуб аст | Такмил-талаб аст | Мувофиқ нест |
| Муносибати омӯзгор нисбат ба китоби дарсӣ | 18 нафар 28% | 25 нафар 38% | 22 нафар 34 % |

Ин манзараро дар динамикаи татбиқи МБТ мушоҳида намоем, ба хулоса омадан мумкин аст, ки интихоби мавзуи диссертатсия ва фарзияи он дурустанд:

**ДИНАМИКА**

| **Такмили ихтисос** | **Сифати дарсҳо** | **Иштирок дар низоми босалоҳият** | **Дониш ва млакаҳои омӯзгор нисбат ба МБТ** | **Муносибати омӯзгор нисбат ба барномаи таълим** | **Муносибати омӯзгор нисбат ба китоби дарсӣ** | **Дастрасӣ ба адабиёти методӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 55нафар 85% | 47 нафар 72% | 80 нафар 62% | 100 нафар 51 % | 16 нафар 18% | 18 нафар 28% | 10 нафар 15% |

Ҳамин тавр, марҳалаи аввали озмоиши таълимӣ собит намуд, ки МБТ дар МТМУ дар марҳалаи ташаккулёбӣ қарор дошта, омӯзгорон ба мафҳум ва мавқеи истифодабарии он иттилооти умумӣ пайдо карда, маҳорати касбии худро ба ҷониби он майл додаанд. Дар ин ҷода барои рушди малака ва маҳорати онҳо таҳқиқотҳои фундаменталии мотватсиядошта, барномаҳои таълимии элективӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии ба оптимизатсияи таълим созгор дар дастрасии омӯзгорону хонандагони МТМУ ва коршиносони соҳа бояд бошад.

Марҳалаи дуюм ва сеюми озмоиши таълимӣ ба мақсадҳои асосии дар фарзияи дар диссертатси пешбинишуда нигаронидашуда буд. Озмоишҳои таълимӣ дар синфи озмоишӣ ва контролӣ дар заминаи МТМУ-и №15 ва гимназияи №1-и шаҳри Хуҷанд ва ҳамзамон маводҳои таълимии озмоиш дар МТМУ №15-и н. Бобоҷон Ғафуров, МДТ “Мактаби Президенти барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Бӯстон”, гимназияи №2-и шаҳри Бӯстон ва мактаби №6-и ҷамоати Лоиқ Шералии

шаҳри Панҷакент санҷида шуд ва муқоисаи натиҷаҳо дар марҳалаи сеюми озмоиш ҷамъбаст ва арзёбӣ гардиданд.

Пеш аз оғози озмоиш консепсияи онро дар шакли «Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар формати нави таълим» таҳия намудем, ки асоси онро масъалаҳои зерин ташкил медиҳанд:

- Интихоби маводи таълимӣ барои озмоиш (то 15% тағйир додани маводи таълимии барномаҳои таълим ва то 20-25 % кам истифода кардани таҳлилҳои мураттибони китобҳои дарсӣ ва табдили онҳо ба барномаи элективӣ дар шароити озмоиши таълимӣ;

-муқаррар намудани мавзуъҳои таълимӣ барои ҳар синф;

- муайян намудани мақсадҳои таълимӣ барои ҳар мавзуъ;

- муқаррар намудани усулҳои интерактивии таълим барои омӯзиши ҳар як мавзуъ;

- ташкили мониторинги иҷрои мақсадҳои таълим, арзёбии натиҷаҳо ва истифодаи онҳо дар марҳилаҳои дигари омӯзиш;

-интихоби ғайристандартии роҳу усулҳои таълим, сохтори дарс, вақт, нақшаҳои ягонаи дарсӣ интихоби сохтори озоди дарс, интегратсияи мавзуъҳои таълимӣ бо мавзуъҳои корҳои берунаэсинфӣ, хониши берун аз синф ва инкишофи нутқи мураттаб;

- дастурдиҳӣ ба омӯзгорон ва ёрдамчиёни онҳо барои дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани ҳар дарс;

- ҷалби муаллимони фанҳои таърих, биология, забонҳои русӣ ва англисӣ, суруд ва мусиқӣ, рамкашӣ барои ҳамкорӣ дар иҷрои лоиҳаҳо;

- арзёбии дониш, таҷриба ва малакаҳои ҳосилкардаи хонандагон тавассути тестҳои ташхисӣ ва ҷамъбастӣ, мусобиқаҳои гурӯҳӣ, презентатсияҳо, эссе ва иншо, нақли хаттӣ, реферат, лоиҳаҳо, нақшофарӣ, конференсия ва ғайра.

Натиҷаҳои озмоишро кӯшиш намудем, ки дар модул ё формулаҳои ДТМ (дониш, таҷриба, малака) ва ДММ (дониш, малака, маҳорат) гузорем ва тафовути муносибатҳор муайян намоем:

| **Мавзуъҳо** | **Синфи таҷрибавӣ** | **Синфи контролӣ** |
|---|---|---|
| | **ДТМ*%** | **ДММ*%** |
| Шинохти Ҷомӣ ҳамчун инсон, шоир, нависанда, олим | 100(50+50) | 80( 70+10) |
| Тавсифи умумии эҷодиёти Ҷомӣ | 95(50+45) | 70( 60+10) |
| Аз ёд кардани ашъори гуногун | 90(45+55) | 50 (30+20) |
| Аз ёд кардани ғазалиёти Ҷомӣ | 100(30+70) | 50(35+5) |
| Омӯзиши осори насрии Ҷомӣ | 100(30+70) | 75(70+5) |
| Омӯзиши жанрҳои калони(достонҳои) Ҷомӣ | 85 (35+50) | 60(55+5) |
| Луғатомӯзӣ | 95(10+85) | 60(20+40) |
| Лоиҳасозӣ | 100 (5+95) | 10(5+5) |
| Нақшофарӣ | 70 (5+65) | 10(5+5) |
| Корҳои берунасинфӣ | 100(10+90) | 15(5+10) |

* ДТМ- дониш, таҷриба, малака .

** ДММ – дониш, маҳорат, малака .

Дар ҷадвали мазкур дар синфи таҷрибавӣ аз 25 (100%) нафар хонанда ҳамаашон мавзуи «Шинохти Ҷомӣ ҳамчун инсон, шоир, нависанда, олим»-ро дар сатҳи миёна, хуб ва аъло азхуд карданд, (тибқи талаботи барнома), ки 50 фоизи ин донишҳоро аз нақли муаллим, китоби дарсӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ ва 50 фоизи дигарашро худашон бо роҳи ҷустуҷӯ аз сарчашмаҳои гуногун, мушоҳида, иштирок дар лоиҳаҳо, конференсияву чорабиниҳои илми фарҳангӣ ва таҷриба ба даст овардаанд (50+50). Ҳамин супоришро танҳо 80 фоизи хонандагони сифи контролӣ иҷро кардаанд, ки аз ин 70 фоизи хонандагон мавзуъро аз нақли муаллим ва 10 фоизи боқимонда аз сарчашмаҳои дигар азхуд кардаанд. Таносуби азхудкунии мавзуъ дар синфи таҷрибавӣ нисбати синфи контролӣ 20 фоиз зиёд мебошад, фаъолнокии хонандагон барои мустақилона аз худ намудани дониш дар синфи таҷрибавӣ 50 ва дар

синфи контролӣ 10 фоизро ташкил додааст, ки тафовути мазкур бартарии консепсияи ДТМ (дониш, таҷриба, малака)-ро нисбати консепсияи ДММ (дониш, малака, маҳорат) нишон дода, дурустии фарзияии илмии диссертатсияро собит намуд.

Истифода аз технологияҳои интерактивӣ ва модули ДТМ имкон дод, ки хонандагон ҳам дар бораи Ҷомӣ дониши зарурӣ ҳосил кунанд ва ҳам салоҳиятҳои иҷтимоӣ, коммуникативӣ, иттилоотӣ, маърифатӣ-ахлоқии худро ташаккул диҳанд. Дар синфи озмоишӣ 25 нафар хонандагон дар лоиҳи «Луғатсозӣ» иштирок карда, худашон беш аз 400 луғатро шарҳ доданд, таҳрир карданд, мутобиқи алифбо ҷо ба ҷо намуданд, ба забонҳои русӣ ва англисӣ тарҷума карданд. Дар синфи контролӣ ба луғатҳои шарҳталабе, ки дар китоби дарсӣ пайдо карданд, маҳдуд шуданд. Натиҷа сатҳи луғатдонии хонандагони синфи озмоишӣ нисбат ба синфи контролӣ 4-5 баробар зиёд буд. Чунки онҳо худашон ҷустуҷӯ карданд, хонданд, ду- се бор навиштанд (сиёҳнавис, сафеднавис, таҳрир, чопи компютерӣ, таҳрири охир, хондани баъди чоп) равандҳое буданд, ки аксарияти луғатҳо дар зеҳни онҳо устувор ҷо гирифт.

Бояд зикр кард, ки дар баробари технологияҳои таълимӣ мавқеи босалоҳиятии муаллим дар интихоби мавод, таваккул кардани ӯ дар тағйири барнома ва китоби дарсӣ, ҳамкории ӯ бо хонандагон, баҳодиҳӣ ва арзёбии натиҷаҳо калон аст. Дар синфи контролӣ  муаллим асосан аз рӯи талаботи барномаи феълии адабиёти тоҷик кор кард ва иштирокчии семинару тренингҳои озмоишӣ набуд ва талаботеро ба ҷо овард, ки роҳбарони  муассиса аз ӯ талаб доранд. Хулосаи мо дар ин бора он аст, ки роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, кормандони шуъбаҳои маориф ва сохторҳои тобеи онҳо низ аз курсҳои салоҳияти роҳбарӣ ба ҷараёни кори таълиму тарбия дар татбиқи МБТ бояд гузаранд.

Дар синфи озмоишӣ  махсусити кори тадқиқотӣ дар ҷараёни  таълим он буд, ки хонандагон беш аз 50 фоизи маводи таълимиро худашон бояд ҷустуҷӯ ва аз худ кунанд. Ин ҷустуҷӯҳо бо роҳи ҳамкорӣ, таҷриба ва татбиқи амалии донишҳо сурат гирифт. Ба хонандагон ва омӯзгорон

имконият дода шуд, ки дар интихоби усулҳо, мавод, шаклҳои ташкили таълим озоду мустақил бошанд. Илова ба ин диққати муаллимони дигар барои ҳамкорӣ ба хотири рушд бахшидани салоҳияти хонандагону омӯзгорон ҷалб гардид. Хонандагон иттилооти заруру алоқамандро на танҳо аз китоби дарсии адабиёт, балки дар ҳамкорӣ бо муаллимони дигар, падару модарон аз манбаъҳои боэътимод, ки боварӣ ва дақиқии иттилоотро таҳким мебахшанд ва хонандаро ба ҷустуҷӯ, таҳқиқ ва рушди тафаккур ва эҷодкорӣ ҷалб менамояд, роҳнамун месозад. Масалан, вақте ки хонандагони синфи 4 лоиҳаи «Сангпуш ва Каждум»-ро омода мекарданд, диққати онҳо ба кашидани расми сангпушт ва каждум ҷалб шуд. Зеро дар ҳар синф хонандагоне, ки қобилияти расмкашӣ доранд, ҳастанд ва аз қобилияти онҳо истифода карда, мазмуни ҳикояро дар расм ба тасвир гирифтан, имконияти рушд бахшидани салоҳиятҳои дигарро фароҳам овард. Илова ба ин, дар расм тасвир намудани мазмуни матн хотираи кӯдакро қавӣ мегардонад ва шояд мазмуни ҳикоя тавассути тасвир як умр дар хотири ӯ нақш бандад, зеро ин эҷоди ӯст. Ва сарҳаками ин лоиҳа муаллими расм буд, ки аз даъват ба дарс шарики кори хонандагон гардид. Ҳузури ӯ ба сифати довар масъулияти кӯдакро афзуда гардонд. Ҳамин тавр, мо тавассути озмоиш муқаррар намудем, ки ҳамкории омӯзгорон дар ҷараёни таълим, салоҳиятҳои ҳам хонандагон ва омӯзгоронро рушд мебахшад. Инро дар озмоиши дигар, зимни таълими ғазалиёти Ҷомӣ низ собит намудем. Мо бо муаллими суруд ҳамкорӣ намудем, хоҳиш намудем, ки ба ду ғазали Ҷомӣ оҳанг эҷод кунад ва дар ҳавои ин оҳангҳо сурудани хонандагони синфи 7 ва 9-ро ҷалб намояд. Таъкид шуд, ки ин ташаббус аз ҷониби вай сурат бигирад, на муаллими адабиёт. Муаллим дар лоиҳаи худ хонандагоне, ки завқи баланди мусиқӣ ва овози форам доранд, аз синфҳои 7-9 ҷалб намуд. Дар матни ду ғазал ду оҳанги хуб эҷод шуд. Чор нафар сарояндаҳо хонандагони синфҳои 7 ва 9 буданд. Вақте ки дарси ғазалиёти Ҷомӣ дар синфи 9 оғоз шуд, муаллим мухтасар дар бораи жанри ғазал ва сохтори он маълумот дода, диққати хонандагонро ба латифӣ, ҷаззобӣ ва мазмуну кайфияту руҳбахшии

ғазалиёти Ҷомӣ ҷалб намуда, дастаи навозандагонро ба синф даъват намуд ва ҳама овозхони номаълуму номашҳури синфашонро бо кайфияти хоса гӯш карданд. Дарс ба анҷом нарасида, муаллим пурсид, шумо ҳам метавонед мисли Адиба аз эҷодиёти Ҷомӣ суруд хонед. Чор нафари дигар хоҳишманд пайдо шуд. Муаллим супориш дод, ки аз девони ғазалиёти Ҷомӣ ғазале интихоб карда, аз ёд кунед ва назди муаллими суруд равед. Ба сарояндаи дуюм  супориш дод, ки 10 дақиқаи боқимондаи дарс дар ихтиёри туст. Бо ҳамон оҳанге, ки ғазал хондӣ, бори дигар хон ва ҳоҳиш намо, ки дигарон дар баробари ту ин ғазалро хонанд. Дар ин дарс хонандагон аз пурсиши вазифаи хонагӣ, аз баҳогирӣ, аз насиҳату мазаммати муаллим, аз китоби дарсӣ озод буданд. Ғазал гӯш карданд, ғазал сароиданд. Дар синфи контролӣ дарси муаллим дар атрофи маводи китоби дарсӣ,  пурсиши супоришҳои муаллим оғозу анҷом ёфт. Мо ба хонандагони синфи озмоишиву контролӣ  бо як савол муроҷиат намудем: Мехоҳед дарсро атрофи ғазалиёти Ҷомӣ давом диҳем? Бале (синфи озмоишӣ), Не (синфи контролӣ).

Натиҷаи мавзуи «Ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ»-ро чунин ҷамъбаст намудем:

| **Номгӯи натиҷаҳо** | **Синфи озмоишӣ** | | **Синфи контролӣ** | |
|---|---|---|---|---|
| | **шумора** | **%** | **шумора** | **%** |
| Хонандагоне, ки як ғазал аз ёд карданд | 25н- | 100% | 15 | -60% |
| Хонандагоне, ки 2 ғазал аз ёд карданд | 12- | 48% | 3 | -12% |
| Хонандагоне, ки аз се ғазал зиёд аз ёд карданд. | 8- | 32% | 1 | -0,4 % |
| Хонандагоне, ки 5 ва зиёда шоҳбайти ғазал медонанд. | 25- | 100% | 12 | - 48% |
| Хонандагоне, ба ҳар ҳарф як байти ашъори Ҷомиро аз ёд медонанд. | 20 | 80 % | 4 | – 16% |

Фарқияти  муҳим он буд, ки дар синфи озмоишӣ 100 фоизи ашъор бо хоҳишу завқи хонандагон ва дар синфи контролӣ 90 фоизи ашъор бо

супориш ва принсипгузории муаллим аз ёд шуд. Аз сӯи дигар, дар синфи контролӣ муаллим ҳамон 5 ғазали китоби дарсиро мавриди хондану таҳлил қарор дод. Дар синфи озмоишӣ хонандагон ҳар кадоме барои худ ғазал интихоб намуданд, ки дар маҷмуъ 20 ғазалро ташкил дод (баъзе ғазалҳо дар интихоби хонандагон такрор шуд). Усули интихоб доираи омӯзишу аз худ кардани ғазалиёти Ҷомиро васеъ намуд. Чунки ҳар кас ғазали интихобкардааш (дӯстдоштааш)-ро аз ёд кард. Муаллим дар дарси аввал як ғазалро худаш таҳлил кард, то техника ва технологияи таҳлил дастрас ва мушаххас шавад ва минбаъд ҳар кас ғазали худашро таҳлил карда, барои арзёбӣ ба муаллим пешниҳод намуд. Бо ин роҳ имкон пайдо шуд, ки хондану аз ёд кардани ғазалиёти шоир доманадор ва калонмиқёс шавад. Рафти нисбатан пурраи таълими ғазалиёти Ҷомиро дар синфи 9 дар боби сеюми кор нишон хоҳем дод.

Азбаски ҳамаи дарсҳои ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар шароити озмоишӣ гузаштанд, рафти баргузории онҳоро дар боби дуюми кор мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Аз баррасии натиҷаҳо метавон хулоса кард, ки озмоиши таълимии мазкур фарзия ва зарурати таҳқиқоти илмиро собит сохт ва мақсаду вазифаҳои пажӯҳиши илмиро пурра намуда, назарияи МБТ-ро дар омӯзонидани мероси пурғановати классикони адабиёти тоҷик, аз ҷумла дар формати нав таълим додани ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ заминаи илмию амалӣ гузошт. Нигоҳи нав ва бардошти самараи технологиҳои таълимӣ, аз ҷумла истифодаи усулҳои интерактивӣ ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ, назарияи «дар таълими интерактивӣ нокомӣ ва бемуваффақиятӣ ҷой надоранд»-ро бори дигар равшан собит намуд.

Айни ҳамин таҷрибаро ҳангоми омӯзиши ҳикояҳои “Баҳористон” дар синфи 7 истифода ва натиҷагирӣ намудем, ки ҳамон маводе, ки дар синфи 9 барномаи таълим пешниҳод намудааст, дар синфи 7 омӯзонидан имкон дорад ва чунин муносибат дар ду самт аҳамияти таълимию тарбиявӣ касб мекунад:

1.Муносибати инфиродӣ дар таълими“Баҳористон” амалӣ мегардад. Ҳар як хонанда имконияти интихоб ва мутолиаи ҳикоятеро пайдо мекунад ва иттилооти пайдо кардаи як хонанда дастраси хонандагони дигар шуда, дар маҷмуъ тасаввуроти хонанда дар бораи асар ва муаллифи он васеъ мегардад.

2. Ҳаҷми умумии мавод дар синфи 9 кам шуда, имконияти омӯзиши мавзуъҳои барномаи таълим, мисли ғазалиёти шоир ва осори ҳамосии Абдураҳмони Ҷомӣ васеъ мешавад. Бартарии муносибати инфородӣ ба таълимро дар ҷадвали зер чунин хулоса намудем:

| **Синфи озмоишӣ** | | **Синфи контролӣ** | |
|---|---|---|---|
| **Мундариҷаи кор** | **Натиҷа** | **Мундариҷаи кор** | **Натиҷа** |
| Ҳар хонанда хондану таҳлил намудани 2 ҳикояи “Баҳористон”-ро дар шакли лоиҳа пешниҳод намуд. | Аз “Баҳористон” на камтар аз 20 ҳикоя таҳлилу баррасӣ шуд | Омӯзгор хондану таҳлили ҳикояҳои асарро аз рӯи китоби дарсӣ ба нақша гирифт | Ҳамаги 3 ҳикояи асар мутолиа ва баррасӣ шуд |

Албатта, ин маънои онро надорад, ки “Баҳористон” дар синфи 9 аз маркази диққати муаллим ва хонандагон дур монад. Дар синфи 9 ҳангоми таълими тарҷумаи ҳол ва мероси адабии Абдураҳмони Ҷомӣ “Баҳористон” ҳамчун осори баландмазмуни адабиёти тоҷик ёдоварӣ шуда, дониш ва таҷрибаҳои дар синфҳои 4,7 ҳосилнамудаи хонандагон ҷамъбаст гардида, дар корҳои беруназсинфӣ- конференсия, мусобиқаҳои таълимӣ, лоиҳаҳои инфиродӣ ва ғайра ба омӯзиши ин асар таваҷҷуҳи хоса дода шуд. Чунки хонандагон доир ба он аз асарҳои дигар маълумот доштанд ва захираи дониши онҳо дар синфи 9 ба фаъол шудан ва ҳамкорӣ намудан бештар мусоидат намуд. Бинобар ин, мо ба хулоса омадем, ки таълими нисбатан пурраи “Баҳористон” дар синфи 9 низ самараовар буда метавонад ва чунин муносибат ба омӯзиши нисбатан васеи мавзуъҳои дигари ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ шароит ва имконият фароҳам меоварад.

# БОБИ II. ТАЪЛИМИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР КУРСИ ХОНИШИ АДАБӢ

## II.1. Махсусиятҳои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар зинаи аввали таҳсилот (синфҳои 1-4)

Дар зинаи аввали таҳсилот (синфҳои I-IV) фанни адабиёт мустақиман омӯхта нашавад ҳам, дар китобҳои дарсии "Забони модарӣ"-и синфҳои 1-4 аз адабиёти бадеӣ фаровон истифода бурдаанду мебаранд. Оё аз ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ абёт ё ҳикоётеро метавон интихоб кард, ки ба синну сол ва ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мутобиқат кунад ва ҳамчунин аҳамияти бузурги тарбиявӣ дошта бошад. Бо ҳамин мақсад, мо аввал ба маводи таълимии китобҳои дарсии "Забони модарӣ" барои синфҳои 1-4 шиносоӣ пайдо намуда, мазмуну мундариҷа ва сохтори методии китобҳоро мавриди барасӣ қарор додем. Таҳқиқот нишон дод, ки дар синфҳои 1-4 матнҳо аз адабиёти классикӣ дар китобҳои "Забони модарӣ" барои синфи 1 дар 8 дарс 10 андарзи Ҷомӣ пешниҳод шудааст, ки матнҳо ба хусусияти синнусолии хонандагон ҷавобгӯ буда, вобаста ба талаботи мавзуъҳои забони модарӣ тарҳрезӣ шудаанд. Ин матнҳо дар китобҳои дарсии солхои пеш интихоб нашудаанд ё хеле кам мунтахаб шудаанд. Масалан, то соли 2005 дар китоби дарсии "Забони модарӣ" барои синфи 2 матне ба назар нарасид ва дар нашри соли 2005 ( "Забони модарӣ" барои синфи 2. Душанбе: "Полиграф групп",2005) ду ҳикоя: "Каждум ва Сангпушт", "Бе якдигар намефурушам" интихоб шудааст. Дар нашри соли 2017 (Душанбе, Маориф,2017) аз эҷодиёти Ҷомӣ 12 шоҳбайт ва се ҳикоя ("Ҷавоҳироти шоҳ", "Хубӣ", "Қадри падар") ворид шудааст. Мутаассифона, дар китоби дарсии "Забони тоҷикӣ" барои синфи 3. (Душанбе, Маориф-2018) аз эҷодиёти Ҷомӣ чизе ба назар нарасид. Дар китоби "Забони модарӣ" барои синфи 4 (Душанбе , Маориф, 2018) 6 байт аз ашъори шоир ва ҳикояти "Ҳикояти нобино" аз "Баҳористон"

интихоб шудааст. Хулоса, китобҳои дарсии имрӯзаи “Забони модарӣ” барои синфҳои 1,2,4 кам ҳам бошад, фарогири матнҳое мебошанд, ки аз эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ интихоб шудаанд ва матнҳо асосан ҳамчун маводи таълимӣ бо мақсадҳои зерин истифода шудаанд:

1. Ҳамчун маводи забономӯзӣ ва далел барои ин ё он қоидаи забон;

2. Барои инкишофи нутки хонанадагон (хондан, шарҳ додан, нақл кардан, аз ҷумла накли шифоҳиву хаттӣ ва аз ёд кардан шеърҳо ва ғайра;

3. Барои таъмин намудани моҳияти тарбиявии дарсҳо. Истифодаи бештари ашъори панду андарзии осори адибон;

4. Барои корҳои мустақилонаи хонандагон (кор бо матн).

Омӯзиш нишон дод, ки ҳадафи муаллифони китобҳо ба мақсадҳои таълимиву тарбиявӣ мувофиқанд ва сохтори методии китобҳо дар мавриди интихоби матнҳои бадеӣ (осори классикон) ба талаботи мавҷуда созгоранд. Вале ба назар мерасад, ки кулли саволу супоришҳо бо мақсади донишандӯзии хонандагон равона гардида, саволу супоришҳое, ки ба хонандагон пешниҳод шудаанд, асосан ба бандҳои дар боло зикршуда мутаносибанд ва дар доираи талаботи МБ мураттаб нашудаанд. Тавре ки маълум аст, дар МБТ мақсади таълим танҳо бо азхудкунии донишҳо маҳдуд намешавад, омӯзгор бояд диққати хонандаро ба ҷиҳатҳои амалии муҳтавои таълим (мавзуъ) ҷалб кунад, ки тавонад дониши омӯхтаашро дар амал тадбиқ намояд. Формулаи асосии натиҷаи таълим дар таълими анъанавӣ хонанда “чиро медонад”, аммо дар МБ, бино ба гуфтаи методистон, формулаи асосии натиҷаи таълим хонанда “кадом амалро иҷро карда метавонад?” аст [87,45]. Порчаҳои назмию насрие, ки дар курси хониши эзоҳӣ таълим дода мешаванд, бояд тафаккурсоз бошанд ва фаъолияти маърифатии хонандаро дар ҳаёт таъмин карда тавонанд. Азбаски матнҳои интихобшуда ба ҳадафи МБ мухолифат надоранд, омӯзгорон мустақиман онҳоро дар равиши кор ба талаботи мазкур мутобиқ карда метавонанд. Бинобар ин, мо дар рафти озмоишҳои таълимӣ мақсад нагузоштем, ки методикаи таълими осори

классиконро мавриди таҳқиқ қарор диҳем, балки мавҷудият ё худ ҳузури мероси пурғановати адабиёти классикиро дар зинаи аввали таҳсилот ташхис намоем ва то ҳадди имкон тавсияҳои методие, ки аз натиҷаҳои озмоиш ба даст омадаанд, ба омӯзгорону мутахассисони соҳа пешниҳод намоем. Аз ҷониби дигар, ҳини омӯзиши масъала, чунин ба назар расид, ки таълими матнҳои адабиёти классикӣ дар ин зинаи таҳсилот то ҳол ба таври ҷиддӣ аз нигоҳи илмию методӣ таҳқиқ нашудааст. Дар шароити МБ масъалаи мазкур метавонад мавзуи алоҳидаи омӯзиш ва таҳқиқоти доманадор бошад.

Дар рафти озмоишҳои таълимӣ нахустин тавсияи мо ба муаллимони синфи як он буд, ки омӯзгор дар давраи таълими "Алифбо" ба чанд ҳарфи "Алифбо" аз ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ шоҳбайтҳои зеринро барои аз ёд кардан пешниҳод намояд:

**А**ниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.

***

**Б**арои дӯстон ҷонро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун.

***

**Т**оҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қулфкушои ҳама дарҳост илм.

***

**Х**уштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз он ба гӯшаи танҳоӣ,
Сад роҳате асту ҳаргиз озоре нест,

***

**Ҳ**еҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.

Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард.

***

**А**гар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

***

**Б**еҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ.
Беш бошад ба халқ нафърасон.

***

**Р**ост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,
Рост гӯ, рост шунав, рост нишин.

Ин ҳамкорӣ самараи хубе ба бор овард.Муаллим дар давоми беш аз 4 моҳ байтҳои зикршуда ва шоҳбайтҳои маъруфи шоирони дигари классику имрӯзаро ба хонандагон аз ёд кунонид, ки дар нисбати ашъори соддаву каммазмун (Ман "Алифбо мехонам...", Ангури мо..."...), ки дар зиндагии минбаъдаи онҳо таъсире надорад, ба ҳукми анъана ворид гардид.

Таҳқиқ нишон дод, ки муаллифони китобҳои дарсӣ моҳияти таълимию тарбиявии осори Абдураҳмони Ҷомиро ба назар гирифта, матнҳои ҷолибро интихоб намуда, пешкаши хонандагон гардонидаанд. Вале чунин ба назар расид, ки бо нав шудани муаллифон дар нашрҳои гуногуни китобҳои дарсӣ интихоби матнҳо низ тағйир ва ё партофта шудааст. Масалан, дар китоби дарсии "Забони модарӣ" барои синфи 2, (Душанбе, 2005) аз эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ҳикояҳои "Каждум ва Сангпушт", "Бе якдигар намефурӯшам" интихоб шудаанд. Вале дар нашрҳои минбаъда ин ҳикоятҳо партофта шудаанд. Шояд сабаби асосӣ тағйир ёфтани муаллифон ё мураккаб будани забони ҳикояти аввал барои хонандагони синфи 2 бошад. Ба ҳар ҳол, мушоҳида шуд, ки интихоби матн ба фаҳмиш ва салиқаи муаллифони китоби дарсӣ низ вобастагӣ дорад. Азбаски МБТ имконияти интихоби матнро ба

омӯзгорон фароҳам овардааст, омӯзгорон имкон доранд, аз ашъори шоир ва ҳикояҳои “Баҳористон” истифода кунанд. Ба андешаи мо, махсусияти омӯзиши осори классикон дар ин синфҳо аз он иборат аст:

1. Омӯзиши ҳаёту эҷодиёти адибони классику муосир, ки дар синфҳои 5-9 омӯзонида мешавад, бояд дар синфҳои 1-4 низ ба таври мунтахаб ворид шавад, то ки принсипи пайдарҳамӣ дар таълим риоя гардад. Шарт нест ки адибон дар ин синфҳо аз рӯи хронология ва принсипи таърихӣ омӯзонида шаванд. Вабаста ба мавзуъ, мавқеъ ва мақсадҳои таълимӣ панде, ҳикмате, андарзе, масале, латифае бояд интихоб шавад, ки тавассути он хонанда бо муаллифи он маълумоти умумӣ пайдо кунад. Чунин имконият дар дарсҳои забони модарӣ дар синфҳои 1-4 хеле зиёд аст. Чунки китобҳои мазкур асосан аз матнҳо иборатанд ва вобаста ба мавзуъ омӯзгорони хушсалиқа метавонанд аз матнҳои фаровони адабиёти класикию муосири тоҷик истифода баранд. Аз ҷониби дигар, чунин муносибат шароит фароҳам меорад, ки зеҳни кӯдак, хотираи ӯ бо маводи зарурии адабӣ, ки саршори ғояҳои инсондӯстӣ, худшиносӣ, ватанпарастӣ, зебоипарастист, пур карда шавад. Яъне, кӯдак ин маводро дар боғчи зеҳну хотира нигоҳ медорад (агар онро хуб аз худ карда, ба хотираи дури худ ҷо дода бошад) ва минбаъд аз ин захираи “тиллоӣ” истифода хоҳад бурд. Яъне, агар дар синфи 7 ё 9 гап сари эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ равад, хотираи дури кӯдак ба ӯ имкон медиҳад, ки шеъре, масале, хикояте, ки аз Ҷомӣ ё дар бораи Ҷомӣ шунида, хонда ё аз ёд карда буд, ба хотир биёрад. Ҳамин ки хотира равшан шуда, кӯдак фаъол мегардад, кӯшиши аз ҳама пеш ба савол ҷавоб доданро менамояд ва мавзуи суҳбат ва супоришҳои муаллиму китоби дарсӣ барояш шавқовар мегарданд.

2. Ҳикояҳои “Баҳористон” барои хонандагони сифҳои 1-2 душворфаҳманд, ва захираи луғавии онҳо барои дарки маъниҳо нокифоя буда, шарҳи луғатҳо вақти зиёдро мегирад. Бинобар ин, қариб дар ҳамаи китобҳои дарсии ин синфҳо матнҳо бо таҳрир ва сода кардани ҷумлаҳо оварда шудаанд. Дар ин синфҳо аз насри классикӣ масал, андарзҳои

кӯтоҳ ва матнҳои кӯтоҳи ба мавзуъ ва фаҳмиши кӯдакон наздик бояд интихоб намуд ва хушбахтона, дар аксари китобҳои ин синфҳо махсусияти мазкур ба эътибор гирифта шудааст. Дар синфҳои 3-4 ҳаҷми мавод метавонад зиёдтар бошад. Аз равзаи чаҳоруми «Баҳористон» ҳикояти «Ҳотамро пурсиданд»-ро бо иваз намудани калимоти ноошно метавон дар курси хониши эзоҳӣ истифода бурд. Аз равзаи шашум, мутоибаҳои «Баҳлулро гуфтанд», «Нобиное дар шаби торик», «Гадое бар дари сарое чизе хост», «Ду шоир бар як моида ҷамъ омаданд», «Шоире пеши табиб рафт», аз равзаи ҳаштум «Рӯбоҳ ва гург», «Каждум ва Сангпушт», «Кабӯтарро гуфтанд», «Мӯреро диданд» ва «Уштур ва дарозгӯш»-ро бо каме содатар кардан (андаке тағйирот дар лафз, ки ба маъниву мазмун халал ворид намекунад), метавон дар курси хониши эзоҳӣ истифода бурд.

Мутахассисони соҳа дар ин маврид бояд таҷрибаи мутахассисони Руссия Аврупо, Эрон, Америка ва дигар мамлакатҳои пешрафтаро истифода баранд, ки онҳо барои ин синфҳо хониши иловагӣ ё буруназсинфӣ асарҳои беҳтарини бадеиро интихоб кардаанд. Ин силсилакитобҳо бояд барои тамоми хонандагони МТМУ омода шавад ва осори баландмазмуни адибони классику муосир бо меъёри муайян вориди ин китобҳо шаванд.

3. Дар омӯзиши назм муаллим салоҳияти тағйир додани матни аслиро надорад, зеро ҳам вазн, ҳам маънӣ ва ҳам шакл аз байн меравад. Дар ин маврид ду тарзи асосии омӯзиши назм дар зинаи ибтидоии таҳсилот пешниҳод мешавад; а) аз ёд кардани пораҳои шеърӣ бидуни шарҳу маънидоди зиёд. Ёд кардани матни бадеӣ, алалхусус порчаҳои шеърӣ дар ин синну сол хеле муфид аст. Агар пораҳои шеър ҳарчи зиёд аз ёд шаванд, зеҳну хотира қавӣ мегарданд ва илова ба ин ҳангоми омӯзиши мероси адабии адибон дар синфҳои 5-11 хонандаро аз “азоби бештар аз ёд кардан” мераҳонад, зеро дар ин синфҳо теъдоди фанҳои таълимӣ зиёд мешаванд, талаботи аз ёд кардани маводи таълим низ чандин маротиба меафзояд ва билохира, хонанда аз мактабу фанҳои таълимӣ гурезон мешавад. Гарчанде ин усул дар даврони Шуравӣ сахт

маззамат шуда, инкор гардидааст, баъзе бартариҳо дошта, ки донишмадони бузурге монанди устод Муҳаммадҷон Шакурӣ ба тариқи истисноӣ онро зарур донистаанд: “Усули таълими мактаби кӯҳна аз бисёр ҷиҳатҳо схаластикӣ буд, кӯдаконро маҷбур мекарданд, ки он девонҳоро пурра ё қисман аз ёд кунанд. Вале ин схоластика баъзе бартариҳо ҳам доштааст: одам аз кӯдакӣ осори бузургони сухани бадеъро аз бар карда ва як умр дар ёд дошта, ҳама умр кам-кам ба моҳияти он пай мебурд, бо афзоиши таҷрибаи ҳаётии худ мазмуни фалсафӣ ва арзиши эстетикии онро амиқ мефаҳмид. Инсон аз аввал, аз кӯдакӣ имкон пайдо мекард, ки ҳофизаи худро бо суръат инкишоф диҳад, онро аз доираҳои нав ба нави маънавию эстетикӣ афзояд. Ин ҳолат, бегумон барои дарки зиндагии худ ва атрофиён, барои тарбияи худ ва инкишофи доимӣ замина тайёр менамояд”[124,22]. Вақеан, озмоиш собит намуд, ки қобилияти аз ёд кардан дар синфҳои 1-4 дар нисбати синфҳои 6-9 хеле баланд аст ва метавон аз вазъи зеҳнии кӯдакон истифода кард. Онҳо баъзан тӯтивор аз ёд кунанд ҳам, минбаъд дар такрори пайопай ва зиёд шудани таҷрибаи зиндагӣ ба маънии онҳо баҳо медодагӣ мешаванд. Ин таҳкурсӣ ҳам ба хонанда ва ҳам ба муаллим имкон медиҳад, ки дар зинаҳои болотар дарсҳо шавқовар, пурмазмун ва ҷолиб гузаранд. Аз ин хотир, мо тавсия намудем, ки дар боғча (гурӯҳҳои тайёрӣ) ва зинаи ибтидоии таҳсилот аз эҷодиёти классикон ашъори пандуандарзӣ ва ҳикояҳои ба зиндагии онҳо наздик мавқеи муайян дошта бошад. Дар МБТ “омӯзгорон имконияти иваз кардани мавзуъ ва мундариҷаро доранд”[87,46]. Аз ашъори Мавлоно Ҷомӣ абёти фаровони тарбиявию ахлоқие метавон ёфт, ки ба забони сода навишта шуда, ба синну соли хонандагони синфҳои ибтидоӣ мувофиқ бошад. Мо ба тариқи намуна чандин абёте пешниҳод намудем, ки хеле содаву равон иншо шудаанд. Аз эҷоди ин ашъор 600 сол гузашта бошад ҳам, барои одитарин хонандаи тоҷик фаҳмост. Танҳо омӯзгор бояд раванди дарсро бо иҷрои талаботи МБ чунон ба роҳ монад, ки маънии онҳо ба умқи хотири хонандагон нақш бандад.

4) Баёни кӯтоҳ, вале ба фаҳмиш ва ҷаҳонбинии кӯдак наздик овардани мазмун ва ғояи матн. Яъне ҷавоб ёфтан ба саволи "Чиро меомӯзем? Чаро меомӯзем?" Масалан, агар ҳикояти "Каждум ва Сангпушт" танҳо ба хотири мазмун ва мундариҷаи он омӯзонида шавад, мақсадҳои таълиму тарбия нопурра мемонанд. Чунки ҳадафи асоси хондану нақл кардан ва ё мазаммати каждум нест, балки некӣ ва эҳтиёткорӣ аст. Бинобар ин, дар аснои озмоиши таълими омӯзиши ин ҳикоя барои хонандагони синфи 4 пешниҳод гардид, ки шакли мухтасари онро баён менамоем. Дарси аввал муаллим пас аз хонондани матн ва ёфтани калимаву иборaҳои шарҳталаб, нақли матн дар атрофи мазмун ва ғояи ҳикоя ба хонандагон мурочиат намуд:

1. Оё медонед каждум чӣ гуна хазанда аст?
2. Шумо сангпуштро дидаед?
3. Кадоме аз ин хазандаҳо зиёноваранд?
4. Чаро сангпушт каждумро ба пушташ савор кард?
5. Чаро каждум ба сангпушт неш зад?
6. Сангпушт чӣ тавр аз каждум халос шуд?
7. Ба рафтори каждуму сангпушт баҳо диҳед.

Пас аз ҷамъбасти ҷавобҳо муаллим супориш дод, ки 1) аз хонавода, одамони дигар ҳамчунин аз китоби «Табиатшиносӣ» ё «Зоология» ва дигар сарчашмаҳо (интернет ва қомусҳои соҳавӣ) дар бораи сангпушт ва каждум маълумот ҷамъ намуда, ба тартиб дар дафтаратон ба қайд гиред; 2) масали «Каждуми зери бурё»-ро аз падару модар, бобову бибӣ ва ё шахсони дигар пурсед ва муҳтавои онро дар дафтаратон мухтасар нависед; 3) байти «Неши ақраб…» ро аз ёд кунед ва шарҳ диҳед; 4) касоне, ки қобилияти расмкашӣ доранд, мазмуни ҳикояро дар расмҳо тасвир кунанд. Дарси оянда муаллим супориши вазифаи хонагиро ёдовар шуда, хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо намуда, ба ҳар гурӯҳ сарвар таъйин намуд ва фармуд, ки хонандаи ҳар гурӯҳ навиштаҳояшро ба аъзоёни гурӯҳи худ хонад ва ҳар гурӯҳ се навиштаи беҳтаринро муайян намояд. Марҳалаи дуюми кор презентатсияи корҳои хонандагон шуд.

Муаллим аз ҳар гурӯҳ хонандагоне, ки корҳояшон шоиста буд (9 нафар), ба назди тахтаи синф даъват намуд ва ба хонандагони дигар таъкид намуд, ки бодиққат гӯш диҳед, ки аз байни 9 кор се корро бояд аз ҳама арзишманд дониста, дар гӯшаи «Оё медонед?» ҷой диҳем. Муаллим пас аз эълон шудани пешсафон расмҳое, ки 8 нафар хонандагон аз рӯи мазмуни ҳикоя кашида буданд, барои муҳокима ва арзёбӣ дар тахтаи синф гузошта, хоҳиш намуд, ки ба расмҳо баҳогузорӣ кунанд. Пас аз баҳодиҳӣ муаллим аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намуд, ки барои чӣ ба ин се гузориш ва се расм аксарият холҳои зиёд доданд, гузориши мухтасар (1 дақиқа) омода намоед.

Бо мақсади ҷамъбасти дарс муаллим ба хонандагон ба саволҳои зерин муроҷиат намуд:

- Каждум чӣ гуна ҷондор будааст? Чаро ӯро чунин ном кардаанд?

- Ҷойи зисти каждум асосан куҷоҳо будааст?

- Барои чӣ аз каждум эҳтиёт бошем?

- Чӣ кор кунем, ки аз каждум эмин монем?

- Каждумгазидаро чӣ бояд кард?

- «Каждуми зери бурё» чӣ маънӣ доштааст ва дар пайдо кардани ин маънӣ кӣ ба шумо ёрӣ расонд?

- Киҳоро каждумсифат гуфтан мумкин аст?

-Чӣ тавр аз каждумсифатон эҳтиёт шавем?

-Байти «Неши ақраб на аз пайи кин аст»-ро дар асоси ҷавобҳоятон мухтасар шарҳ диҳед.

Мо ба ҷавобҳои саволҳои дарси аввал ва дарси дуюм ва супориши муаллим хеле бодиққат муносибат доштем. Муқаррар шуд, ки хонандагон мазмуни ҳикояро хуб азбар кардаанд, луғат ва калимаҳои душвaорфаҳмро низ бо ёрии муаллим хуб шарҳ дода дар нутқи худ истифода карданд. Муаллим метавонист ҳамин ҷо дарсро хотима бахшад, вале дарсро ба як соати дигар тибқи нақшаи пешакӣ идома ёфт. Чунки мақсади таълимию тарбиявии дарс ва ташаккули салоҳиятҳо дар хонандагон дар идомаи ин дарс амалӣ мегашт. Зеро муаллим тавассути

супоришҳо волидон, аҳли оила, ҳамшираи шафқат, муаллими расмро низ ба мавзуъ ҷалб карда буд. Дар ҷавобҳои хонандагон («Бобоям (падарам, амакам, бародарам) гуфт, ки «каждуми зери бурё гуфта….», «Бибиям гуфт, ки ба ҷои газидаи каждум…..» , «Бародарам гуфт, ки сангпуштхо дар оби океанҳо…», «Модарам гуфт, ки каждумгазидаро ҳатман ба ….» «ҳамроҳи падарам дар интернет дидем ки…» «Дар китоби «Зоология» хондем, ки дар ҷахон беш аз…») мо ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоишавӣ, иттилоотӣ, маърифатию ахлоқӣ ва коммуникативиро басо хуб мушоҳида намудем. Илова ба ин, лаҳзаи хеле ҷолиб он буд, ки муаллими расм эълон намуд, ки холҳои аз ҳама баланд насиби Ҳакимҷон гаштааст, ки вай дар расмаш расонидани ёрии таъҷилиро ба каждумгазида тасвир кардааст. Суханони ҳамшираи шафқат низ барои хонандагон ниҳоят диққатҷалбкунанда буд. Зеро ӯ андешаҳои бобову бибиву амаку дигаронро дар мавриди аз каждум заҳролуд шудан баррасӣ намуда, роҳу усули меъёрии ба зарардида расонидани ёрии аввалдараҷаро мухтасар шарҳ дод.Мақсади асосии ин дарс аз тасвири бадеии ҳодисаву воқеаҳо ба ҳаёти воқеӣ ворид намудани хонандагон буд, то ки кӯдак ҳаёти воқеиро дар пасманзараҳои тасвири бадеӣ дида тавонад.

Талаботи МБТ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки омӯзгор фаъолияти хонандагонро хуб ташкил карда тавонад. Диққати асосиро дар раванди дарс, на танҳо ба дониш, балки ба ҷиҳати амалии дониш, малакаву маҳорат равона кунад ва хананадагонро барои дар зиндагӣ комёб шудан омода намояд. Ба таъбири содатар, аз ашъори Ҷомӣ дар курси хониши эзоҳӣ ҳамон абётеро бояд интихоб карду таълим дод, ки аввалан, ба синну сол ва ҷаҳонбинии онҳо мувофиқ бошад. Сониян, тафаккурсоз бошаду дар ташаккули тафаккур ва салоҳиятҳо мусоидат кунад. Солисан, ин дониши андӯхта аз ашъори шоир барои хонанда муҳим бошаду дар оянда ӯро ба кор ояд. Яъне, қабл аз интихоби абёт муаллим бояд суол гузорад, ки донистани ин мавод барои хонанда чӣ

зарурат дорад, барои чӣ лозим мешавад ва муҳимтар аз ҳама, онро дар куҷо истифода мебарад?

Хулоса, таҳқиқ ва озмоишҳои педагогӣ дар мактабҳои таҷрибавӣ нишон доданд, ки ашъори ҳикматбор ва ҳикоятҳои шавкангези ”Баҳористон”-и Ҷомиро бо андак тағйири лафзӣ дар курси хониши эзоҳӣ вобаста ба талаботи МБ метавон интихоб кард ва таълим дод. Ҳамчунин, мураттибони барнома ва муаллифони китобҳои дарсӣ бояд ин нуктаро ба назар гиранд, ки назму насри баландмазмуни Ҷомӣ метавонад ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳам дониш ва ҳам чандин салоҳиятҳоро дар онҳо ташаккул диҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми тартиб додани барнома ва китобҳои дарсӣ вобаста ба синну соли хонандагон аз осори боарзиши ӯ матн интихоб намоянд.

## II.2. Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси хониши адабӣ

Таълими рӯзгори адиб дар шинохти асарҳои ӯ роли муҳим мебозад ва бино ба таъкиди методистон, омӯхтани шарҳи ҳоли суханвар аз қисматҳои асосии таълими адабиёт буда, асосан дар курси таърихи адабиёт ба роҳ монда мешавад. Дар барномаи ҷории таълими адабиёти тоҷик (соли 2007) низ омӯзиши ҳаёти адиб, аз ҷумла Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9, яъне дар курси таърихи адабиёт пешбинӣ шудааст. Аксари методистон бар онанд, ки дар курси хониши адабӣ таълим додани шарҳи ҳоли адиб зарурат надорад. Аз ҷумла Мирзоҳабиб Аҳмадов дар китоби «Таълими адабиёти тоҷик» сабабҳои зарурат надоштани таълими шарҳи ҳоли адибро дар курси хониши адабӣ аз чанд ҷиҳат собит намудааст [20,210]. Аз сӯи дигар, методистон А.Ваҳҳобов ва М. Қозиҷонов дар китоби хеш «Таълими адабиёт дар мактаб» менависанд, ки «дар синфҳои 4-7 мактаби ҳаштсола ва миёна маълумотҳои тарҷумаҳолӣ асосан бо ду роҳ дода мешаванд: 1. Аз тарафи муаллим таъсирбахш ва ҷоннок нақл кардани тарҷумаи ҳол. 2. Хондани очерк ва хотирот оид ба ҳаёти нависанда ё ки тарҷумаи ҳоли илмӣ (хондани ёддошти нависанда, порчаҳо аз хотироти муосирони ӯ, намоиши асарҳои тарҷумаҳолӣ ва ғайра)» [35, 54]. М. Аҳмадов чунин вазифагузориро барои хонандагон дар курси хониши адабӣ зарур намедонад, аммо ба андешаи ӯ, агар лавҳаҳои ҷолиби ҳаёти адибони машҳур ба сифати ҳикояти ҷудогона омӯхта шуда, мундариҷаи он ҳикоят ба зиндагии адиб пайванд дода шавад, "ҳам вазифаи асосии курси хониши адабӣ (кор бо матн) иҷро мешавад ва ҳам хонандагон аз лаҳзаҳои муҳими ҳаёти адиб бархурдор мешаванд"[20, 211].

Зиндагиномаи Абдураҳмони Ҷомӣ ба сифати суханвари бузург, мутафаккир ва дар маҷмуъ инсони комил намунаи иборат барои башарият буда метавонад. Дар китобҳои адабӣ, таърихӣ ва илмӣ аз зиндагии ин мутафаккири бузург лаҳзаҳои ҷолибе нақл шуда, ки

муносибати босалоҳият ҳангоми  таълими онҳо, на танҳо дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синни калони мактабӣ, балки барои хонандагони синни хурди мактабӣ низ муассир буда метавонанд. Аз ин рӯ, новобаста ба он ки аксари методистони таълими суннатии адабиёт таълими тарҷумаи ҳоли суханваронро дар курси хониши адабӣ салоҳ намедонанд, мо бо такя ба озмоишҳои педагогие, ки гузаронидем, муносибати босалоҳият ҳангоми таълими зиндагиномаи Абдураҳмони Ҷомиро дар ҳар ду зинаи омӯзиши адабиёт: курси хониши адабӣ (дар синфи 7) ва курси таърихи адабиёт (дар синфи 9) бо далелҳои илмию методӣ нишон додаем.

## II.2.1. Омӯзиши шарҳи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 7

Гарчанде вазифаи асосии курси хониши адабӣ кор бо матни бадеисту баёни зиндагиномаи суханвар ба ин талабот ҷавобгӯ нест, аммо озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки маълумоти кӯтоҳе дар бораи замони зиндагии адиб ва лаҳзаҳои таъсирбахши зиндагингомаи ӯ, ки аҳамияти бузурги тарбиявӣ доранд, аз фоида холӣ нест. Шогирдону муридон ва ҳамасрони Ҷомӣ дар бораи ӯ ҳикоятҳои воқеии зиёде нақл кардаанд, ки перомуни лаҳзаҳои зиндагии адиб, муомилаи ӯ бо ҳокимони замон, шоирони давр, мухолифони ӯ ва намояндагони табақоти мухталифи ҷомеа маълумот медиҳанд. Аз ҷумла, "Панҷгонаи ҳайратангез" ва ҳикояти вохӯрии қозизодаи Систон бо Ҷомӣ, ки Восифӣ дар китоби хеш меорад, барои курси хониши адабӣ (синфи7) хеле мувофиқ аст. Муаллим метавонад аз ин ҳикоятҳо, ки ба синну соли хонандагони синфи 7 мувофиқ аст, интихоб намояд ва дар дарси хониши адабӣ истифода барад. Албатта, ба он сабке, ки Восифӣ менависад, барои хонандагон душворӣ мекунад, аммо дар китоби устод С. Айнӣ "Восифӣ ва хулосаҳои "Бадоеъ-ул-вақоеъ" ҳикоёти мазкур хеле сода ва ба забони адабии муосири тоҷик гардонда шудааст[9]. Ин ҳикоятҳо метавонанд дар курси хониши адабӣ ба сифати матни бадеӣ хидмат кунанд ва ҳамзамон лаҳзаҳои зиндагии ин мутафаккири бузургро барои хонандагон равшан кунанд.

Муҳаққиқони рӯзгор ва осори Ҷомӣ бо барррасии ҳикоёту латоиф, ки дар бораи ӯ аз ҷониби шогирдону мухлисони ӯ нақл шудаанд, ба он андешаанд, ки «Ҷомӣ ҳамчун шахси шӯхтабъ ва ба ҳазлу мазоҳ моил дар он замон шуҳрат ёфта ва латифаҳои зиёде аз ин муносибатҳо пайдо шудаанд. Ҷомӣ орифи номӣ бошад ҳам, ба тақво ва зоҳир аҳамият намедод, яъне каси хоксору фурӯтан буд»[104, 98]. Воқеан, ин латифаю ҳикоёт инсони хоксору фурӯтан ва дар айни замон бузургворию дорои мақоми баланд дар ҷомеа будани Абдураҳмони Ҷомиро таъкид мекунанд.

Маълумоти тарҷумаҳолии адиб, аз ҷумла дар синни 4-солагӣ ба мактаб рафтан, дар муддати кӯтоҳ соҳиби хату савод гардидан, сарфу наҳфи арабиро омӯхтан, Қуръонро ҳифз кардан ва бо адабиёти бузурги форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти араб ва дигар илмҳои замона дар наврасӣ ошно шудани Абдураҳмони Ҷомӣ  барои хонандагони синфи 7 ҷолиб буда метавонад ва аз сӯйи дигар, аҳамияти бузурги тарбиявӣ доранд. Мо инро дар озмоиши таълимӣ санҷидем ва  самарабахш будани натиҷаи онро муқаррар намудем.

Муаллим дар синфи эксперименталӣ  дарсро аз хондани матн, нақл кардани ин ҳикоя не, балки аз нақли кӯтоҳе, ки овони мактабхонии Ҷомиро инъикос мекунад, оғоз намуд. «Онҳо панҷ нафар буданд, панҷ нафар толибилм, донишҷӯ. Ҳоло онҳо дар ҳуҷраи мадраса нишаста, устоди худро интизоранд. Устод Мавлоно Муҳаммади Ҷоҷармӣ вориди ҳуҷра шуд. Шогирдон-Абдурраҳмон, Ҳусайн, Шамсиддин, Довуд, Муиниддин аз ҷой хеста, ба устод салом доданд. Дарс сар шуд. Муаллим аз онҳо вазифаи хонагиро пурсид. Ҷавоби пурра ва саҳеҳ медоданд. Мавлоно ба шогирдон асари олими машҳур «Шарҳи таҷрид»-и Мавлоно Алии Қушчиро тадрис мекард. Ҳангоми шарҳу маънидоди баъзе масъалаҳои асар дар байни муаллиму шогирдон баҳсу мунозира авҷ мегирифт, гоҳе шогирдон ғолиб мебаромаданд.

- Чӣ бояд кард? «Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ» гуфтаанд, - андеша мекард, роҳ меҷуст устод. Пас фикру тадбир он аст, ки ман худамро касал кунам ва шогирдонро дар кӯи бекорӣ андозам. Вале бояд ман дар ин муддат шабу рӯз мутолиа кунам ва ба дарсгӯии шогирдон нағзтар тайёр шавам.

Мавлоно Муҳаммади Ҷоҷармӣ шогирдонро ба муҳлати 40 рӯз бо сабаби «касалӣ» ва ба «табобат» машғул шудани худ ҷавоб дод. Вале шогирдон сабаби касалии устоди худро пай бурданд. Бинобар ин, онҳо қарор доданд, ки ҳар рӯз дар масҷиди Мулкон ҷамъ омада, як нафарашон муаллим шавад.

Ба ҳамин тариқ, дар муддати 40 рӯз ба навбат дарс гуфтанд ва дониши худро такмил доданд. Мавлоно Ҷоҷармӣ ҳам дар ин муддат шабу рӯз пайваста дар мутолиа буд. Барои шогирдони «гапнодаро» саволу супоришҳои ниҳоят душворро тайёр мекард. Ӯ аз он хурсанд буд, ки дониши зиёде гирифтааст ва он метавонад ба таълими яксолаи шогирдон кифоят кунад.

Ниҳоят рӯзи 40-ум ба шогирдон хабар медиҳанд, ки устод аз «бистари беморӣ» хестааст ва имрӯз дарс мегӯяд. Онҳо ба дарс ҳозир шуданд. Мавлоно ба шарҳи як масъалаи мураккаб сар кард. Шогирдон пеш аз устод ҷавоб доданд. Мавлоно ҳайрон шуд ва гуфт:

- Шогирдони азизам, ман касал набудам, мутолиа кардам, хондам, то ки ба шумо дарс гӯям. Вале, хушбахтона, шумо бузург, устод шудаед, ҷавон ҳам бошед, дигар шуморо ҳеҷ кас қудрати дарс додан надорад, ҳамаи илмҳоро аз худ кардаед. Ба шумо роҳи сафед металабам.

Он чор нафар шарикдарсони Ҷомӣ, ки зикрашон дар боло рафт, дар ҳақиқат олимони машҳури замони худ шуданд»[9, 98]. Ҷомӣ ва шарикдарсонаш аз устодашон таҳсин шуниданд ва устод ба онҳо фотеҳа дод, ки дар фатҳи қуллаҳои нави дониш комёб шаванд. Нақл ҳамин ҷо поён меёбад ва ҳалли проблемаҳои зерин пешниҳоди хонандагон мегардад:

- Кӣ дар байни шумо мисли Ҷомӣ сермутолиа аст? Нақл кунед, ки чӣ тавр ин кор ба шумо муяссар шуд? (шунидани нақли се- чор нафар).

- Оё шумо ҳам боре кӯшиш кардед, ки дар касби донишомӯзӣ (иштирок дар мусобиқаҳо, озмуну олимпиадаҳо) аз устодатон ба чунин таҳсин (мисли Ҷомӣ) сазовор шуда бошед? (эврика, ғавғо (хонандагони экстраверт пеш ҳама худро нишон доданӣ мешаванд) баҳс,..)

-Кӣ мехоҳад, ки мисли Ҷомӣ як бор дар донишандӯзӣ (масалан, хондан ва муайян кардани монандӣ ва фарқи як ҳикояи «Баҳористон» аз «Гулистон») пас аз як ҳафта бо ҳамсабақи худ мусобиқа кунад?

(Проблемасозӣ, ҳалли нисбии он ва ба вуҷуд овардани вазъияти нави проблемавӣ).

-Кӣ дар ҳафтаи оянда дар аз ёд гуфтани шеърҳо аз эҷодиёти Ҷомӣ рақибашро ба мусобиқа даъват мекунад? (Эврика, проблемасозӣ, ба вуҷуд овардани вазъияти нав барои омӯзиши ашъори Ҷомӣ).

- Эссе: «Пайравӣ ба Ҷомӣ». (Эҷоди матни нав , арзёбӣ, ҷамъбаст).

Бо ин саволҳо муаллим хонандагонро ба баҳс кашид ва ба таҳлилу баррасӣ ва хулосабарорӣ водор сохт ва вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд овард. Маҳз дар ҳимин гуна ҳолатҳо тафаккур тавлид мешавад ва ин вазъият хонандароо сухангӯ мекунад. Ба гуфтаи психологи машҳур С.Л. Рубинштейн, «тафаккур аз вазъияти прблемавӣ оғоз меёбад»[110, 21]. Муаллим мақсад гузошта буд, ки дар хонандагон тавассути образи Ҷомӣ ҳаваси мустақилона хондан, мустақилона дониш дарёфт намудан ва дар зиндагии хеш мустақилона истифода бурданро пайдо намояд. Ҳамин лаҳзаи муқаддимавӣ ҳам баҳс, ҳам ғавғо, ҳам масъулиятшиносӣ, ҳам муоширaт, ҳам ҳамраъйӣ, ҳам орзую таманно дошт. Пас аз нақли кӯтоҳ муаллим дар бораи Ҷомӣ маълумоти мухтасар дода, ба мавзуи асосӣ гузашт.

Ҳамин тавр, озмоишҳои педагогӣ собит намуданд, ки шарҳи ҳоли Абдураҳмони Ҷомиро бо такя ба ҳикояҳо метавон дар курси хониши адабӣ дар шакли лаҳзаи муқаддимавӣ таълим дод. Ин амал имкон медиҳад, ки хонандагон ҳам бо матни бадеӣ кор кунанд ва дар баробари он аз лаҳзаҳои ҷолиби зиндагии адиб огоҳ шаванд.

## II.2.2. Роҳу усулҳои таълими ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 7

Дар “Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1” (2007) барои таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи ҳафтум 5-соат ҷудо кардаанд, аммо ин панҷ соат барои таълими ҳикояҳо аз “Баҳористон”-у маснавии “Сислсилат-уз-заҳаб” ва “Нафаҳот-ул-унс” аст. Муратибони барнома аз ашъори ғиноии Ҷомӣ байтеро ҳам барои хонандагони синфи 7 мувофиқ наёфтаанд ва ё салоҳ надонистаанд. Чунон ки зикр шуд, омӯзгор имкон дорад, ки мавзуъ ва мундариҷаро вобаста ба талаботи таълим иваз намояд. Аммо пеш аз он ки аз ашъори ғиноии шоир намунае дархури хонандагони синфи 7 биёварем, нишондоди барномаро баррасӣ мекунем, зеро омӯзгорони мактаб бештар ба барнома такя мекунанд ва пойбанд он ҳастанд.

Ҳикояи “Шикояти пиразани мазлум бо Санҷар” аз маснавии “Силсилат-уз-заҳаб”, ки мураттибони барнома пешниҳод кардаанд, дар асл “ Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифта ва аз бероҳии як-ду золим додхоҳӣ кард ва зулми эшонро аз роҳ бардошт” унвон дорад ва аз 44 байт иборат аст. Дар китоби дарсӣ унвони ҳикоят ба тариқи мухтасар омада “Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифта”, ки қобили қабул аст. Воқеан, забони ҳикоят мураккаб асту бидуни роҳнамоӣ ва шарҳу тавзеҳи омӯзгор барои хонандагони синфи 7 душворӣ мекунад:

Буд дар Марви Шоҳҷон золе,
Ҳамчу золи ҷаҳон куҳансоле.
Рӯзе омад зи ханҷари ситаме
Бар вай аз як-ду лашкарӣ аламе.
Аз тазаллум забон чу ханҷар кард,
Рӯй бар раҳгузари Санҷар кард...[118,116].

Муаллифони китоби дарсӣ ҳикоятро мухтасар намуда, аз 44 байт 29 байтро интихоб намудаанд. Ҳикоятро аз ин ҳам мухтасар кардан мумкин

аст, вале набояд қисмати охир, ки Султон Санҷар баъд аз ҷазои золимон ба пирзол боғи ангуру зар ҳадя мекунад ва бевазан аз адлу саховати вай хушнуд мешавад, ҳазф кард:

Бевазанро ато муқаррар кард,
Аз зару қалби зар тавонгар кард.
Дод бо зар яке разаш маъмур,
То аз он кӯдакон хӯранд ангур.
Кардаш аз адлу ҷуди худ хушнуд,
Дар ҷаҳон то ки буд, аз он хуш буд[136,114].

Дар китоби дарсӣ ба ҷуз аз шарҳи ду калима “Шоҳҷон”, ки мухафафи Шоҳи ҷаҳон асту дар гузашта Марвро чунин ном мебурданд ва борагӣ-асп шарҳу тавзеҳе аз ин ҳикоят наомадааст. Муаллифони китоби дарсӣ дар қисмати “Саволу супориш” доир ба ин ҳикоят суоле гузоштаанд, ки ҳеч ба он дахл надорад ва мантиқан хатост: “Дар ҳикояти “Пирзоле, ки роҳ ба Санҷар гирифта” Ҷомӣ ба кадом бозёфти азим муваффақ ва комёб гаштааст?”[118,118]. Маълум нест, ки муаллифони китоби дарсӣ кадом “бозёфти азими Ҷомӣ”-ро дар ин ҳикоят дар назар доранд. Шояд ҷазо додани золимон аз тарафи Санҷар “бозёфти азим”-и Ҷомӣ бошад? Хонандаи синфи 7, ки нав ба хондани адабият шуруъ кардааст, аз куҷо метавонад, “бозёфти азим”-и шоирро муайян намояд?.

Тавре ки методистон таъкид кардаанд, дар низоми суннатӣ таълими асари бадеӣ дар курси хониши адабӣ се марҳила дорад: машғулияти муқаддимавӣ, кор бо матн ва машғулияти ҷамъбастӣ. Аммо дар МБТ таълими асари бадеӣ чаҳор марҳаларо фаро мегирад: дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйири матн ва таҳияи матни худ[206, 64]. Аз он ҷо, ки матни ҳикояти болои Ҷомӣ он қадар калон нест, омӯзгор метавонад ҳикоятро бо иштироки фаъоли ҳонандагон дар синф хондаву таҳлил намояд. Марҳалаи аввал, ки“дарки матн” аст, матни адабӣ бояд дурусту саҳеҳ қироат шавад. Шарти аввал дар низоми суннатии таълим

дар таҳлили матни бадеӣ низ он аст, ки матн дуруст қироат карда шавад. Яъне шарти аввали низоми суннатии таълим бо марҳалаи аввали МБТ муштараканд. Омӯзгор метавонад дар ибтидо худ матни ҳикоятро қироат кунад. Талаботи МБТ, ки хонандамеҳварӣ ҷавҳари онро ташкил медиҳад, фаъолияти бештари шогирдонро тақозо мекунад. Агар матнро яке аз хонандагон буррову ифоданок қироат кунад, беҳтар аст.

Шарти дувуми низоми суннатӣ шарҳи калимоти душвори матн асту ба марҳалаи аввали МБТ дохил мешавад. Бояд зикр кард, ки шарҳи калимоту таъбироти душвор дар таҳлили матн нақши муҳим дорад, зеро бе донистани маънои калимаҳо матнро фаҳмидан ғайриимкон аст. Яке аз методистон рус В.В. Голубков, ки яке аз бунёдгузорони методикаи таълими адабиёт дар даврони Шуравист, дар ин масъала менависад: “Хонандагон асари бадеӣ мехонанд, ягон калима ва ё ифода барои онҳо ношинос аст ва ба тавзеҳ ниёз дорад, вале ағлаби калимот ба ҳадде фаҳмоянд, ки хонандагон метавонанд матнро муҳокима кунанд. Пас, омӯзгор танҳо ба шарҳи калитмоти душвор маҳдуд мегардад? На. Бештари калимаҳоро хонандагон на ба ҳадди лозима саҳеҳ шарҳ медиҳанд. Илова бар ин, бештари калимаҳоро мефаҳманд, вале дар баёни худ ба кор намебаранд. Бо мақсади ғанӣ гардонидани доираи захираи луғавии забони онҳо ин калимаҳоро шарҳ додан, саҳеҳу дақиқ намудан ва аз захираи карахту беҳаракат ба захираи фаъол интиқол додан зарур аст” [36,180].

Дар матни мавриди назар қариб дар ҳар як байт калимоти душворе мавҷуданд, ки ниёз ба шарҳ доранд. Хонандагони синфи 7 шеваи кор бо китобҳои луғату фарҳангҳоро медонанд, зеро дар синфҳои 5-6 омӯхтаанд. Хонандагон бояд худашон мустақилона калимаҳои душвори матн аз китоби луғат ёбанд ва омӯзгор дар ин кор онҳоро раҳнамоӣ мекунад. Дар байти якум калимаи “зол”, ки ду бор омадааст, бояд тавзеҳ ёбад. “Зол” ба маънии пир, солхӯрда, одами фартут. Дар мисраи дувум шоир пирзолро ба ҷаҳони куҳан ташбеҳ дода, таркиби “золи ҷаҳон” сохтааст. Ҳамин тариқ дар матн калимаҳои “тазаллум” (шикоят аз зулм,

додхоҳӣ), “саркашӣ”, “Кайвон”, “бонг”, “нафир”, “гардун”, “муздурӣ”, “дастмузд”, “гумоштан”, “ҳувайдо”, “нуҳуфт”, “хасм”, “мискинон”, “хусравӣ”, “табоҳӣ”, “мазолим”, “раз” ва “тавонгар” бояд шарҳу тавзеҳ шаванд. Илова бар ин, ибораву ифода ва таркиботе дар ин ҳикояти манзум мавҷуданд, ки дар зоҳир фаҳмо менамоянд, аммо дарки маънои дақиқи онҳо на ба ҳар кас даст медиҳад. Масалан, “золи ҷаҳон”, “ханҷари ситам”, “саркашӣ ба Кайвон”, “парешонкор”, “гандапир”, “дилашон бахри нон ба ду ним”, “панҷаи муздур”, “ради адлу зулм”, “ҷигархорон”, “сарои нуҳуфт”, “сардафтари мазолим” ва ғайра, ки ниёз ба шарҳу тавзеҳи дақиқ доранд, то мазмуни матн ва ҳунари шоир ба хонандагон равшан гардад. Омӯзгор бояд калимоти дар боло зикршударо бо истифода аз луғату фарҳангҳо бо иштироки хонандагон шарҳу тавзеҳ диҳад. Тибқи талаботи МБТ омӯзгор бояд  аз синфи 5 сар карда шеваи кор бо луғатро ба хонандагон ёд диҳад. Дар синфи 7 хонандагон тарзи кор бо китобҳои луғату фарҳангро бояд донанд ва дар шарҳи калимоти душвор фаъолона иштирок кунанд.

Марҳалаи дувуми кор бо матн баҳодиҳӣ ба матн аст, ки метавон бо чанд усул онро амалӣ кард. Яке аз усулҳои самарабахш ҳангоми таълими ҳикоят ва ё достонҳои манзум вобаста ба матн тартиб додани нақша аз ҷониби хонандагон аст. Омӯзгор пеш аз нақли мазмуни матни бадеӣ метавонад ба хонандагон супориш диҳад, ки доир ба матни қироатшуда нақша тартиб диҳанд. Сараввал, хонандагон дар алоҳидагӣ нақша тартиб медиҳанд. Агар нақша аз тарафи хонандагон дурусту комил мураттаб нашуда бошад, пас, бо роҳбарии муаллим нақшаи дастаҷамъӣ сохта мешавад. Нақша бояд бо назардошти фикру андешаи хонандагон ва баррасию  муҳокимаи онҳо хатти ҳаракати персонажҳо таъйин шуда, баёни мазмун  мураттаб ва бонизом тартиб дода шавад.

Дар низми суннатии таълим, алалхусус дар синфҳои У-У11 маводи асосии корӣ китоби дарсӣ мебошад. Чунон ки дидем, муаллифони китоби дарсӣ  матнро овардаанду ба ҷуз шарҳи ду калима ва суоли бемавқеъ чизе илова накардаанд. МБ имкон медиҳад ва талаб менамояд,

ки омӯзгору хонандагон аз сарчашмаҳои дигар истифода баранд ва маҳдуд ба китоби дарсӣ намонанд.

Чунон ки зикр намудем, методистон мураттаб намудани нақшаро яке аз анвои асосии кор бо матн дар мактаб ҳисобидаанд. Тартиб додани нақша кори саҳлу осон нест, бояд шеваи тартиб додани онро ба хонандагон омӯхт. Мутахассисон дар таълими адабиёт ду навъи нақша: сода ва мураккабро пешниҳод кардаанд. Нақшаи сода ба ҷиҳатҳои асосӣ, аммо нақша мураккаб тамоми ҷузъҳои матни бадеиро фаро мегирад. Баҳодиҳӣ ба матн, ки марҳалаи дувуми кор аст, бо воистаи мураттаб намудани нақша амалӣ мегардад. Нақшае, ки аз тарафи хонандагон тартиб дода мешавад, сатҳи дониш ва малакаю маҳорати онҳоро нисбат ба матн нишон медиҳад. Ба тариқи намуна мо дар асоси матни мавриди назар, ки аз озмоиши педагогӣ гузаронидем, нақша тартиб медиҳем. Нақша бояд дар асоси рукнҳои сужети ҳикоят: қисмати аввал аз оғоз, рабт, ҳаракат ва қисмати дувум авҷ ва қатъ мураттаб шавад. Аз ин назар нақшаи содаи ҳикояти мавриди назар чунин сурат гирифт:

Нақшаи сода:

1. Пеши роҳи Султон Санҷарро гирифтани пирзол;
2. Шикояти пирзол аз ду лашкарии султон, ки ангури ӯро ба ғорат бурданд;
3. Худро маломат кардани Санҷар аз шеваи ҳукмронияш, ки мардуми бечора аз дасти зердастони ӯ дар азобанд;
4. Ҷазо додани Санҷар ду лашкариро, ки пирзолро ғорат карданд;
5. Мукофот додани Санҷар пирзолро.

Дар нақшаи мураккаб ҷузъиёти ҳикоят муфассалтар ва дақиқтар нишон дода мешавад. Озмоиши педагогӣ собит намуд, ки хонандагон дар аввал нақшаи сода ва баъд нақшаи мураккаб тартиб диҳанд, беҳтар аст.

Нақшаи мураккаб:

1. Саргузашти пиразан:

а) Ҳикояти пирзол бо наберагони ятимаш дар Марв;

б) Ангур орзуи кардани ятимон;

в) Ба деҳаи дигар мардикорӣ рафтани пиразан;

г) Як сабад ангур гирифтани пиразан ба ивази кораш;

д) Ғорат кардани ду-се лашкарӣ пиразанро;

2. Пеши роҳи Санҷарро гирифтани пиразан ва накӯҳиш кардан:

а)Бо овози баланд хитоб кардани пиразан Султон Санҷарро;

б) Назди пиразан омадани Санҷар;

в) Нақл кардани пиразан саргузашти худу ятимонашро ба Санҷар;

г) Шикояти пиразан аз ду лашкарии Санҷар, ки дастмузди ӯро ба ғорат бурданд;

д) Тарсондани пиразан Санҷарро аз оқибати кораш;

ё) Танқид кардани пиразан шеваи ҳукмронии Санҷарро;

3.Худро маломат кардани Санҷар, ки аз ҳоли зердастонаш бехабар мондааст:

а) Шунидани Санҷар арзи пиразанро;

б) Маломат кардани Санҷар худро;

в) Ҷазо додани Санҷар он ду лашкарии ғоратгарро;

г) Ато муқаррар кардани Санҷар пиразанро.

Омӯзгор метавонад баъд аз тартиб додани нақшаи матн мазмуни онро пайдарпаю мураттаб аз хонандагон талаб кунад. Нақли шифоҳии мазмуни матн ба ташаккули нутқи шифоҳии хонандагон мусоидат мекунад. Матни “Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифта” манзум аст. Хонандагон метавонанд онро мустақилона ба наср гардонанд. Агар нақли мазмуни матн бо таҳлил тавъам ба роҳ монда шавад, хонандагон хубтару беҳтар мақсади адибро дарк мекунанд. Нақли матни бадеиро метавон мухтасар ва ё муфассал баён кард. Омӯзгор бояд саъй кунад, ки шогирдон мазмуни матнро муъҷазу мухтасар баён кунанд. Ҳангоми шарҳу таҳлили матни бадеӣ хонандагон бояд қаҳрамони асар ва персанажҳои асосиро фарқ карда тавонанд. Масалан, дар матни мавриди

назар пирзол қаҳрамон ё худ персонажи асосии асар аст, ки хатти сужет вобаста ба фаъолияти ӯст.

Дар МБ марҳалаи севуми омӯзиши матн “тағйири матн” ва марҳалаи чаҳорум “таҳияи матни худ” мебошад, ки дар ин марҳалаҳо қобилияти маърифатӣ ва эҷодкории хонандагон ташаккул меёбад. Вобаста ба матни “Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифта” барои муайян кардани қобилияти маърифатии хонандагон омӯзгор метавонад чунин саволу ва супоришҳо тартиб диҳад:

- Барои чӣ пирзол сари роҳи Санҷарро гирифт?
- Пирзол Санҷарро ба кадом сабаб гунаҳкор кард?
- Ду лашкарӣ чӣ зулм ба пирзол раво диданд?
- Оё Санҷар ба воқеаи рӯйдода воқеан гунаҳкор аст?
- Оё Санҷар худро дар ин воқеа гунаҳкор медонад?
- Санҷар барои ҷуброни гуноҳаш чӣ кор кард?
- Ба фикри шумо пирзол ҳақ буд ва рафтори ӯро қаҳрамонӣ номидан мумкин аст?

Супоришҳое, ки бо такя ба мазмуни матн аз тарафи омӯзгор пешниҳод мегардад, барои таъйини зинаи маърифатии хонандагон аҳамияти бештар дорад:

- Матнро хонед ва персонажҳои онро муайян кунед
- Ба рафтори пирзол баҳо диҳед.
- Матнро бори дигар хонед ва унвони дигар, ки баёнгари мазмуни он бошад, гузоред.
- Матнро ба қисматҳо ҷудо кунед.
- Ҷойи қисматҳои матнро иваз кунед, ки хатти сужет халал наёбад.
- Дар асоси матн саҳнача тартиб диҳед ва онро ба намоиш гузоред

Ин супоришҳоро хонандагон метавонанд ҷудогона иҷро кунанд ҷуз аз намоиши саҳнача, ки бояд чанд кас иштирок кунад ва ҳамчунин дастҷамъона метавонанд иҷро кунанд. Мо дар рафти озмоиши таълими сахначаи мазкурро тавассути корҳои беруназдарсӣ доир намудем, ки омӯзиши амиқи мавзуъро таъмин намуд ва дар рушди салоҳиятҳои

иттилоотӣ, маърифатию ахлоқӣ ва иҷтимоишавии хонандагон таъсиргузор буд.

Омӯзгор бояд ҳам ҷавоби саволҳо ва ҳам иҷроиши супоришҳоро назорат кунад. Масалан, дар мавриди тағйир додани унвони матн ҳамон хонанда муваффақ мегардад, ки матнро пурра ҳазм карда бошад. Таъйини унвони нав зинаи қобилияти маърифатии хонандаро муайян мекунад. Ҳамчунин муваффақона пасу пеш бурдани қисматҳои матн ба дараҷаи қобилияти маърифатии хонанда вобаста аст. Дар матни мавриди назар нахуст пирзол сари роҳи Султон Санҷарро мегирад ва баъд аз гунаҳгор кардани султон ғорат шуданашро аз ҷониби ду лашкарии вай баён мекунад. Хонандае, ки матнро ба дурустӣ ва комил ҳазм намудааст, метавонад ҷойи қисматҳои матнро иваз кунад, ки ҳеч халале ба хатти сужет наафтад. Масалан, метавон нахуст саргузашти пирзол ва ғорат шуданашро аз ҷониби ду лашкарӣ овард ва баъд аз он гирифтани сари роҳи Санҷару шикоят кардани пирзолро баён кард.

Дар марҳалаи чаҳорум хонандагон бояд бо такя ба ғояи ҳикояти таҳлилшуда ҳикояи комилан тоза вобаста ба тафаккуру ҷаҳонбинӣ ва тахайёлоти худ ба таври хаттӣ пешниҳод кунанд. Ҳикояти тозаи пешниҳод намудаи хонандагон имкон дорад воқеаҳои замони имрӯзро фаро гирад. Ғараз аз “таҳияи матни худ” ташаккул додани салоҳияти мустақилият ва эҷодкории хонандагон аст.

Ба ҳамин минвол метавон чандин роҳу шеваҳои таҳлили матнро ба кор бурд, ки хонандагон ба адабиёти бадеӣ шавқ пайдо кунанду худ мустақилона ба хондану таҳлили матн пардозанд. Омӯзгорон метавонанд ҳикоятҳои дигар, монанди “Қиссаи рустоӣ, ки дарозгӯши пири ланги пуштрез ба бозори харфурӯшон бурд”, “Қиссаи хирс, ки обаш мебурд”(дар барномаи таълимӣ ба ҷойи хирс “хар” омадааст, ки иштибоҳи маҳз аст), “Қиссаи куланге, ки ҳаваси шикори кабӯтар карду худ шикори дигаре шуд”, ки дар барнома барои таълим пешниҳод шудааст, ба шевае, ки дар таълими “Ҳикояти пирзол, ки роҳ бар Санҷар гирифта” баррасӣ намудем, таълим диҳанд.

Гарчанде дар “Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-1Х” (2007) аз ашъори ғиноии шоир чизе пешниҳод накардаанд, аммо омӯзгор набояд бо барнома маҳдуд шавад. МБТ имконияти тағйир додани мавзуъ ва мундариҷаро барои омӯзгор зарур донистааст. Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам дар девони ашъор ва ҳам дар маснавиҳояш дар мавриди маромномаи зиндагии худ абёте суруда, ки хеле пандомӯзанд ва дорои аҳамияти бузурги маърифатию тарбиявӣ мебошанд. Масалан, байтҳои дар маззамати тамаъкорон гуфтаи шоир, ки дар қисмати шарҳи ҳолаш овардаем, дар курси хониши адабӣ истифода кардан хеле бамаврид аст:

Ба дандон рахна дар фӯлод кардан,
Ба нохун роҳ дар хоро буридан,
Ба фарқи сар ниҳодан сад шутур бор,
Зи Машриқ ҷониби Мағриб давидан,
Басе бар Ҷомӣ осонтар намояд,
Ки бори миннати дунон кашидан…

Дар абёти боло аксари калимаҳо дар зоҳир барои хонандагони синфи 7 фаҳмоянд, вале омӯзгор бояд паҳлӯҳои гуногуни баъзе калимаҳоро равшан намояд, то хонандагон салоҳияти корбурди онҳоро дар нутқи шифоҳию хаттӣ биомӯзанд. Агар ин амал бо иштироки хонандагон сурат гирад, суди бештар меоварад. Яъне, дар шарҳи маънӣ кардани калимаву ибораҳои ноошно ва ё камошно бояд хонандагон худ аз луғату фарҳангҳо истифода баранд, ки аз талаботи муҳими МБТ аст. Омӯзгор бояд раҳнамо бошад, шеваи кор бо луғату фарҳангро ба хонандагон ёд диҳад. Адабиётшиноси варзидаи тоҷик марҳум Абдулманнони Насриддин китобе бо номи «Фарҳанги мухтасари адабиёт» навиштааст, ки барои хонандагони мактаб дар маънӣ кардани калимаву ибораҳо ва истилоҳоти шеърӣ хеле муфид буда метавонад.

Дар пораи шеърии дар боло овардашуда, калимаҳои «фӯлод» (аслан пӯлод аст, ки бо таъсири забони арабӣ ҳарфи «п» ба «ф» мубаддал гаштааст), «хоро» ва «дунон»-ро бояд шарҳ дод. «Пӯлод – филиззи нуқраранги бисёр мустаҳкам, ки аз якҷоя гудохтани оҳан бо миқдори муайяни карбон (углерод) ҳосил мешавад [156, 105]. «Хоро, хора – санги сахт, санги сахти нотарошида, гранит» [156,494]. «Дунон – мардуми паст, нокас, разил» [155,399]. Муроди шоир аз пӯлод ва хоро сахтии онҳост. Яъне, ба ҳеҷ ваҷҳ бо дандон ба пӯлод рахна овардан намешавад ва ё бо нохун санги сахти хороро бурудан наметавон, кори бениҳоят сахт аст, ки дандону нохун дар ин кор мешикананд. Аммо барои Ҷомӣ ин корҳо басе осонтар аст, ки миннати одамони пасту нокасро таҳаммул кунад. Ҳамчунин барои шоири бузург сарнагун дар оташдон фурӯ рафтану ба мижжа (пилки дида) оташпораро чидан ва сад шутур борро ба сар ниҳодану аз Шарқ ҷониби Ғарб давидан осонтар аст нисбат ба он ки миннати инсонҳои пасту фурӯмояро кашад.

Омӯзгор бо ҳамроҳи хонандагон бояд аз маънии абёти боло натиҷагирӣ кунанд. Яъне шоир чӣ гуфтан мехоҳад? Агар ба ин савол нахуст худи хонандагон ҷавоб гӯянд беҳтар аст. Бардошти хонандагон аз шеър бояд муҳокима шавад. Агар чаҳор-панҷ хонанда андешаи худро баён кунанд, натиҷагирӣ комилтар мегардад. Чуноне ки хонандагони синфи озмоишӣ фикрашро баён карданд: «Абдураҳмони Ҷомӣ ба мо, ҷавонон таъкид мекунад, ки дар зиндагӣ аз касе қарз нагирем, то дар зери миннати вай намонем»; «Шоири бузург талқин мекунад, ки чунон зиндагӣ бояд кард, ки ба касе мӯҳтоҷ нашавӣ»… Омӯзгор андешаҳои хонандагонро, ки яке дигареро пурра мекунанд, ҷамъбаст мекунад.

Талаботи МБТ он аст, ки ба хонанда чизеро бояд омӯхт, ки дар зиндагӣ ӯро ба кор ояд. Ҳифзи порчаи шеърии боло ва донистани маънии калимаҳои он дар инкишофи нутқи хаттию шифоҳии хонанадагон таъсир мерасонад, ҳангоми иншои мактуб, эссе ва ё ҳини маъруза дар мусоҳибаҳову ҷамъомадҳо ва ё корҳои дигари мактабӣ хонандагон метавонанд барои тақвияти фикрашон аз он байтҳо

истифода баранд. Сониян, андарзҳои Ҷомиро, ки аз таҷрибаи рӯзгори худ гирифтаву бо обуранги бадеӣ баён кардааст, хонандагон бояд ба гӯши ҷон бишнаванд ва бо он амал кунанд, то ба зиндагии сарбаландонаю хушбахтона ноил гарданд.

Ашъори Мавлоно Ҷомӣ моломол аз панду ҳикмат аст, ки дар тарбияи насли наврас аз онҳо истифода бурдан ба фоида кор хоҳад буд. Панду андарзҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар мавзуъҳои гуногун суруда шудааст, омӯзгорон метавонанд дар ин масъала аз китоби «Абдураҳмони Ҷомӣ. Панду ҳикматҳо» истифода кунанд. Масалан, дар мавриди саъю кӯшиш мегӯяд:

Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад чун аз дарахти навбар аст.

Ба андешаи шоири бузург инсон бояд дар ҷавонӣ дониш омӯзаду аз пайи касбу ҳунар шавад, зеро ҷавонӣ давраи ташаккулёбии инсон асту дар он айём одам нерую қувваи бисёр дорад. Ба монанди он ки дарахти навҳосил меваи бенуқс медиҳад. Кушодани тасвирҳои шоирона ва дарёфти санъатҳои бадеии байтҳо шавқи хонандагони ҷавонро ба адабиёт зиёд мекунад. Чунон ки мушоҳида менамоем, шоир дар мисраи аввал фикрашро баён мекунад ва дар мисраи дувум барои тасдиқи фикраш далел меоварад. Ташбеҳи ҷавонӣ ба дарахти навбар хеле муносиб афтодааст. Омӯзгор бояд аз курси хониши адабӣ сар карда, таваҷҷуҳи хонандагонро ба зебоии шеър ва тарзи сухани бадеъ ошно созад.

Дар абёти зер аз аслу насаб ва ифтихори беҳуда кардани фарзандони беҳунар аз падари хирадманд мавриди накӯҳиш қарор гирифтааст:

Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,
Филмасал, гар дидаро мардум бувад, номардум аст.

Шохи бебар гарчӣ бошад аз дарахти мевадор,
Чун наёрад мева бор, андар шумори ҳезум аст.

Панди боло имрӯз беш аз ҳарвақта дархури ҷомеаи мост, алалхусус барои хонандагони мактаб. Фахр аз дороии падар кардану либосҳои қимат пӯшидан, бо мошин ба мактаб омадан ва дигар амалҳои номатлуб, ки дар рӯзгори мо рӯй медиҳанд, сабаби дилмондагии хонандагони аз оилаҳои камбизоат мегардад. Ин амали номатлуб то он ҷо доман паҳн кард, ки Ҳукумати кишвар маҷбур шуд, то фармон бароварад, ки хонанадагону донишҷӯён бо мошин мактаб наоянд. Ҳамчунин «Қонуни масъулияти падару модар дар табияи фарзанд» ва «Қонуни танзими анъана ва расму оинҳои мардумӣ» баргирифта аз ин мушкилотанд. Ҷомии бузургвор 600 сол пеш ин амали номатлуби фарзандони нодони сарватмандон ва донишмандонро дидаву ин байтҳоро сурудааст. Шоир мегӯяд, ки писар набояд аз молу сарват ва дониши падари худ фахр намояду лоф занад. Масалан, агар писаре аз падари сарватманд ё донишманди худ худ лоф занад, на аз фазлу ҳунари хеш, ҳарчанд назди мардум азиз бошад ҳам, одами паст аст. Шоир писари беҳунари марди ҳунармандро ба шохи хушки дарахти мевадор монанд мекунад ва мегӯяд, ки ин шохи хушк (писари беҳунар) ҳарчанд аз шохи дарахти мевадор (падари ҳунарманд) аст, чун ақлу тамиз ва ҳунару дониш надорад (чун наорад мева бор), ба мисоли ҳезум хушк аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ бар он аст, ки хонанда бояд муаддаб бошад ва «адаби дарси муаллимро нигоҳ дорад»:

Дор адаби дарси муаллим нигоҳ,
То нашавӣ таблаки таълимгоҳ.

«Таблаки таълимгоҳ шудан» - киноя аз шарманда шудан аст. Бачае, ки одоби дарсро риоя намекунад, масхараи ҳамсабақон мегардад.

Падари хирадманди дурандеш ба фарзанди худ маслиҳат медиҳад, ки дар талаби илм шавад, зеро саодати дуҷаҳонии инсон ба илм вобаста аст:

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қулфкушои ҳама дарҳост илм.
Дар талаби илм камар чуст кун,
Даст зи ашғоли дигар суст кун…[136,285]

Байтҳои боло, ки агар дар хониши адабӣ бо талаботи МБТ дарс дода шаванд, хонандагон ҳам дониш ба даст меоваранд ва ҳам панду андарз меомӯзанд, ки дар оянда сабаби наҷоташон мешавад.

Хулоса, таҳқиқи мавзуъ ва озмоишҳои педагогӣ дар мактабҳои таҷрибавӣ нишон доданд, ки таълими ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси хониши адабӣ тибқи талаботи МБТ ба роҳ монда шавад, самараи беҳтару хубтар медиҳад. Хонандагон ҳам дониш мегиранд ва ҳам донишу андӯхтаашонро дар амал татбиқ карда метавонанд. Аз осори Абдураҳмони Ҷомӣ маводи зиёдеро метавон барои курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) интихоб кард, ки дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон нақши муҳим бозад.

## II.2.3. Методикаи таълими “Баҳористон” - и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 7

Абдураҳмони Ҷомӣ дар баробари шоири бузург ва донишманди мубаҳҳир буданаш навиcандаи беназир ҳам ҳаст. Муҳаққиқон собит кардаанд, ки китоби “Баҳористон” “чун ҷамъи мавзуни имони амиқ ва хиради пухта ва омезиши зебои мазмуни баланд ва ҳунари нафис дар тӯли садсолаҳо ҳамчун китоби тарбиятгар ҳамвора мавриди истифодаи ҷомеаҳои илмию адабӣ ва ҳавзаҳои ахлоқию тарбиятӣ будааст"[51,3].Таълими дурусту мақсаднок ва МБ ба таълими ин асари пурарзиши ахлоқӣ, на танҳо хонандагонро донишу ахлоқ меомӯзад, балки дар ташаккули салоҳиятҳои шогирдон, забондонӣ ва алалхусус дар такомули нутқи хаттӣ ва шифоҳии онҳо нақши муассир бозида метавонад.

Дар бораи «Баҳористон» мақолоти зиёде навишта шуда ва матни он низ чанд бор ба нашр расидааст. Матни таҳиянамудаи донишманди шаҳир Аълохон Афсаҳзод ва мақолаи пурарзиши ӯ «Баҳористони бехазон» аз ҳама бештар мавриди истифода қарор дорад [140], аммо барои омӯзгорон ва хонандагони мактаб «Шарҳи мунтахаби «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ», ки Ш.Р. Исрофилниё таҳия ва шарҳу тафсир намудааст, мувофиқи мақсад аст[51]. Ин китоб бевосита барои хонандагон нигаронида шуда, ҳикоёту ҳикматҳо ба синну соли хонандагони мактаб мувофиқ интихоб шудааст. Аз сӯйи дигар, ҳар як калима ва таъбироту таркиботи душвор дар поёни матн шарҳ дода шудаанд. Аз он ҷо ки на ҳар хонанда бо луғат сару кор гирифта метавонад, шореҳ баъд аз луғат мазмуни матнро бо забони адабии имрӯза меоварад. Воқеан, «агар наврасони мо «Баҳористон»-ро ҳадди ақал дар ҳамин сатҳ бифаҳманд, роҳи онҳо барои фаҳми амиқтари ин асар ва осори суханварони бузурги дигар то ҳадде ҳамвор хоҳад шуд» [51,4].

Тибқи «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1» таълими осори Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам дар курси хониши адабӣ (синфи 7) ва ҳам дар курси таърихи адабиёт (синфи 9) пешниҳод шудааст.

Таҳқиқ ва озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомиро метавон дар ду зинаи омӯзиши адабиёт дар МТМУ таълим дод. Интихоби матни ин асари бадеии ахлоқӣ вобаста ба синну соли хонандагон, донистани шеваи таҳлилу тафсир ва шарҳи каломи бадеъ аз масоили муҳимест, ки ҳангоми таълими адабиёт аз омӯзгор тақозо мешавад. Барои он ки таҳқиқ ва озмоишҳои педагогии анҷомшуда ба таври муъҷаз пешниҳод шаванд, таълими "Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомиро дар синфи 7 дар шароити муносибати босалоҳият баррасӣ менамоем.

Мураттибони “Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1” барои таълими “Баҳористон” соати дақиқ пешниҳод накардаанд. Ҳатто муайян нест, ки аз ин асари пурарзиш кадом ҳикоятҳо таълим дода шаванд. Ин аз як ҷихат хуб аст, зеро дар интихоби мавод муаллим мустақилият зоҳир менамояд ва дар сатҳи таҷрибаи хеш мавод интихоб менамояд. Дар барномаи синфи 7 барои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ 5 соат муқаррар шуда, чунин маълумот пешниҳод шудааст: “Ҳикоятҳо аз “Баҳористон”, “Силсилат-уз-заҳаб ва “Нафаҳот-ул-унс” дар бораи Ҳофиз, Камол, Искандар, маҷлиси Кисро...[27,34]. Бояд зикр кард, ки Ҷомӣ ҳам дар “Баҳористон” ва ҳам дар “Нафаҳот-ул-унс” перомуни эҷодиёти Ҳофизу Камол сухан мегӯяд. Дар барномаи дақиқ нест, ки муроди мураттибон кадом китоби шоир аст. Дар китоби дарсии синфи 7 ҳикоятҳои “Искандар ва ҳаким”, “Маҷлиси Кисро”, ҳикмати “Се кор аз се гурӯҳ зишт ояд” ва се ҳикояти тамсилӣ аз равзаи ҳаштуми асар бидуни шарҳу тавзеҳ оварда шудааст. Аз он ҷо ки МБТ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки вобаста ба талаботи дарс мавзуъ ва мундариҷаро иваз намояд, мо кӯшиш намудем, ки омӯзиши “Баҳористон”-ро дар ҳамин синф хотима бахшида, дар синфи 9 асосан ғазалиёт ва осори ҳамосии шоир мавриди омӯзиш карор гирад. Барои иҷрои ин мақсад саъй намудем, ки ҷараёни омӯзиши адабиёт дар ин синф халал набинад. Аз ҳисоби соатҳои инкишофи нутқи мураттаб, хониши берун аз синф ва усули кор дар лоиҳа имкон пайдо кардем, мақсади

хешро дар омӯзиши “Баҳористон “ дар синфи 7 пурра амалӣ созем ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардем.

Мо барои омӯзиши ин асари адиб аввал аз равзаҳои (бобҳои) “Баҳористон” ҳикоятҳои зеринро ҷудо намудем:

Аз равзаи нахустин, ки «**Дар нашри раёҳини чида аз басотини дурбинони роҳи ҳидоят ва садрнишинони боргоҳи вилоят»** ҳикояти «Шиблиро шуре афтод» ва тавзеҳи ҳикмати «Дӯстон аз дӯстон нагурезанд ва аз санги ҷафояшон напарҳезанд»; қироат ва шарҳи ҳикмати «Рӯйями Тамимӣ гуфтааст: «Ҷавонмардӣ он аст» ва шарҳи қитъаи «Ҷавонмардӣ ду чиз аст, эй ҷавонмард»; шарҳи ҳикмати «Шақиқи Балхӣ гуфтааст: «Бипарҳез аз суҳбати тавонгар».

Аз равзаи дувуми асар, ки «**Дар таршеҳи шақоиқи дақоиқи ҳикам, ки ба рашаҳоти саҳоби карам дар замини қулуби ҳукамо ва арозии хавотирашон хоста ва ба шарҳу баёни он матовии дафотирашон ороста»** ном дорад, қироат ва шарҳи ҳикматҳои «Чаҳор калима аст, ки аз чаҳор подшоҳ пардохтаанд»; қироат ва шарҳи ҳикоятҳои «Искандар ва яке аз кордоронаш» ва «Дарвеши қавиҳиммат ва подшоҳи соҳибшавкат».

Аз равзаи севум, ки «**Дар баёни шукуфтани шукуфтаҳои боғистони ҳукумату иёлат, ки мутазаммини меваҳои насафат ва адолат аст»** унвон дорад, қироат ва шарҳу тавзеҳи ҳикоятҳои зер мувофиқи матлаб аст: «Фоида» ва қитъаи «Адлу инсоф дон, на куфру на дин»; қироат ва шарҳи ҳикоятҳои «Яздгирд, писараш Баҳром ва ҳоҷиб»; «Зани порсо ва Ҳаҷҷоҷ».

Аз равзаи чаҳорум, ки «**Дар васфи мевабахшии дарахтони боғистони ҷуду карам ва шукуфарезиашон ба базли динору дирам»** ном дошта, дар ин равза сухан аз боби караму саховат ва эҳсон аст, ки таълими ҳикояту ҳикматҳои зер, аз аҳамияти хосса бархурдор аст: Қироат ва шарҳи «Фоида»; ҳикояти «Ҷаводеро пурсиданд» ва шарҳи қитъаи «Қимати мард на ба симу зар аст»; шарҳи ҳикояти «Шабе дар масҷиди ҷомеъи Миср оташ афтод» ва қитъаи «Ба симу зар ҷавонмардӣ тавон кард».

Аз равзаи панҷум, ки дар он сухан аз ишқу муҳаббат асту аз ҳаёти ошиқон ҳикоятҳои шавқангез нақл шудааст, шарҳу таҳлили ҳикояти «Ҷавоне Салим аз сулолаи кирам» ба синну соли хонандагон мувофиқ аст.

Дар равзаи шашум, ки мутояба ва латифаҳои намакин гирд оварда шудааст, барои қироату шарҳ интихоби мутоябаҳои «Халифа рӯзе чошт мехӯрд»; «Фозиле ба яке аз дӯстони соҳибрози худ нома менавишт»; «Халифа бо аъробие аз моида таом мехӯрд»; «Ду шоир бар моидае ҷамъ омаданд»; «Шоире пеши табиб рафт» тавсия мешавад.

Аз равзаи ҳафтум, ки «**Дар достони мурғони қофиясанҷи саробӯстони суханварӣ ва тӯтиёни ғазалсарои шакаристони назмгустарӣ»** унвон дошта, сухан аз чигунагии шеъру ҳунари шоирӣ меравад ва аз рӯзгори шоирони бузург ҳикоятҳо оварда шудааст, интихоби фаслҳои "Рӯдакӣ", "Фирдавсӣ", «Шайх Саъдии Шерозӣ» ва «Ҳофизи Шерозӣ» хеле созгор аст, зеро рӯзгору осори ин шоирон тибқи барномаи таълимӣ минбаъ дар синфҳои 8- 9 таълим дода мешаванд ва як заминаи хуб барои омӯзиши онҳо дар курси таърихи адабиёт ба ҳисоб меравад.

Дар равзаи ҳаштум, ки ҳикоёти тамсилӣ, аз забони парандагону ҳайвонот омада ва аҳамияти бузурги тарбиявӣ доранд, интихоб ва шарҳу таҳлили ҳикоёти «Рӯбоҳ бо гурге дами мусоддақат мезад»; «Каждуме захри музаррат дар неш»; «Кабӯтарро гуфтанд»; «Муреро диданд, ба зӯрмандӣ камар баста» ва «Шаколе хурусеро дар хоби саҳар бигирифт» интихоб шудаанд.

Бояд тавзеҳ дод, ки дар 4-5 соат омӯзиши ин ҳикояҳо анҷом намеёбанд. Бинобар ин, мо ҳангоми таълими "Баҳористон" аз усули кор дар лоиҳа истифода бурда, хонандагонро ба ҳашт гурӯҳ ҷудо намудем ва ҳар хонанда дар гурӯҳи худ вазифаи мушаххаси инфиродӣ дошт ва гузориши онҳо дар чор дарс ба нақша гирифта шуд:

| Ҳикоятҳо аз равзаҳои “Баҳористон” (лоиҳа) | Шумораи хонандагон дар лоиҳа | Мундаричаи мухтасари кор дар лоиҳа |
|---|---|---|
| Равзаи 1.Ҳикояти «Шиблиро шуре афтод»; қироат ва шарҳи ҳикмати «Рӯйями Тамимӣ: «Ҷавонмардӣ он аст» ва шарҳи қитъаи «Ҷавонмардӣ ду чиз аст, эй ҷавонмард»; шарҳи ҳикмати «Шақиқи Балхӣ: «Бипарҳез аз суҳбати тавонгар».<br>Равзаи 4. Қироат ва шарҳи «Фоида»; ҳикояти «Ҷаводеро пурсиданд» ва шарҳи қитъаи «Қимати мард на ба симу зар аст»; ҳикояти «Шабе дар масҷиди ҷомеъи Миср оташ афтод», қитъаи «Ба симу зар ҷавонмардӣ тавон кард».<br>Равзаи 5. Ҳикояти “Ҷавоне Салим аз сулолаи киром” | 4 нафар<br><br>4 нафар<br><br>2 нафар | -Хондани ҳикояҳо, шарҳи луғатҳо, тавзеҳи ҳикмати «Дӯстон аз дӯстон нагурезанд ва аз санги ҷафояшон напарҳезанд»; бо истифода аз китоби “Шарҳи хикояҳои мунтахаби “Баҳористон”;<br>-омода намудани саволҳои мубоҳисавӣ (намуна):<br>Чаро дӯстон аз дӯстон нагурезанд?<br>-Дӯст ва рафиқ як маънӣ доранд?<br>-Суҳбати шумо бо дӯстонатон атрофи кадом мавзуъҳо сурат мегирад?<br>-Ба фикри шумо, шартҳои дӯстӣ кадоманд?<br>-Агар дӯстатон пешниҳоде кунад, ки оқибати хуб надорад, тарафдор мешавед ё зид? Чаро?<br>-Ба фикри Шумо, ҷавонмард кист ва ҷавонмардӣ чист?<br>-Аз корҳои ҷавонмардоне, ки шунидаед ва ё дидед, қисса кунед. |
| Равзаи 2. «Чаҳор калима аст, ки аз чаҳор подшоҳ пардохтаанд»; ҳикоятҳои «Искандар ва яке аз кордоронаш», «Дарвеши қавиҳиммат ва подшоҳи соҳибшавкат». | 4 нафар | Қироат ҳикоятхо, навиштани матни ҳикоятҳо ва луғатхо дар дафтар ва шарҳи онҳо аз рӯи китоби “Шарҳи ҳикояҳои мунтахаби “Баҳористон” |
| Равзаи 3. Қироат ва шарҳи «Фоида» ва қитъаи «Адлу инсоф | 3 нафар | Қироати ҳикоятхо, навиштани матни ҳикоятҳо ва луғатҳо дар дафтар ва шарҳи онхо аз рӯи |

| | | |
|---|---|---|
| дон, на куфру на дин»; ҳикоятҳои «Яздгирд, писараш Баҳром ва ҳоҷиб»; «Зани порсо ва Ҳаҷҷоҷ». | | китоби “Шарҳи ҳикояҳои мунтахаби “Баҳористон” |
| Равзви 6.«Халифа рӯзе чошт мехӯрд»; «Фозиле ба яке аз дӯстони соҳибрози худ нома менавишт»; «Халифа бо аъробие аз моида таом мехӯрд»; «Ду шоир бар моидае ҷамъ омаданд»; «Шоире пеши табиб рафт», | 4 нафар | Қироат ҳикоятхо, навиштани матни ҳикояхо ва луғатҳо дар дафтар ва шарҳи онҳо аз рӯи китоби “Шарҳи ҳикояҳои мунтахаби “Баҳористон”;<br>-Ба ҳамин латифҳо монанд ёфтан ва гуфтани латифаҳои дигар;<br>- Ташкили Озмуни “латифагӯи беҳтарин”-даъвати хонандагони дигар барои иштирок дар озмун”. Навиштани “Эълон, “Даъватнома” |
| Равзаи 7. фаслҳои “Рӯдакӣ”, “Фирдавсӣ” «Шайх Саъдии Шерозӣ» ва «Ҳофизи Шерозӣ» | 6 нафар | Қироати ҳикоятҳо, навиштани матни ҳикоятҳо ва луғатҳо дар дафтар; Омода кардани саҳначаи “Фирдавсӣ” ва намоиш додани он ба хонандагони дигар. |
| Равзаи 8. «Рӯбоҳ бо гурге дами мусоддақат мезад»; «Каждуме захри музаррат дар неш»; «Кабӯтарро гуфтанд»; «Муреро диданд, ба зӯрмандӣ камар баста», «Шаголе хурусеро дар хоби саҳар бигирифт» | 5 нафар | Қироат ҳикоятҳо, навиштани матни ҳикоятҳо ва луғатхо дар дафтар, шарҳи онхо аз китоби “Шарҳи ҳикояҳои мунтахаби “Баҳористон”. |
| Муқоисаи ҳикояти «Ҳотами Тойӣ» аз “Гулистон” ва “Баҳористон” | 2 нафар | Муқоисаи монандӣ ва фарқиятҳо аз рӯи мазмуни матнҳо, забон ва услуб (душвор ва фаҳмо), истифодаи калимаҳои душворфаҳм, сарлавҳагузорӣ ва образҳо |

Ба ҳар гурӯҳ аз 2 то 6 нафар хонандагонро шомил намудем, то ки тамоми синф ба мутолиаи ҳикоятҳои “Баҳористон” машғул шаванд. Шарти кор он буд, ки ҳар хонанда ду ҳикояти “Баҳористон”-ро мехонад, мазмуни мухтасарашро дар дафтар менависад; хонандагон навиштаҳои ҳамдигарро мехонанд ва баҳо мегузоранд. Хонандагон ҳам дар синф ва ҳам баъди дарс ва ҳам дар хона ба омода кардани лоиҳа омодагӣ гирифтанд ва баромади ҳар гурӯҳ дар 4 соат идома ёфт. Муҳимаш ин буд, ки ҳар як хонанда иштирокчии лоиҳа буд ва ҳар нафар дар хондану нақл кардану шарҳ додану муҳокимаронӣ намудани 1-3 ҳикоят масъул буд. Омода кардани саҳначаи “Фирдавсӣ” ва озмуни “Латифагӯи беҳтарин”-ро ҳамчун чорабинии беруназсинфӣ ба сифати машғулияти ҷамъбастӣ гузаронида, фаъолияти хонандагонро дар омӯзиши осори Абдураҳмони Ҷомӣ арзёбӣ намудем. Натиҷаҳо хеле хуб арзёбӣ шуданд. Дар омӯзиши матнҳо талаботи МБТ: <u>донад, тавонад, аз худ кунад ва дар амал татбиқ намояд</u> дастёб шуданд. Хонандагон корҳои ҳамдигарро хонданд, ба гузориши ҳамдигар шинос шуданд, дар баҳсу мунозираҳо фаъолона ширкат варзиданд, нақлу иншо навиштанд, нақш офариданд, озмун ташкил ва баргузор намуданд. Банди 9 лоиҳа бо муқоисаи ду ҳикоят, яке аз “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ, дигаре аз “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шуда буд, ки дар иҷрои ин банд 3 нафар хонандагони фаъоли синф вобаста шуда буданд. Муқоисаҳо оддӣ, вале барои хонандагон хотирмон буд, зеро хонандагон худашон муҳаққиқи монандӣ ва тафовути матнҳо гаштанд ва исботу фарзияҳои худро баён карда, диққати хамсинфони хешро ба мавзуъ тариқи аёнӣ баён намуданд, ки боиси баҳсу талоши зиёд гардид. Азбаски натиҷаи озмоиши таълимии ин мавзуъро дар фасли 1.4. боби аввали диссертатсия нишон додаем, таҳлили натиҷаҳоро дар ин фасл зарур надонистем. Аз равзаи чаҳоруми «Баҳористон» ҳикояти зеринро, ки ҳам аз ҷиҳату муҳтаво ва ҳам аз диди забон ба синну соли хонандагон мувофиқ аст, интихоб намудем ва усули омӯзиши матни хикоятро ҳамчун намуна ба хонандагон пешниҳод намудем.

**Ҳикоят**

Шабе дар масҷиди ҷомеи Миср оташ афтоду бисӯхт. Мусулмононро таваҳҳуми он шуд, ки онро насоро кардаанд. Ба мукофоти он оташ дар хонаҳои эшон андохтанду бисӯхтанд. Султони Миср ҷамоатеро, ки оташ дар хонаҳои эшон андохта буданд, бигрифту дар як ҷо ҷамъ кард ва бифармуд, ки ба адади эшон руқъаҳо навиштанд: дар баъзе кущтану дар баъзе даст буридану дар баъзе тозиёна задан. Ва он руқъаҳо бар эшон афшонданд. Ба ҳар кас ҳар руқъа, ки афтод, бо вай ба мазмуни он муомила карданд. Як руқъа, ки мазмуни он куштан буд, бар касе афтод. Гуфт:

- Аз куштан боке надорам, аммо модаре дораму ҷуз ман касе надорад.

Дар паҳлуи вай дигаре буд, ки дар руқъаи вай тозиёна задан буд. Вай руқъаи худро ба он кас доду руқъаи вайро гирифту гуфт:

- Ман модар надорам.

Инро ба ҷойи ӯ бикуштанду онро ба ҷойи ин тозиёна заданд.

Қитъа

Ба симу зар ҷавонмардӣ тавон кард,
Хуш он кас, к-ӯ ҷавонмардӣ ба ҷон кард.
Ба ҷон чун эҳтиёҷи ёр бишнохт,
Ҳаёти худ фидои ҷони ӯ сохт. [51, 38]

Омӯзгор бояд саъй намояд, ки баъд аз қироати ҳикоят ҳар як хонанда дар шарҳи калимоти душвор шеваи кор бо луғатро донад ва салоҳияти истифодаи ин калимотро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳии худ дошта бошад. Масалан, баъд аз ифоданок ва муассир қироат шудани матни ҳикоят, бояд калимаҳои ноошно шарҳ шаванд. Нахустин калимаи душвори матн «таваҳҳум» мебошад, ки ба маънии гумон аст. Агар хонандагон муродифи роиҷи ин калимаро ба ёд оваранд, фаҳми он осонтар мегардад ва дар хотир менишинад. Калимаҳои пиндор, ҳадсро низ метавон ба ҷои таваҳҳум истифода бурд. Калимаи «тарсо», ки ба маънии насрониён, пайравони дини Исо аст, шарҳи бештаре металабад. Омӯзгор бояд мухтасар доир ба чаҳор дини мурсал маълумот диҳад, то хонандагон аз моҳияти низои байни динҳо огоҳ шаванд.

Чунки дар равиши дарс, хонандае савол кард, ки чаро насрониёнро пайравони Исо пайғамбар мегӯянд? Суолу ҷавоб дар мавриди калимаҳои калидӣ дониши хонандагонро бештар мекунад ва онҳо салоҳият пайдо мекунанд, ки ин вожаҳоро дар матни дигар асар ҳам шарҳ дода тавонанд. Ибораи «ба мукофоти он» маънии маҷозӣ дорад ва дар ин ҳикоят ба маънии «ба ивази он» ба кор рафтааст. Ибораи «ба адади эшон» ба маънии «ба миқдори онҳо» аст. «Руқъа» ба маънии нома аст, аммо дар матни ҳикоят ба маънии пораи коғазе аст, ки дар он шарти ҷазоро навиштаанд.

Матни ҳикоятро метавон чунин сода баён кард: «Шабе масҷиди ҷомеи Миср оташ гирифту сӯхт. Мусулмонон гумон карданд, ки ин кори насрониҳост ва барои қасос хонаҳои онҳоро оташ заданд. Шоҳи Миср гурӯҳе, ки хонаҳои насрониёнро сӯхта буданд, дастгир карда, ба як ҷо ҷамъ кард ва фармуд, ки ба миқдори ин гурӯҳ дар коғазе шарти ҷазоро нависанд: дар баъзе куштану дар дигар даст буридан, дар баъзе тозиёна задан. Он номаҳои ҷазоиро ба сари он гурӯҳ афшонданд. Ҳар нома, ки ба касе ғалтид, мувофиқи мазмуни он нома ӯро ҷазо доданд. Як нома, ки шарти он куштан буд, ба марде афтод. Он мард гуфт:

- Ман аз мурдан наметарсам, аммо модаре дорам, ки ба ғайр аз ман касе надорад.

Дар паҳлӯи ин мард ҷавонмарде буд, ки дар номаи вай шарти тозиёна задан буд. Ин ҷавонмард номаи худро ба он мард доду азони вайро гирифту гуфт:

- Ман модар надорам.

Ин ҷавонмардро ба ҷойи он мард бикуштанду вайро ба ҷойи ин тозиёна заданд.

Шарҳи қитъаи ҳикоят дар китоби «Шарҳи мунтахаби «Баҳористон» чунин омадааст: «Бо пулу мол ҷавонмардӣ кардан кори саҳл аст, хуш ба аҳволи касе, ки номи пуршарафи ҷавонмардиро ба ивази ҷонаш ба даст меоварад. Ҷавонмард чун донист, ки дигареро танҳо ба ивази ҷонаш

метавонад наҷот диҳад, ҳаёти худро фидои ӯ сохт. Ин аст ойини ҷавонмардӣ» [51, 39].

Ғояи ҳикоят барои хонандагон ошност. Аз ин рӯ, ҳангоми иҷрои марҳалаҳои севуми чаҳоруми МБТ хонандагон душворӣ намекашанд. Омӯзгор бояд имкон диҳад, ки хонандагон дар ин марҳалаҳо озодии бештар дошта бошанд ва андешаҳои худро доир ба ҷавонмардӣ баён кунанд. Таҳияи матни худ дар марҳалаи чаҳорум метавонад доир ба ҷавонмардии ҷавонони имрӯзи тоҷик бошад.

Муаллим метавонад "Баҳористон"-ро дар ҳамбастагӣ бо "Гулистон" таълим диҳад. Аз он ҷо ки хонандагон "Гулистон"- и Саъдиро аз ин пештар хондаанд, таълими муқоисавии ин ду асар осонтар мешавад. Муаллим объектҳои муқоисашавандаро тавассути тахтаи электронӣ пешниҳоди хонандагон мегардонад ва супориш медиҳад, ки тафовут ва монандиҳоро муқаррар кунанд. Дарс бо усули ҷустуҷӯ, муқоиса, баҳс ва хулосабарорӣ идома меёбад ва албатта, ин муқоиса монандӣ ва фарқияти зоҳирии ин ду асарро натиҷагирӣ менамояд:

| **"Гулистон"** | | **"Баҳористон"** | | **Фарқ ва монандӣ** |
|---|---|---|---|---|
| Боби аввал | Дар сирати подшоҳон | Равзаи нахуст | Дар нашри раёҳини чида аз басотини дурбинони роҳи ҳидоят ва садрнишинони боргоҳи вилоят (Даршахсияти сӯфиён) | |
| Боби 2 | | Равзаи 2 | | |
| Боби 3 | | Равзаи 3 | | |
| Боби4 | | Равзаи 4 | | |
| Боби 5 | | Равзаи 5 | | |
| Боби 6 | | Равзаи 6 | | |
| Боби 7 | | Равзаи 7 | | |

Барои муқоисаи мазмуну мундариҷаи бобҳо(равзаҳо)-и асар бояд ҳикоятҳои алоҳидаро манзури хонандагон гардонид. Барои муқоиса ҳакояти «Ҳотами Тойӣ»-ро аз “Гулистон” ва “Баҳористон” интихоб намудем, ки аз рӯи ҳаҷм ва мазмун барои хонандагон дастрас аст:

**Аз «Гулистон»:**

«Ҳотами Тойиро гуфтанд:

- Аз худ бузургҳимматтар дар ҷаҳон дидаӣ ё шунидаӣ?

Гуфт: - Бале, рӯзе чиҳил шутур қурбонӣ карда будам умарои арабро. Пас ба гӯшаи саҳрое ба ҳоҷате берун рафта будам. Хорканеро дидам, пушта фароҳам оварда. Гуфтамаш: - Ба меҳмонии Ҳотам чаро наравӣ, ки халқе бар симоти ӯ гирд омадаанд? Гуфт:

Ҳар кӣ нон аз амали хеш хӯрад,
Миннати Ҳотами Тойӣ набарад.

-Ман ӯро ба ҳиммату ҷавонмардӣ аз худ бартар дидам» [50, 65].

**Аз «Баҳористон»:**

«Ҳотамро пурсиданд, ки:

- Ҳаргиз аз худ каримтар дидӣ?

Гуфт: - Бале! Рӯзе ба хонаи ғуломе ятим фуруд омадаму вай даҳ сар гӯсфанд дошт. Филҳол як сар гӯсфандро кушту пухту пеши ман овард ва маро қитъае аз он хуш омад. Бихӯрдаму гуфтам: «Валлоҳ, ин басе хуш буд». Он ғулом берун рафту як-як гӯсфандро мекушту он мавзеъро мепухту пеши ман меовард. Ман аз он огоҳ не. Чун берун омадам, савор шудам, дидам, ки беруни хона хуни бисёр рехтааст. Пурсидам, ки:

- Ин чист? Гуфтанд, ки: - Вай ҳамаи гӯсфандони худро кушт. Вайро маломат кардам, ки чаро чунин кардӣ?

Гуфт: - Субҳоналлоҳ, туро хуш ояд чизе, ки ман молики он бошаму дар он бахилӣ кунам, ин зиштсиратӣ бошад дар миёни араб.

Пас, Ҳотамро пурсиданд, ки:

-Ту ба муқобилаи он чӣ додӣ?

Гуфт: - Сесад шутури сурхмӯю панҷсад гӯсфанд. Гуфтанд:

- Ту каримтар бошӣ?

Гуфт: - Ҳайҳот, вай ҳар чӣ дошт, доду ман аз он чӣ доштам, андаке беш надодам.

**Қитъа:**

Чун гадое ниме нон дорад,
Ба тамомӣ диҳад зи хони хеш,
Бештар з-он бувад, ки шоҳи ҷаҳон
Бидиҳад ниме аз хазонаи хеш» [140, 40].

Муқоисаи ин ду ҳикоят дар як дарс имконнопазир аст.Бинобар ин, мо онро дар шакли лоиҳа пешниҳод намудем, то ки хонандагон фурсати муқоисаи бештареро дошта бошанд ва андешаҳои худро аз таҳқиқоташон ба низом дароранд.

Бояд зикр кард, ки донишмандон перомуни ин ду асари оламшумул мақолаву рисолаҳои зиёде иншо кардаанд ва ҳатто мақолоте ҳам ба назар мерасад, ки шабоҳат ва фарқияти онҳоро муайян кардаанд. Омӯзгор ва хонандагон метавонанд аз ин мақолаву китобҳо истифода кунанд. Барои осон шудани кор мо хулосаи донишмандонро дар мавриди шабоҳат ва фарқияти “Гулистон”-у “Баҳористон” ба таври мухтасар меоварем:

“Баҳористон» яке аз асарҳои арзишманди Абдураҳмони Ҷомӣ буда, соли 1487 дар пайравии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ чун китоби дарсӣ барои писараш Зиёуддин Юсуф таълиф шудааст. Ҷомӣ ба таълим ва тарбияти фарзандаш эътибори хос медод ва ҳангоми таълиму тарбия аз асари машҳури Саъдӣ фаровон истифода менамуд. Аммо нависанда ва падари ғамхор медид, ки дарки ҳикматҳои «Гулистон» барои писараш душвориҳо пеш меорад. Аз ин рӯ, азм кард, ки мисли «Гулистон» китобе нависад, ки содатару фаҳмотар бошад. Оқибат чунин китобро навишт ва дар пайравии «Гулистон» онро «Баҳористон» ном ниҳод. Ҷиҳатҳои умумии «Баҳористон» ва «Гулистон» инҳоянд: Ҷомӣ дар пайравии «Гулистон» асари хешро «Баҳористон» унвон гузошт. «Баҳористон» монанди «Гулистон» аз муқаддима, ҳашт бахш ва хотима иборат аст. Ҷомӣ

дар таълифи «Баҳористон» сабки нигориши «Гулистон»-ро идома дода, онро бо насри мусаҷҷаъ ва омехта бо назм иншо кардааст.

“Гулистон” ва «Баҳористон», ки дар охирҳои умри Саъдӣ ва Ҷомӣ навишта шудааст, як навъ ҷамъбасти андешаву афкори ин ду мутафаккири бузург мебошанд. Дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ монанди «Гулистон»-и Саъдӣ зебоӣ ва фасоҳати санъати саҷъ нигоҳ дошта шуда, ҷумлаҳои мусаҷҷаъ ва пораҳои шеърии он саршори ибораю ҳикматҳои халқианд. Нақлу ҳикоятҳои дохили равзаҳо ба ҳикояту латифаҳои дилкаши халқӣ монананд. Ҳам «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва ҳам «Гулистон»-и Саъдӣ мазмуни баланди инсондӯстӣ доранд ва аз ин ҷиҳат низ ин ду асари бузург ба якдигар монананд. Ҷомӣ дар «Баҳористон» бисёр мавзуъҳои «Гулистон»-и Саъдиро пайравӣ ва такмил додааст.

«Баҳористон»-и Ҷомӣ тақлиди маҳзи «Гулистон»-и Саъдӣ нест. Фақат боби сеюми «Баҳористон» ба боби якуми «Гулистон» ва бобҳои панҷуми ҳар ду асар дар як мавзуъ мебошанд. Мавзуъҳои бобҳои сеюм, чаҳорум, шашум, ҳафтум ва ҳаштуми «Гулистон» дар «Баҳористон» дида намешаванд ва бобҳои дуюм, чаҳорум, шашум, ҳафтум ва ҳаштуми «Баҳористон» аз ҷиҳати мавзуъ комилан нав мебошанд. Фарқи дигари «Баҳористон» аз «Гулистон» он аст, ки Саъдӣ бобҳои китоби худро бе муқаддима сар мекунад. Аммо Ҷомӣ дар оғози ҳар равза бо унвони «Фоида» муқаддимаи хурде оварда, моҳияти мавзуъро равшан месозад. Ду-се ҳикояти «Баҳористон» аз ҷиҳати мавзуъ ва ҳатто мазмун ба чанд ҳикояти «Гулистон» наздикӣ доранд. Ҷомӣ сайъ менамояд ва ба он муваффақ ҳам мегардад, ки гуфтори ӯ аз навиштаи Саъдӣ фарқ кунад. (Мо инро дар мисоли ҳикояти «Ҳотами Тойӣ» муқоиса намудем).

Дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон», ки аз хусуси пайдоиши шеъру шоирӣ, навъҳои шеър ва ҳусну қубҳи он сухан меравад, тазкираи мухтасареро мемонад, ки доир ба рӯзгору осори сию нӯҳ тан суханварон маълумот дода шуда, мақоми шоирии онҳо дар рушди адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таъйин гардидааст, ки чунин маълумот дар “Гулистон” нест.

Тавофути дигари «Баҳористон» аз «Гулистон» он аст, ки пораҳои манзум дар ҳикоятҳои «Гулистон» ҷузъи таркибии тасвири воқеаҳо, муколамаҳо ва хулосаҳоро ташкил додаанд. Аммо дар «Баҳористон» қитъаҳои манзум чунин хусусият надоранд ва аз рафти воқеаҳо берун мемонанд.

Шарт нест, ки хонандагон муқоисаро дар сатҳи кори илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом диҳанд. Ин дар тавону қудрати хонандаи мактаб нест.Танҳо умумият ва чанд тафовути ин асарҳоро гуфта тавонанд кофист.

Дар усули "лоиҳа" китоби "Шарҳи ҳикояҳои мунтахаби "Баҳористон" ба хонандагон кӯмак расонд, онҳо дар омӯхтани матн, луғатҳо ва нақл вақти камтар сарф намуда, ҳикоятҳои бештарро мавриди мутолиа ва баррасию арзёбӣ қарор доданд.

Дар курси хониши адабӣ чунин шуруҳот заруранд, зеро бо матни ношинос ва пур аз калимоту ибороти ношинос рӯ ба рӯ кардани хонанда маънои аз адабиёт дур сохтани онҳоро дорад ва як сабаби паст будани таваҷҷуҳи аксарияти кӯдакон ба он ҳамин аст. Таркиби луғавии забони кӯдак холо қодир нест, ки тамоми калимоту ибороти «Баҳористон»-ро фаҳму дарк кунад. Барои ин, ӯро чанд муддат тавассути чунин роҳнамоиҳо бояд одат кунонд, то ки услуби гуфтугӯи ӯ бо услуби забони матн наздик шавад .

Аз мутолиа, шарҳу баёни мазмун ва мавзую ғояи ҳикоёти "Баҳористон" хонандагон ба чанд салоҳият ноил мегарданд:

1. Донишандӯзӣ. Баҳо дода тавонистан ба мероси гаронмояи ниёкон, азхуд намудани донишҳое, барои зиндагии минбаъда заруранд.

2. Маърифатӣ-ахлоқӣ. Аз ҳикмати ниёкон, яъне зарари кибру ғурур, оину шарти дӯстӣ, ҷавонмардию саховатпешагӣ, адолат ва озодӣ, ахлоқи писандида, зиндагии хуш огаҳ мегарданд ва барои муваффақ шудан дар зиндагӣ аз инҳо ба кор мебаранд.

3. Коммуникативӣ. Нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон инкишоф мeёбад. Ҳифзи луғоту таъбирот ва ҳикматҳои номбурда, аз як сӯ захираи луғавии онҳо ғанӣ гардонад, аз сӯйи дигар, бо мавқеъ ба кор бурдани ин ҳикматҳо ба рушди тафаккури хонандагон мусоидат мекунад.

4. Ҳамкорӣ. Иҷрои корҳо дар гурӯҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳсос кардани рафоқат дар ҳамкорӣ, дарк ва фаҳмиши дурусти дӯстию ҳамдастӣ, зарари ғуруру худписандӣ имкон медиҳад, ки бештар майл ба муттаҳидӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, баробарҳуқуқӣ, баҳо дода тавонистани зебоӣ, муҳити атроф ва ғайра.

5. Иҷтимоишавӣ. Озодона ва мустақилона фикру андешаҳои худро баён кардан, нақшофарӣ - дар образҳои дигар зиндагиро санҷидан, иштирок намудан дар корҳои гурӯҳӣ ва мутобиқшавӣ ба ҷомеа, муҳити зист ва ғайра.

Хулоса, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ имрӯз ҳам яке аз беҳтарин манбаъҳо ва дастурҳои ахлоқӣ, некукорӣ ва суханварӣ буда, ҳам насли наврас ва ҳам насли бузургсоли мо ба омӯзиши амиқи ин асари бузург ниёзи ҷиддӣ доранд. Вазифаи ҷонии омӯзгори адабиёт аст, ки ин «Баҳористони бехазон»-ро ба шогирдон огоҳона ва босалоҳият таълим диҳад. Озмоишҳои педагӣ собит намуданд, ки таълими "Баҳористон"-и Ҷомӣ дар шароити МБ дар курси хониши адабӣ (синфҳои 7) натиҷаи беҳтару хубтар медиҳад ва аз синфи 9 ба синфи 7 гузаронидани он дар омӯзиши ин асар халале ворид намесозад.

Бояд зикр кард, ки мураттибони "Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1" (2007) таълими "Нафаҳот-ул-унс"-и Абдураҳмони Ҷомиро дар синфи 7 салоҳ дидаанд, аммо дар синф 9 танҳо зикри онро дар қатори дигар мероси адабию илмии Ҷоми ном бурдаанду бас. Муаллифони китоби дарсии "Адабиёти тоҷик" барои синфи 7", ки дар асоси барнома китоб навиштаанд, бо зикри маълумоти мухтасар дар бораи китоб ҳикояту довариҳои Абдураҳмони Ҷомиро "Роҷеъ ба Фаридуддини Аттор", "Роҷеъ ба Шайх Камоли Хуҷандӣ" ва "Роҷеъ ба Хоҷа Шамсуддин Ҳофизи Шерозӣ" овардаанд [118, 122-125]. Ш.Р. Исрофилниё дар мақолаи худ "Адабиёт ва мушкилоти таълими он дар мактаб" бо далелоҳои илмию методӣ собит менамояд, ки "Нафоҳот-ул-унс" ба синну соли хонандагони мактаб, алалхусус синфи 7 мувофиқ нест[192]. Воқеан, барои фаҳмиши ин асар бояд хонандагон аз моҳияти

тасаввуфу ирфон, зинаҳову мақомоти тариқат ва алалхусус ирфони обидонаву ошиқона бохабар бошанд. Дар синфи 7 хонандагон бо матн сару кор доранд ва матни бадеӣ бояд ба синну соли онҳо мувофиқ бошаду дар дарки он душворӣ накашанд. Матни адабие, ки дар он андешаҳои ирфонӣ матраҳ шудааст, барои курси хониши адабӣ мувофиқ буда наметавонад. “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдураҳмони Ҷомӣ асари мансури адиб аст, ки дар он доир ба шарҳи ҳол, мақомот ва тавсифи осору андешаҳои 616 нафар суфиёну орифони машҳур маълумот дода шуда, муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагӣ ва андешаҳои ирфониии онҳо матраҳ шудааст. Масалан, барои шарҳи ҷумлаи аввали ҳикояти “Роҷеъ ба Фаридуддини Аттор”, ки дар китоби дарсӣ омадааст: “Вай муриди ҳазрати Маҷдуддини Бағдодист” [118, 122]. омӯзгорро лозим меояд моҳияти муриду муродӣ дар тасаввуф, нақши пир ва вазифаҳои мурид дар тариқат ва дигар масоили тариқатро шарҳ диҳад, то хонандагон ба маънии ҷумлаи боло сарфаҳм раванд. Ва ё байтҳое, ки дар ин ҳикоят омадааст, афкори ҷомеи ирфонӣ доранд, ки дар фаҳмишу шарҳи он на танҳо хонандагон, балки омӯзгорони онҳо низ омода нестанд. МБТ имкон медиҳад, ки омӯзгор вобаста ба талаботи дарс мавзуъ ва мундариҷаро тағйир диҳад. Ба андешаи мо, беҳтар он аст, ки соатҳое, ки барои таълими “Нафаҳот-ул-унс” дар синфи 7 ҷудо шударо барои таълими ҳикоятҳои бештаре аз “Баҳористон” ихтисос дода шавад.

Озмоиши педагогӣ дар мактабҳои таҷрибавӣ ва суҳбат бо омӯзгорону хонандагон собит намуд, ки хонандагони синфи 7 дар дарку фаҳмиши “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдураҳмони Ҷомӣ қодир нестанд. Омӯзгорон бояд, бино ба салоҳияте, ки МБТ ба онҳо медиҳад, аз асарҳои дигари адиб матн интихоб кунанд.

Хулоса, “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдураҳмони Ҷомӣ як сарчашмаи пурарзиши таърих ва афкори тасаввуф буда, дарки он дониши зиёди назариявӣ доир ба ирфон металабад. Аз ин рӯ, таълими ин асар дар курси хониши адабӣ мувофиқи мақсад нест. Беҳтар он аст, ки омӯзгорон

соатҳои барои таълими ин асар пешниҳодшударо барои таълими ҳикоятҳо аз “Баҳористон” ихтисос диҳанд. Пешниҳод мешавад, ки ҳангоми мураттаб намудани барномаи нави таълими адабиёти тоҷик барои МТМУ таълими ин асар аз барномаи таълими адабиёт дар МТМУ бароварда шавад.

# БОБИ III. ТАЪЛИМИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР КУРСИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТ (синфи 9)

## III.1. Омӯзиши шарҳи ҳол ва тавсифи мероси илмию адабии Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9

Дар курси таърихи адабиёт, ки таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ тибқи барнома дар синфи 9 пешниҳод шудааст, тарҷумаи ҳоли адиб ба таври муфассал таълим дода мешавад. Ш.Тағоев дар дастури таълимии "Таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи VIII" [115,7-17] ва Т. Миров дар "Дастури методии "Адабиёти тоҷик" [84,28-72] ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомиро ба дарсҳо тақсим намуда, ҳар як мавзуъро вабаста ба ҷараёни дарс баён кардаанд. Омӯзгорон метавонанд аз ин китобҳо ба сифати дастури методӣ истифода баранд, аммо бо онҳо маҳдуд нагарданд, зеро ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд.

Бояд зикр кард, ки шинохти рӯзгор, замони зиндагӣ, муҳити сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии адиб ва алалхсус ҷаҳонбинии ӯ дар дарки дурусти осори вай таъсири зиёд дорад. Ҳар як суханвар фарзанди замони худ аст ва вобаста ба ҷаҳонбинию талаботи замони худ асар офаридааст. Аз сӯйи дигар, дар шинохти тарҷумаи ҳоли адиб сарчашмаи дараҷаи аввал осори худи ӯст. Методист М. Аҳмадов дар ин масъала менависад: «Танҳо таҳлили амиқи асарҳои нависанда имкон фароҳам меоварад, ки ба шахсияти ӯ баҳои воқеӣ дода шавад. Дар ин масъала зиндагӣ ва муносибати ӯ ба атрофиёнаш дар сафи дувум меистад. Пас омӯхтани зиндагӣ, фаъолияти адабӣ, огаҳӣ аз моҳият ва мазмуну мундариҷа ва ғояи офаридаҳои нависанда ҳама якҷоя омили асосии комилан баҳо додан ба шахсияти адибон дониста мешавад» [20,206]. Хушбахтона, Абдураҳмони Ҷомӣ худ дар осораш оид ба тарҷумаи ҳоли хеш маълумоти фаровон додаст, ки дар байни онҳо рисолаи «Руқаот» (Мактубҳо), қасидаи «Рашҳи бол ва шарҳи ҳол» ва «Қасидаи шайбия»

арзиши бештар доранд. Илова бар ин, бино ба гуфтаи ҷомишинос Аълохон Афсаҳзод, «доир ба тарҷумаи ҳол ҳулқу атвор ва эҷодиёти Ҷомӣ… дар асри ХУ «Хамсат-ул-мутаҳаййирин»-и Алишери Навоӣ, «Такмила бар «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдулғафури Лорӣ ва «Мақомоти Мавлавӣ Ҷомӣ»-и Абдулвосеи Низомӣ таълиф гардида буданд. Боби махсуси китоби «Рашаҳот айн-ул-ҳаёт»-и Фахруддин Алӣ ибни Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва ҳикоятҳои зиёди «Латоиф-ут-тавоиф»-и ҳамин муаллиф ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ низ ҳукми китобҳои алоҳидаро доранд. Инчунин Давлатшоҳи Самарқандӣ, Камолиддини Биноӣ, Ғиёсуддини Хондамир, Муиниддини Исфизорӣ, Мирхонд, Бобурмирзо, Соммирзои Сафавӣ ва чанде дигар аз аҳли фазли асри ХУ ва асри XVI дар осори худ лаҳзаҳои ҷудогонаи рӯзгори ин мутафаккири бузургро тавзеҳ додаанд» [16,3]. Дастрас намудан ва омӯхтани ҳамаи он китобу маълумотномаҳое, ки аз раванди зиндагии Абдураҳмони Ҷомӣ баҳс мукунанд, барои муаллими мактаб кори басо душвор ва ҳатто номумкин аст. Муаллифони китобҳои дарсӣ низ аз ҳамин сарчашмаҳо ва тадқиқоти сершумори адабиётшиносони тоҷик ва шарқшиносони замони Шуравӣ истифода кардаанд. Ҳамин аст, ки китобҳои дарсии "Адабиёти тоҷик" барои синфҳои 9-11 ба китобҳои илмиву тадқиқотӣ монанд шуда, ба синну сол ва ҷаҳони ботинию зоҳирии хонандагон камтаъсир шудаанд. Илова ба ин, дар баъзе китобҳои дарсӣ муаллифон дар баёни ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ ба иштибоҳ низ роҳ додаанд. Масалан, Ш. Тағоев менависад: «Ҷомӣ ҳатто дар адабиёти Озарбойҷон нуфуз пайдо кардааст. Аз ин рӯ мо дар эҷодиёти Қатрони Табрезӣ, Хоқонии Шервонӣ, Маҳмуди Табрезӣ таъсири бевоситаи Ҷомиро мебинем» [115, 16]. Аввалан, Қатрони Табрезӣ дар асри Х1, 400 сол ва Хоқонӣ дар асри Х11- 200 сол пеш аз Ҷомӣ зиндагию эҷод кардаанд ва ҳеч мумкин нест, ки аз Ҷомӣ таъсир бардошта бошанд.

Мо ба усули баёни тарҷумаи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ, ки дар китоби дарсӣ ва дастурҳои методии дар боло зикршуда, пурра такя

накардем ва роҳу усули интерактивии таълимро, ки соддатару ба синну соли хонандагон мувофиқтар аст ва онро МБТ низ талаб мекунад, интихоб ва истифода кардем. Як ҳафта пеш аз омӯзиши мавзуи “Абдураҳмони Ҷомӣ” ба хонандагон китоби Аълохон Афсаҳзод «Дарёи нур»-ро пешниҳод намудем. Ду рӯз пеш аз оғози ин мавзуъ дар дарси забон аз матни “Вохӯрии қозизодаи систонӣ бо  Абдураҳмони Ҷомӣ” нақли хаттӣ гирифтем. Як рӯз пеш аз дарс тест гузаронидем. Саволҳои тест аз маводе , ки хонандагон дар синфҳои поёнтар омӯхта буданд, иборат буд. Яъне, марҳалаи аввали кор ташхиси дониш, малака ва маҳорати хонандагон буд.Мақсади ин марҳалаи омӯзиши аз он иборат буд, ки хонандагон дар бораи зиндагӣ ва осори Ҷомӣ чиро дар хотир нигоҳ доштаанд ва чӣ бояд кард, ки шахсияти Ҷомӣ ҳамчун  инсон, шоир нависанда, олим пурратар намоён шуда, ба омӯзиши ҳаёту эҷодиёти ин мутафаккир меҳр пайдо кунанд. Дар идомаи ин кор мо матни ҳикояи “Вохӯрии Қозизодаи Систон бо Ҷомӣ”-ро, ки  хонандагон ду рӯз пеш нақли хаттӣ навишта буданд, ёдовар шуда, хонандагонро ба муҳокимаи он ҷалб намудем. Чунки дар ҳикояти мазкур  беҳтарин  хислатҳои инсонӣ- одоби муошират, фурӯтанӣ, бамавқеъ сухан гуфтан, қабули меҳмон, маҷлисоройӣ, ки  мутаваҷҷеҳ сохтани хонандагон ба онҳо аз ду ҷиҳат аҳамият дорад: 1) хонанда Ҷомиро ҳамин тавр шахсияти дорои хислатҳои наҷиби инсонӣ мешиносад ва қабул мекунад; 2) аз ҷониби дигар, шояд орзу ё таманнои ба ӯ монанд шудан ё такрор намудани одатҳои накӯи  ӯро дар хотираи наздику дури худ мепартояд. Ва ё агар ба ҷои Қозизода худро тасаввур кунад, кӯшиш ё майли ислоҳи кирдору рафтори худро ба миён оварад, салоҳияти масъулиятшиносии хонанда дар давраҳои мухталифи зиндагиаш рушд меёбад. Ҳарчанд ки хонандагон дар синфи 7 ба мазмуни ҳикоя шиносанд, вале ба хотир овардани он дар синфи 9 ҷоиз аст ва  мо онро такрори бамавқеъ меҳисобем. Зеро суҳбати муаллим дар бораи хислат ва рафтори Ҷомӣ барин як шахсияти бузург аз ҷое оғоз мегардад, ки хонанда дар бораи он тасаввуроти умумӣ дорад ва мазмуни он диққатҷалбкунанда ва

пуртаъсир аст. Ду сол пеш синну соли хонандагон барои муҳокимаи образҳои ҳикоя пурра созгор набуд ва махсусан образи Қозизодаро на ҳамчун шахсияти ҳамсинну сол, балки як нафар иштирокчии ҳодисаву воқеаҳои асар, ки дар синну сол, мафкура ва рафтору кирдор аз онҳо бартарӣ дорад, қабул накарда буданд. Ҳоло бошад дар рӯ ба рӯи онҳо ҷавони ба онҳо баробар истодааст. Бинобар ин, мо ин дарсро дар синфи 9 аз нав озмоиш кардем. Муаллим дар заминаи ҳамон дониш, хонандаро ба донишҳои нав, хулосаҳои васеътар арзёбии комилтар роҳнамун карда, дар рушди салоҳиятҳои коммуникативӣ, маърифатию ахлоқӣ ва иҷтимоишавии онҳо таъсиргузор гардид. Барои он ки симои Ҷомӣ дар назари хонанда ҳамчун шахсияти воқеӣ ва таърихӣ таҷассум шавад, барои он ки рафтори Қозизода ба хонанда ҳамчун намунаи пайравӣ гардад ва ҳикояро як рукни зиндагии воқеии худ донад, муаллим ба се ҳолати тасвир эътибор бояд диҳад: 1) Қозизода дар меҳмонии Ҷомӣ ва қабули ӯ аз ҷониби Мавлоно ва бетафовутию ғурури Қозизода дар ҳузури Абдураҳмони Ҷомӣ; 2) муносибати Ҷомӣ ба Қозизода ва 3) хиҷолат ва пушаймонии Қозизода аз рафтору кирдори худ. Чаро ин лаҳзаҳо лаҳзаҳои муносибу зарурианд? Барои он ки хонандагони синфи 9 қариб дар синну соли Қозизодаанд ва суҳбат бо онҳо дар мавзуъҳои ба онҳо наздик на танҳо барои дониш андӯхтан, балки барои рушди ахлоқӣ, рафтори писандида, ислоҳи безарари хатоҳо заруранд. Зере дар ин синну сол онҳо ҳар лаҳза як рафтори ғайричашмдошт, як ҳаракати ғайриоддӣ, як ғурури ноҷо ва railnописандии хоса зоҳир мекунанд. Ислоҳи ин вазъ яке аз талаботи дарси адабиёт ва омӯзиши мероси зиндагисози классиконамон аст. Дарси мазкур суҳбати озод буд, муаллим ба ҳама имконияти сухан гуфтан дод, касеро барои интихоби «хато» ҷанг накард, танбеҳ надод ва суҳбати худро бо савол ва ҷавобҳои ба хонанда ниҳоят наздик шуруъ ва ҷамъбаст намуд:

1. **Чаро Қозизода Ҷомиро нашинохт?**

- Фикр кард, ки хизматгори ҳамин хона аст.
- Гумон кард, ки мисли ӯ як раҳгузар аст.

- Андешид, ки ҳамсоя ва ё корафтодаест.

**2. Нашинохтани Қозизода , ба фикри Шумо, дар чист?**

- Ғурури ҷавонӣ.
- Ғурури ашрофзодагӣ.
- Ғурури нодонӣ.
- Ғурури номисандӣ.

**3. Чаро Ҷомӣ худро ба меҳмонаш нашиносонд?**

-Чунки Ҷомӣ Қозизодаро писанд накард.
-Чунки Ҷомӣ шахси мағруру худписандро дӯст намедошт.
-Чунки пешакӣ медонист, ки писари қозии Систон меояд.
-Чунки Ҷомӣ хост Қозизодаро имтиҳон кунад.
- Чунки Ҷомӣ шахси меҳмондор буд ва нисбат ба ҳама як хел рафтор мекард.
-Чунки Ҷомӣ бо вуҷуди бузургӣ дар илму амал, марди хоксор ва фурӯтан буд ва ба ҳама ҳамин тавр рафтор мекард.

**4. Агар Шумо ба ҷои Қозизода мебудед, чӣ кор мекардед?**

-Ба гапи Ҷомӣ бовар намекардам, ки гуфт:«ҳозир ҳамин ҷо буд».
-Ҷомиро «хизматгор» намепиндоштам, чунки синну соли ӯ хеле калон буд, либоси тозаву озода дошт.
- Ҳамин хел шуданаш мумкин, узр мепурсидаму мақсадамро баён мекардам.

**5. Вақте ки меҳмонон вориди хона шуданд, чаро Ҷомӣ дар пойгаҳи дар нишаст?**

- Чунки ҷой намерасид.
-Чунки меҳмонони олиқадр бисёр буданд?
-Чунки иззату эҳтироми меҳмон барои Ҷомӣ аз ҳама боло буд.
- Чунки ин одати Ҷомӣ буд.

**6. Агар Шумо ба ҷои Ҷомӣ мебудед, дар куҷо менишастед?**

- Дар бари боло?
- Дар паҳлӯи меҳмонони олиқадр?
-Дар ҷое, ки Ҷомӣ нишаста буд (интихоб карда буд).

**7. «Гурехтан»-и Қозизода натиҷаи чӣ буд?**

-Тарс аз падар.

-Тарс аз Ҷомӣ.

-Тарс аз меҳмонон.

- Тарс аз андешаҳои худаш.

- Шарм ва пушаймонӣ аз рафтору кирдори худ.

**8. Агар Шумо ба ҷойи Қозизода мебудед, бармегаштед?**

- Не, барнамегаштам, чунки мӯйсафед маро дар ҳоли ногувор гузошт.

-Не, барнемегаштам, чунки озурда ва сахт дар хиҷолат шудам.

- Омадам, нишон диҳам, ки бачаи бад нестам.

- Агар барнамегаштам, падарам ҳам аз ман ва ҳам аз Ҷомӣ меранҷид ва мардум ба ҳоли ҳамаи мо механдиданд.

- Баргаштам, то донанд, ки ман тарбиятдидаам ва бузургонро эҳтиром мекунам.

**9. Оё Шумо боре ҳам дар ҳамин вазъият монда будед?**

**Гӯед, ки чӣ кор кардед?**

**10. Вазифа барои баҳс ва андеша: Этикет: Одоби ба меҳмонӣ рафтан ва меҳмон қабул кардан. Нақшаро пур кунед:**

| № | **Ба меҳмонӣ рафтан. Амалҳо** | **Ҷоиз аст** | **Ҷоиз нест** | **Манъ аст** |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Огоҳ накарда рафтан | | | |
| 2 | Пеш аз вақт рафтан | | | |
| 3 | Дер рафтан | | | |
| 4 | Бисёрӣ рафтан | | | |
| 5 | Бо одамони барои соҳибхона ношинос рафтан | | | |
| 6 | Ба ҷои ношинос рафтан | | | |
| 7 | Бемуҳлат рафтан | | | |
| 8 | Дарро кӯфтан | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | Иҷозат пурсида даромадан | | | |
| 10 | Бе таклиф ва пешниҳод нишастан | | | |
| 11 | Бо либоси аз ҳад зиёд диққатҷалбкунанда рафтан | | | |
| 12 | Бе таклиф аз ҷой ба ҷойе нишастан | | | |
| 13 | Бо кӯдакон  рафтан | | | |
| 14 | Маст рафтан…. | | | |
| 15 | Метавонед илова кунед. | | | |

Ин образҳо барои онҳо хеле наздик ва ҳатто идеал ҳам шуда метавонанд, зеро кибру ғуррур, худписандӣ, нописандӣ, бовар доштан ба худ, якравӣ, ман-манӣ, ифтихор ва ғурур аз вазифа ва ҷоҳу мансаби падар маҳз дар ҳамин синну сол рушд меёбад ва таҳлили  ин образ як нав таҳлили воқеии рафтору кирдори писарбачагони 14-16-сола аст. Салоҳияти муаллим ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ, гузоштани масъалаҳое, ки ба рафтору кирдори  ҳамин синну сол мувофиқ аст, пайдо кардани ишколе, ки хонанда дар худ дорад ё майле ба он пайдо мекунад, кушодани гиреҳ бо дасти худи ӯ ва ғайра аст. Вале муаллим агар аз аввал то охир ба панду насиҳат ва муҳокимаи рафтору кирдори образҳои мазкур ва хонандагон машғул шавад, барои онҳо  Ҷомӣ ва Қозизода шахсони аз зиндагии онҳо дур,  шахсони «сода»-ву симоҳои  ношинос ва беэътибор тофта, таъсири ахлоқии ҳикоя хеле коҳиш меёбад. Ин дарси муқаддимавӣ доир ба зиндагии Абдураҳмони Ҷомӣ буд. Мо хонандаро ба маводи илмию таърихии зиёд мутаваҷҷеҳ накардем, балки як саҳнаи зиндагии ӯро, ки барои хонандагони ин синну сол ҷолиб буда метавонад, истифода карда, барои шинохти Ҷомӣ ва осори ӯ омода намудем. Дарсҳои минбаъда аз рӯи нақшаи зерин сурат гирифт:

| Мавзуъ: **Шарҳи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ** | | |
|---|---|---|
| **Гурӯҳбандии мавзуъҳо/ проблемаҳо** | **Рушди салоҳиятҳо дар хонандагон** | **Зарурат [барои чӣ?, дар куҷо истифода мебарад?]** |
| Вазъи таърихии замони зиндагии Ҷомӣ, давлати темуриён, авзои сиёсию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии асри ХУ | Кор бо иттилоот, ташаккули тафаккури интиқодӣ: | Таҳлили рафтор, муносибатҳои одамон, дар зиндагии имрӯза. |
| Вазъи хонаводагии Ҷомӣ, таҳсилот дар Ҳироту Самарқанд, сафар ба Ҳиҷоз, тариқати нақшбандияро қабул кардан то ба пешвоии он расидани Ҷомӣ | Иҷтимоишавӣ, баҳодиҳӣ, коммуникативӣ | Таҳлил, мулоҳизаи рафтори худ дар ҷамъият, хулосабарорӣ; назар, мавқеи худро муайян намудан нисбат ба воқеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии замон ва макони худ |
| Муҳити адабӣ ва илмии Ҳирот, дӯстӣ бо Навоӣ, дарбори Ҳусайн Бойқаро ва муносибати Ҷомӣ бо ҳокимони давр, шогирдону пайравони Ҷомӣ | Кор бо иттилоот, ташаккули тафаккури интиқодӣ; иҷтимоишавӣ, баҳодиҳӣ, сарварӣ, коммуникативӣ | Баёни фикр дар чорабиниҳо, ҷамъомадҳо, мубоҳисаҳо?<br><br>Ташаккули фикррониии мантиқӣ;<br><br>Ташаккули худшиносӣ, ҳуввият ва фарҳанги миллӣ; |
| Мақоми Ҷомӣ дар муҳити адабию илмӣ ва сиёсии замони худ; Вафоти Ҷомӣ ва баҳои ҳамасрон ба ӯ; баҳои ховаршиносон ба нақши Ҷомӣ дар адабиёти асрҳои ХУ-XVI | Иттилоотӣ, баҳодиҳӣ (арзёбӣ), коммуникативӣ, ҳамкорӣ ва ғайра | Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба зуҳурот дар муҳити зист, истифодаи далелҳои илмӣ ва бамавқеъ истифода кардани дар чорабиниҳо, ҷамъомадҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ |

Дар машғулиятҳое, ки дар курси таърихи адабиёт ба шарҳи ҳоли адиб ихтисос дорад, бино ба таъкиди мутахассисон, бояд масоили зер равшан карда шавад: “а)Хусусияти асосии нависанда ба ҳайси суханвар ва мутафаккир; б) робитаи адиб бо замони худ, бо ин ё он синфи ҷамъиятӣ ва бо зиндагии мардум; в)усули эҷодии адиб чӣ гуна инкишоф ёфтааст, марҳалаҳои асосии раванди фаъолияти ӯ чӣ тарз давом кардааст? г) ӯ дар таърихи адабиёт ва умуман ҳаёти ҷамъиятии замони хеш чӣ навгонӣ ворид кардааст?”[20,224]. Бо дарназардошти ин тавсияҳо, пас аз дарси аввал, тадриҷан мураккабтар намудани маводи таълимиро пайгирӣ намуда, диққати хонандагонро аввал ба суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар донишмандони дунё, ки дар мавриди мақоми Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърихи адабиёти тоҷик баён намудаанд, ҷалб намудан мумкин аст:

«*Ҷомӣ моҳияти иҷтимоию адабии адабиёту ҳанар, мақом ва нақши онро дар зиндагии ҷомеа ба хубӣ ҳис мекард ва дар ашъораш аз ҳақиқати воқеӣ мегуфт. Ба гуфти худаш, ӯ танҳо аз баҳри мардум эҷод мекард ва асарҳои илмӣ менавишт, на барои худ ва ба манфиати хеш*» .

***Эмомалӣ Рахмон***

*“Ҳаёти адабиии асри ХУ-и форсу тоҷикро, ки дар он эҷодиёти Ҷомӣ бо тамоми бузургияш намудор мегардад, шартан асри Ҷомӣ номидан мумкин аст”.*

***Ховаршиноси укроинӣ Александр Кримский***

*“Метавон гуфт,ки давраи классикии шеъри форсӣ бо зуҳур ва уфули Нуриддини Абдураҳмони Ҷомӣ ба поён расид”.*

***Ховаршиноси олмонӣ Ҳермон Эте.***

*“Ҷомиро дар улуми саврӣ ва маънавӣ ҳамто ва баробаре дар асри худ набуд”.*

***Мирзо Бобур***

*"Суҳбати ҳазрат [Ҷомӣ]-ро хосияте буд, ки ҳар кас ба суҳбати эшон мерасид, аз мамарри қабзе ва андӯҳе, ки медошт, он қабз аз андӯҳ муртафеъ мешуд".*

***Абдулгафури Лорӣ***

Марсияи Навоӣ дар марги устодаш Ҷомӣ аз ҷонсӯзтарин марсияҳо ба ҳисоб меравад ва бояд дар слайд ҷо шавад, то хонандагон ба моҳияти чанд масъала сарфаҳм раванд: Аввалан, мақоми баланди Ҷомӣ дар адабиёти асри ХУ, алалхусус ҳавзаи адабии Ҳирот; Сониян, эҳтироми устод аз ҷониби шогирд; Солисан, равобити адабиии ду халқи бародар ва ғайра. Ба тариқи намуна чанд байти он марсия меоварем:

Ҳар дам аз анҷумани чарх ҷафои дигар аст,
Ҳар як аз анҷуми ӯ доғи балои дигар аст.
Рӯзу шабро, ки кабуд асту сияҳҷома дар ӯ,
Шаб азои дигару рӯз азои дигар аст…
Назди арбоби яқин дори фано ҷое нест,
Ватани аслии ин тоифа ҷои дигар аст.
З-ин сабаб масти маи ҷоми азал орифи Ҷом
Сархуш аз дори фано сӯи ватан кард хиром…
Дӯстон, дар ҳама фан нодираи олам ку?
Афзалу афсаҳи аҷноси бани Одам ку?...[18,193]

Машғулияти хотимавӣ доир ба ҳаёту эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи озмоишии МТМУ №2 шаҳри Бӯстон бо конференсияи илми-адабӣ бахшида ба ба ҳаёт ва эҷодиёти ин адиби бузург ҷамъбаст гардид. Онро муаллими забон ва адабиёти тоҷики мактаби мазкур Мавлонова Санавбар Ганиевна дар сатҳи хеле баланд доир намуд. Қисмати «Дӯстии Ҷомӣ ва Навоӣ» -и ин чорабини хеле таъсирбахш буд. Хонандагон нақшҳои Ҷомӣ, Навоӣ, Биноӣ, Восифӣ, Қозизодаи Румӣ ва дигаронро хеле хуб бозида, аз эҷодиёти Ҷомию Навоӣ ва Восифӣ хеле моҳирона истифода карданд. Илава ба ин, тавассути ин чорабинӣ онҳо сенариянависиро машқ карданд, ба нутқи саҳнавӣ ва истифодаи

ҳаракоти дасту по ва чашму сар эътибори хоса медодагӣ шуда, дар аз ёд намудани матни беғалати сенария муваффақ гаштанд.

Зимни тавсифи мероси адабии Абдураҳмони Ҷомӣ истифода бурдани осори адиб ҳамчун шоҳиди аҳволи рӯзгору эҷоди асарҳо метавонад, ки лаҳзаҳои муҳими ҳаёт ва эҷодиёти адиб дар зеҳну хотираи хонандагон нақш бандад. Масалан, гуфтани он ки бо он ҳама эҳтироми бузург, ки ҳукуматдорони темурӣ ба Ҷомӣ доштанд ва суҳбати ӯро барои худ ифтихор меҳисобиданд, ҳеч мансаби давлатиро қабул накардану ба дарбор нарафтани Ҷомӣ аз масоили муҳими ахлоқӣ буда, аз табъи баланду хоксории ӯ дарак медиҳад. Муаллим бояд бо тавсифи сифатҳои Ҷомӣ аз осори ӯ шоҳиди шеърӣ биоварад. Абёти зер далели маҳкам ба гуфтаҳои боло мегардад ва хонандагон беҳтару хубтар ба моҳияти масъала сарфаҳм мераванд: Агар ҳамин порчаро дар иҷрои Ҳофизи Халқии Тоҷикистон, сарояндаи мумтози тоҷик Давлатманд Холов, ки зебову гӯшнавоз мехонад, шунавонад, хастагии хонандагон аз байн меравад ва маъруфияти шеъру оҳангро дар мусиқӣ хуб эҳсос мекунанд:

Ба дандон рахна дар фӯлод кардан,
Ба нохун роҳ дар хоро буридан,
Ба фарқи сар ниҳодан сад шутур бор,
Зи Машриқ ҷониби Мағриб давидан,
Басе бар Ҷомӣ осонтар намояд,
Ки бори миннати дунон кашидан.

Барои он ки ошноии хонандагон ба зиндагӣ ва осори Ҷомӣ зери назари муаллим бошад, пас аз ин дарс мо «Хониши беруназсинфро аз рӯи китоби адабиётшиноси маъруфи тоҷик Аълохон Афсаҳзод» «Дарёи нур» пешниҳод намудем. Зеро ин китоб тамоми паҳлӯҳои зиндагӣ ва эҷодиёти ин адиби мумтозро дар бар мегирад. Тавре ки болотар таъкид намудем, китоби мазкурро ду ҳафта қабл аз омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ тавсия шуда буд.

Ҳангоми озмоиш дар МТМУ №6 деҳаи Ғусари ноҳияи Панҷакент муаллима С. Раҳимова мавзуи «Зиндагиномаи Абдураҳмони Ҷомӣ»-ро дар синфи 9 «А» тибқи талаботи МБТ ба роҳ монд. Мо бо ҳамроҳии муаллима маводи таълимро пешакӣ омода намуда будем ва хонандагон низ вазифадор шуда буданд, ки китоби «Дарёи нур»-и А.Афсаҳзодро мутолиа намоянд. Дарс хеле шавқовар гузашт, хонандагон, ки аз мавзуъ огоҳӣ доштанд, бештар фаъол буданд. Саволномаҳое, ки хонандагон мустақилона омода намуда буданд, далели дониши васеи онҳо доир ба шарҳи ҳоли адиб буд.

Хонандагон ба салоҳиятҳо ҳамон вақт даст меёбанд, ки дар раванди дарс иштироки фаъол дошта бошанд.Яъне, ҳангоми баррасии шарҳи ҳоли адиб маҳдуд ба маълумоти китоби дарсӣ набошанду аз сарчашмаҳои гуногун, монанди осори худи адиб, маълумоти тазкираву асарҳои тадқиқотӣ, китобҳои бадеӣ, донишномаҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, маводи интернет ва ғайра истифода баранд, ки мо дар ибтидо теъдоде аз онҳоро зикр кардем. Омӯзгор дар раванди таълим, ки раҳнамои хонандагонро барои ноил гардидан ба салоҳиятҳо ба душ дорад , бояд дарсро тавре ба роҳ монад, ки хонандагон ба ибрози андеша худ доир ба ҳар масъала имкон пайдо кунад, ба таъбири дигар, малака ва маҳорати худро нишон дода тавонанд. Яъне, омӯзгор бояд қобилият ва таҷрибаи маърифатии хонандагонро дар раванди таълим ба назар гирад ва дар мароҳили мухталифи ташаккули салоҳиятҳо ба онҳо ёрӣ диҳад. Дар ҷараёни таълими шарҳи ҳоли адиб диққати асосӣ на танҳо ба мазмуни таълим (яъне, чиро меомӯзем?), балки ба тарзи таълим (яъне, чӣ тавр меомӯзем) низ равона гардад.

Дар дарси зикршудаи муаллима С. Раҳимова хонандагон воқеан фаъол буданд. Аз он ҷо, ки хонандагон аз мавзуъ огоҳ буданд, зарурате намонд, ки муаллима дар бораи зиндагии адиб худ нақл кунад. Саволе, ки муаллима пеш мегузошт, хонандагон ҷавоб медоданд. Слайдҳои омодашуда аз тарафи хонандагон шарҳ дода шуд. Ҳатто порчаҳои

манзумро бештари талабогон аз ёд намуда буданд. Баъзе хонандагон китобҳои Ҷомиро бо худ оварда буданд.

Тибқи талаботи МБТ омӯзгор қабл аз дарс бояд ба нақша гирад, ки ҳангоми таълими мавзӯи «Шарҳи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ» дар синфи 9 кадом усулҳоро истифода намояд, ки салоҳиятҳо ташаккул ёбанд? Ба таъбири дигар, дар мавриди тарҷумаи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ хонандагон кадом маълумотҳоро бояд донанд, дарк кунанд ва дар амал татбиқ намоянд, ки дар оянда барои онҳо лозим бошад. Ҳамаи он маълумотҳое, ки доир  ба асри ХУ ва марбут ба давраи зиндагии Ҷомӣ аст, хонанда ба хотир гирифтан наметавонад ва муҳим нест, ки хонанда ҳамаи онҳоро бидонад. Ба хонанда бояд ҳамон факту далел ва маълумотҳоеро перомуни зиндагиномаи Ҷомӣ пешниҳод кард, ки барои ӯ муҳим асту дар оянда ба кор меояд.

Мероси адабиии Ҷомӣ: девонҳо, «Ҳафт авранг», «Баҳористон», «Нафаҳот-ул-унс», «Шарҳи мулло», рисолаҳо» [27,51] давоми дарси зиндагиномаи Абдураҳмони Ҷомӣ тибқи барномаи таълим мебошанд, ки шарҳи мухтасари онҳо бо воистаи слайдҳо  симои  адибро дар назари хонандагон муҳташам мегардонад.

Шеваи беҳтарини тавсифи осори шоир ба воситаи слайдҳо муаррифии ҳар як асари ӯст. Осори шоир бояд тибқи ҷинсу жанрҳо ва мавзуъ табақабандӣ шуда, ба нақша дароварда шаванд. Ин усул ҳам вақтро сарфа мекунад ва ҳам роҳи осони ба хотир супурдан аст. Дар кабинети  методии адабиёт ва китобҳои методӣ доир ба мероси адабии Абдураҳмони Ҷомӣ нақшаҳо вуҷуд доранд. Масалан,  Абдусамади Мулло дар охири китоби худ «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» ин нақшаҳоро овардааст[88,376], ки метавон аз онҳо истифода кард.

Ба ҳамин минвол метавон сохтани чунин нақшаҳоро ҳамчун кори лоиҳавӣ ба хонандагон вазифа супурд, зеро вақте ки хонанда худаш кореро иҷро мекунад, барои ӯ ҳам хотирмон мегардад, ҳам мустақилона дониш аз худ мекунад, ки ин яке аз талаботҳои МБТ ва иҷрои консепсияи ДТМ (дониш, таҷриба,малака) аст.

Ҳангоми шарҳу тавзеҳи осори Абдураҳмони Ҷомӣ истифода аз гуфтаҳои худи шоир дар ин масъала ва андешаҳои шогирдону пайравонаш муассир хоҳад буд. Масалан, Ҷомӣ дар мавриди «Ҳафт авранг», ки аз ҳафт маснавӣ иборат буда, дар пайравии Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ эҷод шудааст, мегӯяд:

Ин ҳафт сафина дар сухан якранганд
В-ин ҳафт хазина дар гуҳар ҳамсанганд.
Чун ҳафт бародаранд дар чархи баланд,
Номӣ шуда бар замин ба «Ҳафт авранг»-анд.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар мавриди муҳтавои девони ашъораш ба таври возеҳ баён дошта, ки «аксар аз ғазали ошиқони шайдоӣ» иборат асту панду ҳикмат, аммо зикри мардуми пасти нокас («дунон») дар он намеёбӣ:

Ҳаст девони шеъри ман аксар
Ғазали ошиқони шайдоӣ,
Ё фунуни насоеҳ асту ҳикам,
Мунбаъис аз шуури доноӣ.
Зикри дунон наёбӣ андар вай,
К-он бувад накди умрфарсоӣ.

Ин порчаи шеърӣ ҳангоми муаррифии ашъори шоир аз чанд ҷиҳат барои хонандагон судманд буда метавонад. Хонанда бевосита аз каломи шоир мефаҳмад, ки муҳтавои девони ӯ дар чӣ мавзуъ суруда шудааст. Сонияն, хислати баландназарӣ ва барои тамаъ шеър нагуфтани шоир ва нафрат доштанаш ба шоирони томеъ равшан мегардад.

Баъд аз муаррифӣ ва тавзеҳ намудани осори Абдураҳмони Ҷомӣ саволе ба миён омаданаш мумкин аст, ки мутафаккири бузург ҳамаи ин осорро ба кадам мақсад навиштааст? Ин савол метавонад аз тарафи хонандаи кунҷкове дода шавад. Муаллим метавонад ба ин савол аз забони Ҷомӣ ҷавоб гӯяд:

Қасди шухрат набуд Ҷомиро,
К-ин ҳама назми обдор навишт.

Баҳри аҳбоб дар сафҳаи дил
Нуктае чанд ёдгор навишт.

Омӯзгор метавонад бо овардани абёти боло ҷавоби саволро бо суханони Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷашни мутафаккир (соли 2014) ироа карда буданд, чунин хулоса кунад: «Ҷомӣ моҳияти иҷтимоию адабии адабиёту ҳанар, мақом ва нақши онро дар зиндагии ҷомеа ба хубӣ ҳис мекард ва дар ашъораш аз ҳақиқати воқеӣ мегуфт. Ба гуфти худаш, ӯ танҳо аз баҳри мардум эҷод мекард ва асарҳои илмӣ менавишт, на барои худ ва ба манфиати хеш» [102, 285].

Мувофиқи талаботи МБТ хонанда бояд он маълумот ва факту далелҳоеро ба хотир гирад, ки дар оянда барои ӯ муҳиманду дар дарки осори шоир мадад мерасонанд. Донистани миқдори абёти ҳар девон, миқдори жанрҳои шеърӣ ва дар кадом вазн навишта шудани онҳо, басомади ашъори шоир, кадом солҳо навишта шудани асарҳои шоир ва монанди инҳо, ки дар хотир гирифтани онҳо душвор асту зарурате ҳам надорад, барои хонандаи мактаб лозим нест.

Хулоса, озмоишҳои педагогӣ дар мактабҳои таҷрибавӣ сабит намуд, ки ҳангоми таълими шарҳи ҳол ва мероси адабию илмии Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси таърихи адабиёт (синфи 9) вобаста ба талаботи МБТ набояд факту рақамҳои зиёдеро ба хонандагон пешниҳод кард. Яъне зикри тамоми осори илмию адабии шоир зарурат надорад, аммо дониста ин нукта, ки Ҷомӣ асарҳои зиёде илмию адабӣ эҷод кардааст, муҳим мебошад. Хонанда донад, ки Ҷомӣ шоиру носир, олим ва донандаи илмҳои мухталалифи замонаш асту дар ҳар фанне асар офаридааст, кофист.

## III.2. Роҳу усулҳои таҳлили ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9

Дар фасли чаҳоруми боби аввали диссертатсия дар мавриди роҳу усулҳои таҳлили ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ, ки дар МТМУ №15 ноҳияи ба номи Бобоҷон Ғафуров аз озмоиши таълимӣ гузашта буд, маълумоти муфассал дода шудааст. Азбаски мушкилоти асосии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик шарҳу маънидоди осор классикони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аст, зарур шуморидем, ки шарҳи нисбатан муфассали чанд ғазали шоирро, ки барномаи таълими тавсия додааст, пешниҳод намоем.

Дар китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9 ҳангоми шарҳи ашъори шоир баъзан ба иштибоҳоти роҳ дода, ҳамон идеалогияи даврони Шуравӣ, ки аз осори ишқӣ ҳам танқиди ҳукуматдорону руҳониёнро меҷустанд, бармало мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, дар мавриди мавзуи ғазалиёти шоир менависанд: «Мавзуи ғазалиёти шоир танқиди замону аҳли ҷоҳ, беадолатӣ, орзую умеди халқ ва ғайраро дар бар мегирад. Масалан, дар ғазали поён ба аҳли ҷоҳу сарват, яъне шоҳону ҳокимони вақт хитоб карда мегӯяд, ки шумо дили осуда, зиндагии пурнишот ва айшу нӯши шоҳона доред, магар аз ҳоли мазлумон, бечорагон воқифед» [83,227]. Муаллифон барои тасдиқи фикрашон ғазали «Осудадило, ҳоли дили зор чӣ донӣ»-и Ҷомиро меоваранд, ки як ғазали комилан ошиқона аст, ки мо аввал аз шарҳи он шуруъ мекунем.

Ғазали бо матлаъи зер оғоз мешавад:

Осудадило, ҳоли дили зор чӣ донӣ,
Хунхории ушшоқи ҷигархор чӣ донӣ?! [135, 507]

Пеш аз он ки ба баррасии ғазали боло бипардозем, лозим медонем, ки андешаи дигаронро дар мавриди таълими он биоварем. Муаллифони «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» ҳангоми баррасии «Роҳу равиши шарҳу маънидоди порчаҳои шеърӣ» ба тариқи намуна се байти аввали ғазали зикршудаи Ҷомиро меоваранд: «Масалан, омӯзгор, ғазали

«Осудадило, ҳоли дили зор чӣ донӣ»-и Ҷомиро бурро, ифоданок хонда ба қазовати хонандагон вогузор мекунад:

Осудадило, ҳоли дили зор чӣ донӣ?
Хунхории ушшоқи ҷигархор чӣ донӣ?
Ҳаргиз нахалида ба кафи пои ту хоре,
Озурдагии синаи афгор чӣ донӣ?
Шаб то ба саҳар хуфта ба хилватгаҳи нозӣ,
Бехобии ин дидаи бедор чӣ донӣ?

Баҳсро шояд омӯзгор ба саволи зерин сар кунад: «Ҷомӣ дар матлаи ғазал ба осудадилон мурочиат кардааст. Шумо бигӯед, ки ӯ кист»?

Талаба: -Ман дар симои осудадил шахсеро мефаҳмам, ки сарватманд буда, молу сарвати зиёд дорад, зиндагиаш осуда аст.

Талабаи дигар: - Шоир шоҳу ҳокимони замонашро дар назар дорад. Онҳо ба айшу нӯш машғул шуда, аз аҳволи дигарон парвое надоштанд. Барои ҳамин Ҷомӣ ба онҳо хитоб карда эътироз баён мекунад ва мегӯяд, ки дигарон, яъне, бечорагон, ситамдидагон, бенавоёнро фаромӯш накун, ки онҳо оҳи дил доранд.

Муаллим боз бо саволи зерин ба аҳли синф мурочиат мекунад:

- Оё Ҷомӣ камбағал буд? Чаро камбағалону бечорагонро тарафдорӣ мекунад?

Талаба: -Мо аз тарҷумаи ҳоли Ҷомӣ медонем, ки ӯ камбағалу нодор набуд. Вале инсони бузург буд. Ҳангоме ки шахси муфлису гадо ва бенавоеро медид, рухаш зарду дилаш ноором мегашт. Барои ҳамин дар ҳар маврид ғамхору мададгори мазлумон буд.

Муаллим фикри хонандаро тасдиқ карда, таҳлили порчаи дигарро алоқамандона давом медиҳад…»[82,68].

Дар таҳлили порчаи шеърӣ матн сарчашмаи асосӣ асту андешаҳо бояд бо назардошти он баён шаванд. Чунончи, дар байти матлаъи ғазали мавриди назар маънии «осудадил»-ро бояд вобаста ба матн баён кард. Осудадил метавонад шахси сарватманду доро бошад, аммо муроди шоир дар ин байт маъшуқа аст, зеро дар мисраи дувум шоир аз «ушшоқ», яъне

ошиқон ҳарф мезанад. Маъшуқа аст, ки дар «хилватгаҳи ноз» хуфтаасту аз бетобию озурдагии синаи афгори ошиқ хабар надорад.

Тавре ки зикр намудем, мувофиқи талаботи методикаи таълими асари бадеӣ, матни ғазал сараввал бояд дурусту бехато ва ифоданок қироат шавад, зеро «дарки матн», ки марҳалаи аввали омӯзиши он аст, бидуни қироати саҳеҳи матн имконнопазир аст. Ин амал нахуст бояд аз ҷониби омӯзгор амалӣ шавад. Қироати матни ғазал аз ҷониби хонандагон диққати онҳоро бештар ба ғазал ҷалб мекунад. Ғазал дар баҳри ҳазаҷи мусаммани махбуни маҳзуф суруда шуда, вожаҳои «зор», «ҷигархор», «афгор», «бедор», «гирифтор», «кор», «дидор», «ҳушёр» калимаҳои қофия мебошанд ва ибораи «чӣ донӣ» радиф мебошад.

Марҳалаи дувум дар тафсири шеър бо шинохти калимаву таъбирҳои душвор ва дарёфти маънии онҳо шуруъ мешавад. Калимаи «осудадил» аз калимоти маъмул ва серистиъмол буда, дар луғат ба маънии «хотирҷамъ, беғам, фориғбол» аст. Аммо дар ин байт киноя аз маҳбуба аст, ки дил ба касе надодаву хотирҷамъу беғам аст ва аз ҳоли дили ошиқони ҷигархор бехабар аст. «Ушшоқ» ҷамъи ошиқ аст.Дарёфти санъатҳои бадеӣ ва таъбироти шоирона низ ба марҳалаи дувум, яъне «баҳодиҳӣ ба матн» дохил мешавад. Дар ин байт аксари калимот ба ҳамдигар инсиҷоми маъноӣ доранд. Санъати тазод дар калимоти «осудадил» ва «дили зор», осудадил, ки киноя аз дилбар аст бо ушшоқ, ки дилдода мебошад, дар айни тазоданд.

Омӯзгор метавонад, чунон ки муаллифони китоби «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» [82,68] пешниҳод кардаанд, дар кушодани ҳар як калима ва таъбироти шоирона бо иштироки фаъоли хонандагон суолу ҷавоб ташкил кунад. Масалан, «Чаро шоир ошиқонро ҷигархор гуфтааст?» Ва ё «дили зор» дар байт ба чӣ маънӣ омадааст?» ва ғайра.

Мустақилона маънӣ кардани байт аз ҷониби хонандагон аз талаботи МБТ аст. Хубтар аст, агар дар ибтидо хонандагон дар мавриди маънии байт изҳори назар кунанд. Омӯзгор бо шунидани маънии ироанамудаи хонандагон ва шарҳу тафсири ҷавобҳо дар якҷоягӣ бо хонандагон байтро

метавонад чунин маънӣ кунад: Эй инсоне, ки ошиқ нестию дил ба касе надодаӣ, ҳоли дили ошиқони ҷигарсӯхтаро аз куҷо медонӣ?»

Ҳамин тариқ, байтҳои дигари ғазал пай дар пай таҳлил мешаванд:

Шаб то ба саҳар хуфта ба хилватгаҳи нозӣ,
Бехобии ин дидаи бедор чӣ донӣ?!

Дар байти боло аксари калимаҳо фаҳмо ҳастанд, вале таъбироти шоиронаи «хилватгаҳи ноз» ва «дидаи бедор» бояд шарҳу тафсир шаванд. «Хилватгаҳ»- ҷои хилват, ҷои хосси касест, ки аз бегонагон холист. Шоир аз ин калима таъбири шоиронаи «хилватгаҳи ноз» сохтааст. Мурод аз «дидаи бедор» чашми бедор, чашмест, ки хоб надорад ва он киноя аз чашми шабзиндадори ошиқ аст. Омӯзгор метавонад дар кушодани маънии киноявии ҳар як таъбири шоирона фикри хонандагонро пурсад. Баъд аз шунидани ҷавоби хонандагон муаллим метавонад байтро чунин маънӣ кунад: Ту, эй маҳбубаи сангдил, ки  шаб то саҳар дар бистари ноз хобидаӣ ва чизе туро ба ташвиш намеоварад, аз куҷо ғаму ғуссаи ошиқони шабзиндадорро дарк мекунӣ?

Ҳаргиз нахалида ба кафи пои ту хоре,
Озурдагии синаи афгор чӣ донӣ?!

Ҳарчанд ҳама калимаҳо дар байти севум фаҳмоянд, аммо баъзе аз онҳо маънии киноявӣ доранд, ки омӯзгор бояд бо иштироки фаъоли хонандагон онҳоро равшан намояд. «Ба кафи пои касе хоре нахалидан», яъне касе, ки дар зиндагӣ ҳеч ранҷу машақате  надидааст. Агар хонандагон ба ин маънӣ мақолу зарбулмасалҳои  дигаре биёваранд, маънӣ дурустар ба зеҳнашон менишинад. Мурод аз «синаи афгор» дили маҷруҳу хаста ва ранҷкашидаи ошиқ аст. Маҳсули байтро чунин баровардан ба ҳақиқат наздик аст: Ту, эй маҳбубаи зебо, ки дар ҳарамсарои худ бо нозу карашма осуда хуфтаию аз ранҷу машаққати тариқати ишқ бехабарӣ, озору ранҷи дили хастаю ранҷури ошиқонро аз   куҷо медонӣ?

Эй фохта, парвозкунон бар сари сарвӣ,
Дарди дили мурғони гирифтор чӣ донӣ?!

Дар байти чаҳорум низ калимаҳо дар зоҳир фаҳмоянд, аммо бояд аз ин калимоти маъмулӣ, ки шоир таъбироти шоирона офаридааст, шарҳу тафсир шаванд. Сарв - номи дарахт, ки росту баланд аст ва қомати мавзуни маҳбубаро шоирон ба он ташбеҳ мекунанд. Фохта – кафтари ёбоӣ, ҳамон парандаи ёбоии хокистарранги аз кабӯтар хурдтар, ки дар гардан тавқи сиёҳ дорад ва онро куку ҳам мегӯянд. Муроди шоир аз «мурғони гирифтор» булбул-анделаб мебошад, ки рамзи ошиқ аст. Шоир одамони аз ишқ бехабаррро ба фохтаи озод, ки беғаму бепарво аз ин дарахт ба он дарахт парвоз мекунад, ташбеҳ карда, худро ба булбули ошиқ, ки гирифтори ишқи гул аст, монанд мекунад ва мегӯяд: Одамони аз ишқ бехабар монанди фохтаанд, ки бепарво аз дарахте ба дарахте парвоз мекунанд, аммо ошиқон мисли булбулонанд, ки дар ишқи гул нолаву фарёд мекунанд, фохта ба ҳеч ваҷҳ аз дарди дили булбули ошиқ хабар надорад. Инсоне, ки ба доми ишқ наафтодааст, аз дарди дили ошиқ бохабар буда наметавонад.

Кори дили риндони балодида бувад ишқ,
Эй зоҳиди мағрур, ту ин кор чӣ донӣ?!

Омӯзгор бояд ба хонандагон тавзеҳ диҳад, ки Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз шоирони ориф аст ва дар ҷаҳонбинии ӯ нақши ирфон, алалхусус тариқати нақшбандия, ки шиори онҳо «дил ба ёру даст ба кор» мебошад, бузург аст. Бидуни донистани ирфони ошиқона шеъри шоирро маънӣ кардан аз имкон берун аст. Дар ин байт ду мафҳуми калидии ирфони ошиқонаи Хуросон «ринд» ва «зоҳид» ба кор рафтаанд, ки дар ҷаҳонбинии ирфонӣ муқобили ҳаманд. Дар китоби Ш.Р. Исрофилниё «Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз» бо такя ба сарчашмаҳо ва китобҳои тадқиқотӣ вожаи ринд ҳам аз нигоҳи луғавӣ ва ҳам диди истилоҳии ирфонӣ батафсил шарҳ ёфтааст [144,113]. Ба таъбири содатар, ринд бо роҳи ишқу ошиқӣ мехоҳад ба маҳбуб пайвандад. Яъне, Худовандро ошиқона мепарастад ва барои расидан ба ӯ аз ду дунё, ҳатто аз биҳишту неъматҳои он даст кашидааст. Зоҳид мехоҳад бо роҳи тоату ибодат ризои Худовандро дарёбад ва ба неъматҳои биҳиштӣ сарафроз

гардад. Зоҳид, ки тамаи биҳишт дорад, аз назари ринди ошиқ риёӣ аст, яъне, тоату ибодаташ на барои ризои Худо, балки барои расидан ба неъматҳои биҳиштӣ аст. Ҳамчунин зоҳид мағрури тоату ибодати худ аст. Зоҳид, ки аз ишқ бӯе набурдааст, аз амали ошиқонаи риндони ошиқ бехабар аст[53,153].

Хонандагон синни калони мактабӣ бояд аз унсурҳои асосии ирфони ошиқонаи адабиёти форсу тоҷик огоҳ бошанд, зеро ашъори шоирони орифе монанди Шайх Аттору Ҷалолуддини Румӣ, Саъдию Ҳофиз, Камоли Хуҷандию Ҷомӣ ва Мирзо Бедил, ки таълими осорашон дар барномаи мактаб пешниҳод шудааст, бе донистани ирфон ғайриимкон аст. Хушбахтона, дар ин масъала асарҳои тадқиқотии зиёде иншо шудаанд. Ш.Р. Исрофилниё дар китоби худ «Сухани аҳли дил» ва шарҳҳое, ки ба ашъори Саъдию Ҳофиз навиштааст, бо забони сода, ки маҳз барои хонандагони мактаб нигаронида шудааст, масъалаи ирфонро шарҳ додаанд. Ин нукта низ қобили зикр аст, ки дар шеваи МБТ омӯзгору хонандагон бояд ба китоби дарсӣ маҳдуд нашуда, аз дастуру васоити таълимӣ ва дигар сарчашмаҳо истифода баранд.

Байти панҷуми ғазалро метавон чунин маънидод кард: Ишқу ҷонбозӣ кори риндони балокаш аст, ки дил ба маҳбуба додаву бо дарду ғами ишқ шоданд, на кори зоҳидоне, ки мағрури тоату ибодати хешанд. Эй зоҳиди мағрур, ту аз кори ишқ хабар надорӣ, беҳуда, дахолат накун!.

Нодида зи хоки раҳи ӯ куҳли басират,
Бо бебасарӣ  лаззати дидор чӣ донӣ?!

Дар байти боло калимаҳои «кӯҳл», «басират» ва «бебасар»-ро, ки бори маънӣ дар байт ба дӯши онҳост, бояд омӯзгор ҳамроҳи шогирдон бо истифода аз луғату фарҳангҳо шарҳ диҳад. «Кӯҳл» - сурма аст   ва «кӯҳлӣ»- мансуб ба кӯҳл, сурмаранг, сиёҳтоб мебошад. «Басират» ба маънии биноӣ, биниш ва «бебасар» ба маънии кӯр, нобиност. Байти шашум идомаи маънии байти панҷум аст. Ин ҷо мухотаби шоир  зоҳиди мағрур аст, ки дар байти қаблӣ зикр шудааст. Яъне, шоири риндваши ошиқ  дар хитоб ба зоҳид мегӯяд: Он ошиқе аз лаззати дидори ёр баҳравар мегардад, ки хоки

кӯйи маҳбубаро сурмаи чашмонаш кардаву ба ҳама ранҷу дарди ишқ собир бошад. Ту, эй зоҳид, ки таҳаммули бори ишкро надорӣ, бо чашми нобино чаро таманнои дидор мекунӣ?

Ҷомӣ, тую беҳушию ҷоми маю мастӣ,
Роҳу равиши мардуми ҳушёр чӣ донӣ?!

Байти мақтаъро низ монанди абёти дигар баъд аз дарёфти санъатҳои бадеию таъбироти шоирона шарҳ додан лозим аст. Бояд донист, ки дар байти мақтаъ сухани шоир ҷамъбаст мегардад. Агар байти мақтаъ дорои маънии олӣ ва хулосаи сухани шоир ҳунармандона ҷамъбаст шуда бошад, онро «ҳусни мақтаъ» мегӯянд. Абдураҳмони Ҷомӣ дар байти охир устодона бо истифодаи калимоти истиорӣ андешаҳои ирфонии худро ҷамъбаст кардааст. Омӯзгор бо ҳамкории шогирдон аз фарҳангу асарҳои тадқиқотӣ бояд маънии рамзии ирфонии «ҷом», «май» ва «мастӣ»-ро равшан намояд. «Ҷом» дар истилоҳ дили орифи солик аст, ки моломол аз маърифат аст» [144, 60]. «Май- дар истилоҳи орифон киноя аз ғалаботи ишқ аст» [144, 157] ва «Мастӣ дар забони орифон «ҳайрате аст, ки дар асари мушоҳидаи ҷамоли Дӯст (Худованд) бар солики соҳиби шуҳуд даст медиҳад» [144,153]. Омӯзгор бояд тавзеҳ диҳад, ки шоирони бузурги гузаштаи мо ба ҳеч ваҷҳ шаробнӯширо тарғиб накардаанд, балки маю мастӣ дар ашъори онҳо рамз аст. Агар дар ашъори шоирони ориф маю шароб ба маънии ишқи азалӣ ба кор рафта бошад, дар ашъори шоирони ғайрисӯфӣ май рамзи озодагӣ ва тарғиби зиндагии хушу сарбаландона аст.

Барои омода намудани хонандагон ба марҳалаҳои севуму чаҳоруми омӯзиши матн омӯзгор бо иштироки фаъоли хонандагон баъд аз шарҳу тафсири ғазал аз он натиҷагирӣ кунанд. Яъне, бо шарҳу тафсири ғазал хонандагон бояд ба салоҳиятҳое даст ёбанд, ки натиҷаи дониши андӯхта ва фаъолияташон мебошад.

Ғазали “Эй дар ин кохи амонӣ ба ғаму шодӣ банд» низ яке аз ғазалҳои ноби Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад, таълиму таҳлили мухтасари онро пешниҳод менамоем. Ғазал бояд аввал пурра қироат гардад ва баъд аз

дарёфти вазну қофия ва радифу ҳарфи равӣ, тибқи талаботи методикаи суннатӣ ғазал бояд байт ба байт шарҳу тафсир гардад.

Муайян намудани вазни шеър ва дарёфтани калимоти қофия, радиф ва ҳарфи равӣ низ дар дарки маънӣ ва таъйини ҳунари шоир нақши калидӣ доранд, ки ба марҳалаи аввал дохил мешаванд. Ш.Р. Исрофилниё бар он андеша аст, ки барои хонандаи мактаби миёна донистани ҳиҷоҳои арузӣ, қофияву радиф ва дарёфтани ҳарфи равӣ кофист. Баррасии хелҳои қофия, таъйини вазни шеър ва дигар масоили поэтикаи шеърро барои донишҷӯёни риштаи суханшиносӣ ва муҳаққиқони ин соҳа тавсия намудааст [190,146] . Мо низ ба андешаи мазкур комилан розием, аммо аз он сабаб, ки мураттибони барномаи таълими адабиёти тоҷик донистани вазни шеърро ҳатто барои синфи 5 зарур донистаанд (ки он ғайриимкон аст), омӯзгор ногузир аст талаботи барномаро иҷро кунад. Барои осон шудани кор мо вазни ғазалро низ муайян мекунем. Тибқи талаботи методикаи таълими каломи мавзун вазни шеърро пеш аз тафсири байти матлаъ муайян мекунанд:

Эй дар ин кохи амонӣ ба ғаму шодӣ банд,
Бандаи нафси худӣ, даъвии озодӣ чанд? [134,337]

Вазни ғазал рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ буда, калимоти қофия «банд, хурсанд, каманд, панд, қанд ва пайванд» мебошанд. Барои хонандагон аз донистани номи вазни ғазал тақтеъ ва муайян кардани ҳиҷоҳои арузии он муносибатар аст. Ба тариқи намуна мо байти аввалро тақтеъ ва ба ҳиҷоҳо ҷудо мекунем:

*Эй-да-рин-ко/-хи-а-мо-нӣ/ба га-му-шо/дӣ-банд.*
*Бан-да-и-наф/си-ху-дӣ-даъ/ви-и-о-зо/дӣ-чанд.*

*-у- -/уу- -/уу- -/- ~*
*-у- -/уу- -/уу- -/- - ~*

Омӯзгор бояд саъй намояд, то хонандагон ба чаҳор унсури асосии тахлили матн: **донад, тавонад, азхуд кунад ва дар амал татбиқ намояд** даст ёбанд. Масалан, дар мавриди шинохти калимоти қофия ҳеч зарурат надорад, ки омӯзгор таърифи мураккаби қофия, ки дар китобҳои

назарияи адабиёт дарҷ шуда ва муаллифони китоби дарсӣ онро айнан овардаанд, аз ёд намудани онро аз хонандагон талаб намояд. Тақозои МБТ дар мавриди мақсади таълим он аст, ки омӯзгор диққати хонандаро ба ҷиҳатҳои амалии муҳтавои таълим (мавзуъ) равона созад ва фаъолияти муваффақонаи онро дар ҳаёт таъмин кунад. Яъне, хонанда **донад,** ки калимоти ҳамоҳанги охири мисраъ ва байтҳоро қофия меноманд; хонанда бояд калимоти ҳамоҳанги охири мисраъу байтҳоро муайян карда **тавонад**; хонанда бояд унсурҳои асосии қофияро, ки ӯро дар шинохти калимоти қофия ҳидоят мекунад, **азхуд кунад.** Шарти асосии МБТ дар мавриди қофия он аст, ки дилхоҳ шеъре, ки ба хонанда пешниҳод мешавад, калимоти қофияи онро ташхис дода тавонад.Ба таъбири дигар, хонанда дониши дар мавриди қофия андухтаашро **дар амал тадбиқ намояд.**

Шарти дигар дар шеваи таълим ва шарҳу тафсири каломи мавзун шинохти калимоти душвори байт ва дарёфти маънии онҳост, ки ба марҳалаи дувуми омӯзиши матн, яъне баҳодиҳӣ ба матн дохил мешавад. Калимоти байти матлаи ғазали мавриди назар аксар шиносонд, вале ибораву таъбироти шоиронаи «кохи амонӣ» ва «бандаи нафс» ниёз ба шарҳ доранд. Омӯзгор бояд бо иштироки фаъоли хонандагон ибораҳои мазкурро шарҳ диҳад. Озмоиши педагогӣ нишон дод, ки хонандагон бо калимоти «кох» (қаср) ва «амонӣ» (амн, осоиш) ошно ҳастанд, вале дар шарҳи «кохи амонӣ» душворӣ мекашанд. Кохи амонӣ - қасри амну осоиш, киноя аз зиндагии серу пур ва фориғболонаи ин дунёист, ки инсонро асири худ кардааст. «Банда» - ба маънии ғулом ва «нафс» дорои чанд маънист, аз ҷумла тан ҷисм,зот, шахс, руҳ, равон. «Бандаи нафси худ будан» - ба маънии ғуломи ҳавасҳои нафсонии худ будан аст. Яъне, агар руҳ, ҷони инсон тобеи ҷисми ӯ бошад, пас чунин одам озодӣ надораду ғулом аст. Ба таъбири содатар, агар инсон аз пайи ҳавасҳои нафсониаш асту неку бад ва ҳалолу ҳаромро фарқ намекунад ва барои камолоти маънавии худ саъй намекунад, пас вай ғуломи нафси худ асту озод нест.

Шарти дигари таълими шеър дарёфтани корбурди санъатҳои бадеӣ, тасвироти шоирона ё худ сувари хаёл дар шеър аст, ки низ ба марҳалаи дувуми таҳлили матн шомил аст. Нахустин санъате, ки  дар ин байт ба назар мерасад, санъати киноя аст. «Кохи амонӣ», ки як таъбири шоирона мебошад, киноя аз кохнишин, қасрнишин, яъне  сарватманд будан аст. Калимаҳои «банда»-ю «озод», «ғам»-у «шодӣ» санъати тазоданд ва ҳамчунин санъати таносуб, инсиҷом дар байни калимоти байт хеле қавиянд, ки балоғату фасоҳати онро таъмин намудаанд.

Дар  таълими шеър донистани ҷаҳонбинии шоир низ муҳим аст. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аз шоирони ориф ва яке аз пешвоёни тариқати нақшбандия аст, ки таълимоти ин тариқати ирфонӣ дар ашъори ӯ ба назар мерасад. Омӯзгор бояд ин нуктаро дар назар дошта бошад ва унсурҳои асосии ин равияи ирфониро ба хонандагон фаҳмонад.

Баъд аз риоя кардани шартҳои таълими шеър ва иҷрои талаботи тахлили матн омӯзгор бояд ҳамроҳ бо хонандагон маънии байт бароварад ва мақсуди шоирро дарёбанд. Байтро метавон чунин маънӣ кард: Абдураҳмони Ҷомӣ ба сифати як шоири орифи вораста ба одамони сарватманд, ки қасрнишинанду аз дарду ранҷи дигарон ва расолати инсонӣ бехабаранд, хитоб мекунад: Эй инсоне, ки дар қасри осоиш зиндагонӣ мекунӣ ва даъво дорӣ, ки инсони озод ҳастӣ! То даме, ки ғуломи нафси худ ҳастӣ, озод нестӣ! Нафси саркашатро тобеи худ гардон, то озод бошӣ!

Ҳамин тариқ,  байтҳои дигари ғазал як-як вобаста ба ду марҳала ва чаҳор унсури таҳлили матн шарҳу тафсир мешаванд:

Пеши доно чӣ бувад мулки ҳама дунё ? Ҳеч!
Лофи дониш чӣ занӣ, эй ки ба ҳеҷӣ хурсанд!

Дар байти дувум ҳама калимаҳо барои хонандагон ошност ва ниёз ба шарҳу тафсир надоранд. Формулаи асосии натиҷаи таълим дар низоми таълими суннатӣ «чиро донистан»-и хонанда аст. Хонанда маънии ҳама калимоти байти болоро медонад. Аммо дар МБТ формулаи асосии натиҷаи таълим «кадом амалро иҷро карда тавонистан»-и хонанда

мебошад. Яъне, хонанда бояд аз байти боло, ки маънии ҳама калимаҳоро медонад, маънӣ баровардан тавонад. Омӯзгор бояд сараввал шарҳи байтро аз хонандагон талаб кунад. Табодули андешаҳо натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда метавонад. Ҷавоби хонандагон, ки талаботи МБТ онҳо ба андешидан вомедорад, яке дигареро комилтар мегардонад. Омӯзгор баъд аз шунидану баррасии ҷавоби хонандагон метавонад байти дувумро чунин маънӣ кунад: Шоир бар он андеша аст, ки одами оқилу донишманд ба молу милк ва сарвату давлати дунё ҳеч арзише қоил нест ва хитоб ба инсонҳое, ки хушбахтиро дар пулу мол медонанд, мегӯяд: Ту, ки саодати худро дар пулу моли дунё мебинӣ, чӣ лофу газофи доноӣ мезанӣ?

Риштаи саъй қавӣ кун, ки расидан натавон
Ба сари кунгури мақсуд, чу бигсаст каманд.

Дар байти боло ибраҳои «риштаи саъй», «кунгураи мақсуд» ва калимаҳои «қавӣ» ва «бигсаст» ниёз ба шарҳ доранд. Дар таълими анъанавӣ маводи асосии таълим китоби дарсӣ шинохта мешавад, ки мутаассифона, дар он на ҳама калимаҳо ва алалхусус таъбироти шоирона шарҳу тафсир шудаанд. Дар МБТ илова ба китоби дарсӣ маъхазҳои мухталиф, аз қабили луғату фарҳангҳо, донишномаҳо, асарҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва амсоли инҳо ба ҳайси маводи таълим мавриди истифода қарор мегиранд. Омӯзгор бо иштироки фаъоли хонандагон бо истифода аз сарчашмаҳо маънии луғавӣ ва киноявию маҷозии калимаву таъбироти шоиронаро муайян мекунад. «Риштаи саъй» - саъю кӯшиш, талош ба ришта ташбеҳ шудааст. Аз он ҷо ки ришта (саъю кӯшиш) зуд канда шуданаш мумкин аст, бояд онро қавӣ- мустаҳкам кард. Яъне, бисёр кӯшиш кард, то риштаи саъй каманд (ресмон) гардад. Кунгура-дандонаҳои болои девору қасрҳо, ки танҳо бо каманд (ресмон) балои он мебароянд. Шоир мақсад, талаб, муроди инсонро аз ҷиҳати баландию дастнорас буданаш ба кунгура ташбеҳ кардааст. Бигсаст, яъне, канда шуд.

Байти севумро метавон чунин хулоса кард: шоир бар он ақида аст, ки барои расидан ба муроду мақсади худ бояд саъю талоши зиёд ба харҷ дод ва хитоб ба ҷавони бетаҷриба мегӯяд, ки ресмони ғайратро мустаҳкамтар

банд (яъне, бештар саъю талош кун), ки агар ин ресмон  канда шавад (яъне, аз саъю кӯшиш бозмонӣ), ба қуллаи мақсад намерасӣ (яъне, ба муроду мақсадат намерасӣ).

Ба ҳамин минвол, омӯзгор бо иштироки фаъоли хонандагон абёти боқимондаи ғазалро баррасӣ намуда, аз онҳо натиҷагирӣ мекунад.

Оламеро зи ту панд аст, ки дар банди худӣ,
То ба кай баҳри халоси дигарон гӯӣ панд?

Маънии байт:  Эй он ки аз банди нафси бади худ халос нашудаӣ, то кай дигаронро насиҳат мекунӣ?  Аввал худро аз банди нафс халос кун, то дигарон ба панди ту гӯш диҳанд.

Лаб ба ҳар туъма маёлой, ки дандон шиканад
Бар сари хони фурӯмоя зи  полудаи қанд.

Дар байти панҷум калимаҳои «хон» ва «фурӯмоя» ниёз ба шарҳ доранд : «Хон»-дастархон, суфа ва «фурӯмоя» - инсони паст, хасис, сифла. Маънии байт: Шоири бузург насиҳат мекунад, ки ба даъвати ҳар касу нокас ба сари дастархони онҳо манишин, зеро луқмае, ки аз дастархони одами пасту хасис мехӯрӣ, рӯзе  миннат мекунад ва нони хӯрдаат заҳр мешаваду қандрезааш дандонатро мешиканад.

Санги озор мазан бар дили арбоби сафо,
К-омад осон шикани шишаву мушкил пайванд.

Муроди шоир аз «арбоби сафо» инсонони покдилу нексиришт, орифон монанди худи шоир аст. Маънии байт: Мардони поку озодаро озор надеҳ, ки пушаймон мешавӣ, монанди шиша, ки ба осонӣ мешиканад, вале  пайванди  он душвор аст. Яъне, дили инсонҳои поктинату хирадмандро маранҷон, ки пас онҳоро хурсанд кардан мушкил аст.

То писандида фитад таври ту, Ҷомӣ, ҳамаро,
Ҳар чӣ худро announcementнаписандӣ, дигаронро матписанд.

Ибораи «таври ту»  ба маънии  рафтору кирдори ту аст. Маънии байт: Эй Ҷомӣ, барои он ки рафтору кирдори ту ба ҳама писанд ояд, он чи  ба худ раво намедорӣ, ба дигарон низ раво мадор.

Баъд аз баррасии абёти ғазал хонандагон бояд аз муҳтавои умумии ғазал натиҷагирӣ кунанд. Масалан, дар синфи озмоишӣ, ки мо ин ғазалро таҷриба намудем, омӯзгор бо ҳамроҳии хонандагон чунин натиҷагирӣ карданд:

-Инсоне, ки пойбанди ҳавасҳои нафсонӣ аст, ба ҳеч ваҷҳ озод нест;

-Инсон замоне озод хоҳад буд, ки талаботи нафсонияш тобеи ӯ бошанд;

-Хирадманд касест, ки ба молу сарвати дунё дил намебандад ва умри азизи худро сарфи ҷамъоварии пулу моли дунё намекунад;

-Инсон дар сурате ба муроду мақсади хеш мерасад, агар азми қавӣ дошта бошаду саъй талош кунад;

-Ранҷондани инсонҳои нек гуноҳи бузург асту оқибат пушаймонӣ ба бор меоварад;

-Инсон бояд он чиро, ки ба худ раво намедорад, ба дигарон низ раво набинад.

Дар марҳалаи севум баъд аз натиҷагирӣ аз мавзуву муҳтавои ғазал хонандагон андешаҳои худро доир ба ғояи асосии ғазал ба тариқи шифоҳӣ вобаста ба замони ҳозира баён мекунанд. Дар марҳалаи чаҳорум, ки таҳияи матни худ аст, аз хонандагон талаб карда мешавад, ки андешаҳои худро доир ба ғояи ғазал ба тариқи хаттӣ баён кунанд. Ин марҳаларо хонандагон бо навиштани иншои кӯтоҳ ё худ эссе иҷро намоянд. Аммо ин иншо ё эссе набояд баёнгари мавзую муҳтавои ғазали таҳлилшуда бошад. Танҳо ғоя аз ғазали мавриди назар гирифта мешавад, аммо хонандагон матни нав, ки ҳосили андешаи худашон аст, пешниҳод мекунанд.

Бино ба қавли мутахассисон, «салоҳият таълим дода намешавад, он дар натиҷаи азхудкунии дониш ва тадбиқи амалии он ташаккул меёбад» [87,32]. Аз ин рӯ,фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим нақши калидӣ дорад, ӯ бояд раҳнамову ёрирасони хонандагон дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, мароҳили ташаккули малакаву маҳорат ва мушоҳидагару ташхискунандаи дараҷаи азхудкуниву донишу хиради онҳо бошад, то талабагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда даст ёбанд. Дар лаҳзаи

мустаҳкамкунии дониш, ки яке аз талаботи дарс дар низоми анъанавӣ асту саволҳо аксар вақт одиву муқарририянд, аз нигоҳи МБТ корагар нестанд.Саволҳои лаҳзаи мустаҳкамкунии дониш ҳатман бояд проблемавӣ бошанд, то хонандагонро ба андеша кардан водоранд. Ин амал метавонад хонандагон дар баёни андешаи мустақили худ мадад расонад ва ташаккули салоҳиятҳо дар ин сурат амалӣ мегардад.

Ғазали дигари шоир, ки дар барнома таълими он пешниҳод шудааст, бо байти зер оғоз мешавад:

Дило, зи қайди ҳарифони бехирад бигрез,
Ту мурғи зиракӣ, аз доми деву дад бигрез [134, 533].

Таълими ин ғазалро низ монанди ғазали аввал бо қироати саҳеҳу ифоданоки матн ва таъйини вазну қофияи он шуруъ мешавад, ки марбут ба марҳалаи аввали МБТ аст. Вазни ғазал мучтаси мусаммани махбуни аслам буда, калимоти қофия «бехирад, дад, бад, чад, ҳасад, адад, рад, х(в)ад» ва вожаи «бигрез», ки баъд аз калимоти қофия айнан такрор шуда меояд, радиф мебошад.

Талаботи дувум дар шеваи таълим ва шарҳу тафсири каломи мавзун шинохти калимоти душвори байт ва дарёфти маънии онҳост, ки марбут ба марҳалаи дувуми МБТ мебошад.Озмоиш педагогӣ нишон дод, ки хонандагон дар шарҳи калимаҳои «қайд», «ҳарифон», «дад» ва ибораҳои «мурғи зирак»-у «доми деву дад» душворӣ мекашанд. Ҳангоми шарҳи калимоти нофаҳмо илова бар китоби дарсӣ хонандагон бо роҳнамоии омӯзгор бояд аз фарҳангу луғатҳо низ истифода баранд. Дар таълими анъанавӣ маводи асосии таълим китоби дарсӣ шинохта мешавад, ки мутаассифона, дар он на ҳама калимаҳо ва алалхусус таъбироти шоирона шарҳу тафсир шудаанд. Дар МБТ илова ба китоби дарсӣ маъхазҳои мухталиф, аз қабили луғату фарҳангҳо, донишномаҳо, асарҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва амсоли инҳо ба ҳайси маводи таълим мавриди истифода қарор мегиранд. Истифодаи луғатҳои электронӣ мувофиқи мақсад аст. Хонандагон ба осонӣ ҳар як калимаи ноошноро аз планшет, ки нусхаи электоронии луғату фарҳангҳо насб шудаанд, пайдо мекунанд.

Омӯзгор дар ёфтани маънии калимаҳо бештар раҳнамоӣ мекунад ва хонандагон бо истифода аз сарчашмаҳо маънии луғавӣ ва киноявию маҷозии калимаву таъбироти шоиронаро муайян мекунад: «Қайд» - банд ё ресмоне, ки ба пой мебанданд, занҷир. «Ҳарифон» -ҳамнишинон, ҳамсуҳбатон. «Дад»- ҳайвони дарандаи ваҳшӣ. «Мурғи зирак» - парандаи доно, ки ба доми сайёд намеафтад. Шоир дили худро ба парандаи зираку доно ва ҳамнишинони бадро ба деву ҳайвони даранда монанд кардааст. «Қайди ҳарифони бехирад»- шоир бар он андеша аст, ки касе, ки ҳамсуҳбат ва ҳамнишини одамони бедонишу хирад аст, охир ба банди онҳо меафтад ва ҳамнишинӣ бо чунин одамон монанди афтодан ба доми деву ҳайвони ваҳшии даранда аст.

Талаботи севуми низоми суннатии таҳлили шеър муайян кардани корбурди санъатҳои бадеӣ, тасвироти шоирона ё худ сувари хаёл дар байт аст ва дар МБТ ба марҳалаи дувум дохил мешавад. Муҳимтарин санъате, ки дар байти матлаъ ба кор рафтааст, санъати ташбеҳ аст. Ташбеҳшавандаҳо «дил» ва «қайди ҳарифони бехирад» дар мисраи аввал ва ташбеҳкунандаҳо «мурғи зирак» ва «доми деву дад» дар мисраи дувум омадаанд.

Таъйини ҷаҳонбинии шоир, ки дар маънии шеър нақши калидӣ дорад, марбут ба марҳалаи дувум аст. Чунон ки зикраш рафт, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аз шоирони ориф ва яке аз пешвоёни тариқати нақшбандия аст, ки таълимоти ин тариқати ирфонӣ дар ашъори шоир инъикос ёфтааст. Омӯзгор бояд ин нуктаро дар назар дошта бошад ва ҳангоми таҳлили шеър ба ин масъала диққат диҳад ва агар зарурате пеш ояд, унсурҳои асосси ин тариқати ирфониро ба хонандагон шарҳ диҳад.

Тавъам бо иҷрои дастури методикаи шарҳу тафсири шеър ва талоботи МБТ омӯзгор ҳамроҳ бо хонандагон бояд маънии байтро равшан кунанд ва мақсуди шоирро дарёбанд. Байти матлаъро метавон чунин маънӣ кард: Абдураҳмони Ҷомӣ ба сифати як шоири орифи вораста ва хирадманди ботаҷриба ба ҷавонон маслиҳат медиҳад: Эй азизи дили ман, аз суҳбат ва ҳамнишинӣ бо касони бе илму дониш дурӣ

ҷӯй, зеро ҳамнишинӣ бо одамони бехирад монанди доми деву ҳайвоноти даранда аст, ки пойи туро ба ресмон мебандад. Ту ки монанди парандаи зирак доно ҳастӣ, то тавонӣ, аз доми девону ҳайвоноти ваҳшӣ бигурез!

Қабули суҳбати некон агар наӣ, боре
Яке бикӯшу зи ҳамсуҳбатони бад бигрез.

Ҳамаи калимоти байти дувум барои хонандагон ошност ва ниёз ба шарҳу тафсир надоранд. Формулаи асосии натиҷаи таълим дар низоми таълими суннатӣ «чиро донистан»-и хонанда аст. Хонанда маънии ҳама калимоти байти болоро медонад. Аммо дар МБТ формулаи асосии натиҷаи таълим «кадом амалро иҷро карда тавонистан»-и хонанда мебошад. Яъне, хонанда бояд аз байти боло, ки маънии ҳама калимаҳоро медонад, маънӣ баровардан тавонад. Мувофиқи талаботи МБТ омӯзгор бояд нахуст шарҳи байтро аз хонандагон тақозо намояд. Табодули андешаҳо натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда метавонад. Ҷавоби хонандагон, ки талаботи МБТ онҳо ба андешидан вомедорад, яке дигареро комилтар мегардонад. Омӯзгор баъд аз шунидану баррасии ҷавоби хонандагон ҳамроҳ бо эшон метавонад аз байти дувум чунин маънӣ бароварад: Шоир хитоб ба ҷавонони камтаҷриба мегӯяд: Эй писар, агар ту лоиқи суҳбати одамони нек нестӣ, лоақал, кӯшиш кун, ки ҳамнишину ҳамсуҳбати ашхоси бад набошӣ ва то тавонӣ, аз ин гуна ашхос дур бош!

Бас аст з-абҷади ишқ, эй писар, туро ин ҳарф,
Ки зикри аб макун, аз гуфтугӯи ҷад бигрез.

Дар байти боло ибораи «абҷади ишқ» ва калимаҳои «аб» ва «ҷад» барои хонандагон нофаҳмост ва муаллим бо иштироки хонандагон бояд маънии онҳоро шарҳ диҳанд. Хонандагон бояд аз шеваи кор бо луғату фарҳангҳо огоҳ бошанд, то калимаи мавриди назарро ба осонӣ аз фарҳанг ё луғат пайдо кунанд, ки аз талаботи асосии МБТ аст. «Абҷад» - номи ҳашт калимаи сохтаи арабӣ аст, ки дар онҳо ҳама 28 ҳарфи алифбои арабӣ ба тартиби ададӣ дохил шудаанд. Бояд зикр кард, ки дар мактабҳои қадим талабагон баъд аз саводи ибтидоӣ баровардан таълими асосиро аз «абҷадхонӣ» оғоз мекарданд. Абҷадхон ба маънии оғозкунанда, тозакор,

бетаҷриба аст ва муроди шоир аз «абҷади ишқ» - оғози ишқ, ибтидои ишқ, зинаи аввали тариқати ишқ аст. «Аб» ба маънии падар ва «ҷад» ба маънии бобо аст. Дар ин байт «абҷад»-и мисраи аввал бо «аб» ва «ҷад»-и мисраи дувум санъати ҷинос ҳастанд.

Пас аз шарҳи калимоту таъбироти шоирона ва дарёфти санъатҳои бадеӣ ва иҷрои методикаи шарҳу тафсири шеър, ки дар ибтидо зикр кардем, омӯзгор бо иштироки хонандагон аз байти мавриди назар натиҷагирӣ мекунад. Байти севумро метавон чунин маънӣ кард: Эй писар, ки ба водии муҳаббат тоза қадам ниҳодаӣ ва дар ин ҷода бетаҷриба ҳастӣ, бидон, ки дар тариқати ишқ зикри падару гуфтугӯ аз бобо суд надорад, яъне, наҷибзодагиат дар ин ҷо ба кор намеояд, тафохури бефоида аз падару боборо фаромӯш куну аз он дурӣ ҷӯй, бояд бо мароми дили пок ба роҳи ишқ қадам ниҳӣ.

Гурехтан зи ҳасад то ба кай зи аҳли сафо?
Агар сафои диле дорӣ, аз ҳасад бигрез.

Таъбироти шоиронаи «аҳли сафо» ва «сафои дил» ниёз ба шарҳ доранд. Бояд зикр кард, ки шарҳи чунин таъбироти шоирона дар фарҳангу луғатҳои маъмулӣ вуҷуд надоранд. Фарҳангҳои махсусе, монанди «Фарҳанги киноёт», «Фарҳанги шеърӣ» ва «Фарҳанги мухтасари адабиёт» ҳастанд, ки дар онҳо киноёту таъбироти шоирона шарҳу маънӣ шудаанд. Омӯзгор бояд доир ба ин фарҳангҳо маълумот дошта бошад ва шеваи корбурди ин фарҳангҳоро ба хонандагон ёд диҳад. «Аҳли сафо» -. онҳо, ки дили софу беолоиш доранд, мурод орифон, ошиқон. «Сафои дил» доштан - ба маънии дили софу беолоиш ва холӣ аз ҳирсу ҳавас доштан аст. Аз байти боло чунин маънӣ мебарояд: Шоири ориф хитоб ба ҷавони бетаҷриба мегӯяд: Чаро ба аҳли сафо - одамони поктинат ҳасад мебарию аз онҳо худатро дур мегирӣ. Агар хоҳӣ, ки ба мурод бирасӣ, бухлу ҳасадро аз худ дур куну ҳамнишину ҳамдами пирони рӯзгордида ва равшанзамир бош!

Ҳамин тариқ байтҳои боқимондаи ғазалро низ ба тарзу шеваи дар боло зикршуда метавон шарҳу тафсир карду бо иштироки фаъоли хонандагон аз онҳо натиҷагирӣ кард.

Мадеҳ ба роҳати фонӣ ҳаёти боқиро,
Ба меҳнати ду-се рӯз аз ғами абад бигрез.

Маънии байт: Шоир хитоб ба ҷавонон мегӯяд: Зиндагиро ғанимат дону коре кун, ки номи некат боқӣ монад, айшу ишрати дурӯза гузарон аст, меҳнат кун, то аз ғаму ранҷи абадӣ халос ёбӣ.

Чу нест хосияте дар қабулу радди касон,
На бар қабул кун иқболу не зи рад бигрез.

Маънии байт: Шоири бузург ҷавононро насиҳат мекунад, ки «таърифу тавсиф ва бадгӯии касон суде надорад, ту на аз таърифи дӯстон хурсанд бошу на аз бадгӯии душманон ғамгин, аз пайи кори неки худ бош».

Хамирмояи ҳар неку бад туӣ, Ҷомӣ,
Халосӣ аз ҳама мебоядат, зи худ бигрез.

Дар байти мақтаъ калимаи «хамирмоя»-ро бояд шарҳ дод, ки калиди маънии байт дар он нуҳуфта аст. «Хамирмоя» - ба маънии хамири туруш, ки онро бо орду обу намак омехта хамир тайёр мекунанд, аммо ин ҷо ба маънии маҷозии асос, асл, сиришт, моҳият омадааст. Шоири бузург тибқи талаботи жанри ғазал, ки аслан тахаллус дар байти мақтаъ зикр мешавад, хитоб ба худ мегӯяд: Сарчашма ва асоси ҳар ҳодисаи баду нек ба худи кас вобаста аст. Эй Ҷомӣ, агар хоҳӣ, ки аз бадиҳо амон ёбӣ, аввал худ аз бадиҳою хислатҳои ношоиста даст бикаш.

Пас аз шарҳу тафсири ғазал хонандагон бояд аз муҳтавои умумии ғазал натиҷагирӣ кунанд, то ба иҷрои марҳалаҳои севуми чаҳорум омода гарданд. Мо ба тариқи намуна аз ғазали матраҳшуда натиҷагирӣ мекунем. Хонандагон метавонанд аз ҳар ғазали мавриди таҳлил қарор гирифта натиҷагирӣ кунанду бардошт ва андешаи худро дошта бошанд:

-Инсон бояд аз ҳамнишинӣ бо ашхоси бад ва бедонишу хирад дурӣ ҷуяд;

- агар худро лоиқи суҳбати мардони хирадманд намедонӣ, лоақал аз ҳамнишинӣ бо одамони бадкор дурӣ кун;

- фахр бо падару бобо ва ифтихор аз наҷибзодагӣ кардан дар ойини ҷавонмардон қабул нест;

- мабодо, ки аз бухлу ҳасад аз суҳбати мардони равшанзамир дурӣ ҷӯӣ, агар дили поку нияти холис дорӣ,  бухлу ҳасадро аз дил берун кун;

- инсони бохирад набояд ба айшу ишрати дурӯза хушнуд бошад, бояд меҳнат кард, то аз ғами абадӣ халосӣ ёфту аз худ номи нек боқӣ гузошт;

- аз таърифу тавсифи дӯстону бадгӯии душманон ҳеҷ суде нест, набояд аз таъриф шод шуду аз танқид ғамгин гашт;

-  асли ҳама ҳаводиси неку бад ба худи одам вобаста аст, агар мехоҳӣ аз бадиҳо дар амон бошӣ, худро аз хислатҳои разила дур дор.

Тавре ки мушоҳида намудем, хонандагон ҳамон вақт ба  салоҳият даст меёбанд, ки дониши андӯхтаашонро дар амал татбиқ намоянд. Аз ин рӯ, дар марҳалаи севум хонандагон бояд баъд аз натиҷагирӣ аз ғазал андешаҳои худро доир ба ғояи асосии ғазал ба тарзи шифоҳӣ баён доранд. Омӯзгор бояд дар раванди таълим раҳнамову ёрирасони хонандагон дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, мароҳили ташаккули малакаву маҳорат ва мушоҳидагару ташхискунандаи дараҷаи азхудкуниву донишу хиради онҳо бошад, то талабагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда даст ёбанд.

Марҳалаи чаҳорум, ки таҳияи матни худ аст, салоҳияти эҷодкории хонандагонро равнақ медиҳад. Агар дар марҳалаи севум хонандгон бардошти худро аз ғазали матраҳшуда шифоҳӣ баён кунанд, дар марҳалаи чаҳорум дар асоси ғояи матн пиндору тахайюлоти худро ба тарзи хаттӣ пешниҳод мекунанд. Агар дар синф барои иҷрои марҳалаи чаҳорум вақт нарасад, хонандагон онро дар хона иҷро мекунанд, аммо муҳокимаи он дар синф бояд амалӣ гардад.

Шеваи натиҷагириро мо дар ду ғазали боло нишон додем.Дар марҳалаи севум хонандагон бардошташонро аз ғояи аслии ғазал ба тариқи шифоҳӣ баён мекунанд. Дар марҳалаи чаҳорум, ки таҳияи матни худ аст, бо такя ба ғояи ғазал хонандагон андешаҳояшонро дар шакли эссеи кӯтоҳ

хаттӣ пешниҳод менамоянд. Ба ҳамин минвол омӯзгорон метавонанд ду ғазали дигар «Мехиромад сӯйи бӯстон шоҳиди раънои гул» ва «Ид шуд, ҳар кас зи ёре идие дорад ҳавас»-ро, ки дар барномаи синфи 9 пешниҳод шудааст, шарҳу тафсир кунанд.

Тавре ки зикр намудем, дар ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ андешаҳои панду ахлоқӣ, ки дар баланд бардоштани маърифати ахлоқии хонандагон муассир бошад, хеле зиёданд. Омӯзгор имкон дорад ба ҷои ин ғазалҳо ғазалҳои дигарро интихоб кунад. Ҳифз намудани ғазалҳо ба манфиати кор аст. Муаллим метавонад вобаста ба натиҷагирие, ки хонандагон баъд аз шарҳи ғазалҳо карданд, кори эҷодӣ супориш диҳад. Ин ҳама ба масъулияти хонандагон ва мустақилияти онҳо таъсир мерасонад.Таҳқиқи мавзуъ ва озмоишҳои педагогӣ дар МТМУ собит намуданд, ки шарҳу тафсири ғазалҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси таърихи адабиёт вобаста ба МБТ нисбат ба низоми суннатии таълим самараи бештар дода метавонад. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар усули МБТ аз методикаи суннатии таълими ғазал комилан даст кашем, зеро баъзе талаботи МБТ бо методикаи суннатии шарҳу тафсири шеър тавъам буда, риояи онҳо заруру ҳатмӣ аст. Ин нуктаро низ бояд таъкид кард, ки на ҳама ғазалҳои пешниҳодшудаи шоир дар барнома ба синну соли хонандагон мувофиқат мекунад. Дар девонҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ғазалҳои зиёде ҳастанд, ки аҳамияти бузурги тарбиявӣ доранд ва дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон нақши муассир бозида метавонанд. Мураттибони барнома бояд ин нуктаро ба назар гиранд ва аз он ҷо, ки МБТ имкон медиҳад, ки омӯзгор мавзуъ ва мундариҷаро иваз кунад, метавонад ғазали мувофиқи мақсадро интихоб намояд.

## III.3. Методикаи таълими асарҳои ҳамосии Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси таърихи адабиёт

### III.3.1. Методикаи таълими достони “Юсуфу Зулайхо”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9

Мураттибони «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1» (2007) дар мавриди таълими достони «Юсуфу Зулайхо» дар курси таърихи адабиёт (синфи 9) чунин супориш додаанд: «Мазмуни достони «Юсуф ва Зулайхо». Заминаҳои пайдоиши сужети достон. Таҳлили нақшҳои Юсуф, Яқуб ва Зулайхо» [27,51]. Агар омӯзгор танҳо бо нақли мазмуни достон, заминаҳои пайдоиши достон ва таҳлили образҳои Юсуфу Яъқуб ва Зулайхо қонеъ шавад, аз ин дарс хонандагон чизи тоза гирифтан наметавоннд ва ба ҳеч салоҳияте ноил намегарданд. Чунон ки аз методикаи таълими осори ҳамосӣ бармеояд, хонандагон пеш аз он ки достонро таҳлил намоянд, бояд онро хонда бошанд. Асарро нохонда таҳлил кардан монанди он аст, ки дар бораи нон хонанда ҳама чизро медонад (яъне аз гандум тайёр шудани нону аз осиёб гузаронидан, хамир кардан ва ғайра), вале худи нонро надидаасту нахӯрдааст. Вақте ки хонандагон достонро хондаанд, дарс низ шавқовар мегузарад ва самараи хуб медиҳад. Омӯзгор дар ибтидои омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ бояд супориш диҳад, ки хонандагон ҳатман достонҳои «Юсуфу Зулайхо», «Хираднома и Искандарӣ» ва дигар асарҳои шоирро, ки дар барнома пешниҳод шудаанд, мутолиа намоянд.

Талаботи МБТ дар мавриди маводи таълим тақозо мекунад, ки омӯзгор бояд қаблан мушаххас кунад, ки дар ин дарси адабиёт кадом салоҳиятҳоро ташаккул додан имкон дорад. Масалан, дар мавриди мавзуи «Достони Юсуфу Зулайхо» хонандагон чиҳоро бояд донанд, тавонанд, аз худ кунанд ва дар амал татбиқ намоянд, ки дар оянда барои онҳо зарур бошад. Ба таъбири дигар, муаллим аз достони мавриди назар бояд донад, ки кадом ҷиҳатҳои он барои хонандагон лозим асту онҳо бояд аз достон чиро донанд, фаҳманд ва иҷро кунанд. Яъне, бо донистани мазмуни

достону заминаҳои пайдоиши он ва таҳлили образҳо мурод ҳосил намешавад.

Муаллим метавонад салоҳиятҳои адабиро аз мавзуи «Достони «Юсуфу Зулайхо» ба тариқи зер ба нақша гирад:

| **Мавзуъ: Достони “Юсуфу Зулайхо”-и Абдураҳмони Ҷомӣ** | | |
|---|---|---|
| **Гурӯҳбандии мавзуъҳо / проблемаҳо** | **Салоҳияти адабӣ** | **Зарурат [барои чӣ?, дар кучо истифода мебарад?]** |
| Муҳтавои достони “Юсуфу Зулайхо” | Салоҳияти баёни муназзам, пай дар пайи воқеаҳо, риояи тартиби вуқуи ҳаводис ҳангоми нақл; салоҳияти муқоисаи воқеаҳои асотирӣ, таърихӣ, динӣ ва шарҳи таъсири онҳо ба зиндагии ҷомеаи кунунӣ | Таҳлили рафтору кирдор ва дигар муносибатҳои одамон дар зиндагии имрӯза, таҳлил ҳодисаҳои иҷтимоию сиёсӣ дар гузашта ва муқоисаи он бо ҳаводиси имрӯза. |
| Таҳлили образҳои асосии достон | Салоҳияти таҳлили зиндагиномаи шахсиятҳои асотирӣ, таърихӣ, динӣ ва таъсири онҳо ба иҷтимоишавии шахс; Салоҳияти баҳодиҳӣ ба рафтори инсон аз рӯйи таҳлили асари бадеӣ[шеър], баҳои субъективӣ ба рафтор; | Таҳлил, мувоҷеҳи рафтори худ дар ҷамъият, хулосабарорӣ; мавқеи худро муайян намудан нисбат ба воқеаҳои иҷтимоии замон ва сиёсии замон |
| Сарчашмаҳои пайдоиши достон, андешаҳои ахлоқӣа тарбиявии шоир дар | Салоҳияти огоҳона истифода намудани калимаҳои хоси адабиёти классикӣ вобаста ба замони воқеаҳо, корбурди | Баёни фикр дар чорабиниҳо, ҷамъомадҳо, мубоҳисаҳо?<br><br>Ташаккули фикррнонии |

| | | |
|---|---|---|
| достон | калимаҳои адабии китобӣ ва муродифҳои онҳо ҳангоми баёни фикр;<br>Салоҳияти истифодаи суханони ҳикматнок дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ;<br>Салоҳияти асоснок кардани андешаи худ, ҷонибдорӣ, инкори фикри ҳамсуҳбат | мантиқӣ;<br>Ташаккули худшиносӣ, ҳуввият ва фарҳанги миллӣ; |
| Забону услуби асар, ғоя ва ҳунаи шоир | Салоҳияти маърифат кардани асари бадеӣ;<br>Салоҳияти дарк ва баҳодиҳӣ ба каломи бадеъ; | Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба зуҳурот дар муҳити зист, истифодаи сухани образнок, бамавқеъ дар чорабиниҳо, ҷамъомадҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ |

Дар мавриди таълими достони «Юсуфу Зулайхо» омӯзгор метавонад аз аёниятҳои зиёде истифода барад. Илова бар китоби шоир, минётураҳое, ки аз мазмуни достон наққошӣ шудааст, филми «Паёмбар Юсуф» хеле муфид буда метавонад. Ин филмро аксари хонандагон тамошо кардаанд. Имкон дорад, ки муаллим тамошои колективонаи филмро ташкил кунад. Саволу ҷавоб баъд аз тамошои филм ва муқоисаи он бо матни достон имкон медиҳад, ки хонандагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда даст ёбанд. Саволҳои омӯзгор бояд созанда ва проблемавӣ бошанд, ки хонандагонро маҷбур кунад, то дар бораи достон, ки ҳам хонданду ҳам тамошо карданд, амиқ андешанд. Ба тариқи намуна муаллим метавонад чунин саволҳоро пеш гузорад:

1. Оё Юсуф метавонист дар ватанаш-Канъон рисолати худро иҷро кунад?
2. Оё муҳит метавонад дар ташаккули шахсият муассир бошад?

3. Бахшида шудани бародарон аз ҷониби Юсуф ба кадом хислати ӯ далолат мекунад?
4. Оё зарур аст аст, ки Юсуф баъд аз ин қадар сахтиҳо кашидан ба мақоми баланд расад?
5. Оё барои расидан ба камолоти маънавӣ зарур аст, ки инсон сахтиҳову ранҷҳоро таҳаммул кунад?
6. Образҳои асосӣ - Юсуф, Зулайхо ва Яъқуб чӣ рамзу намодро ифода мекунанд?
7. Ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати образи Зулайхоро шарҳ диҳед?
8. Агар шумо ба ҷойи Юсуф мебудед, бародаронро мебахшидед?
9. Кадом амалҳояш Юсуфро ба мартабаи баланд расонданд?
10. Кадом амали Зулайхо сабаби растагорияш шуд?
11. Аз достон чӣ натиҷа гирифтед?

Ҷавоби ин суолҳо хонандагон маҷбур месозад, ки ҳар як лаҳзаи достонро пеши назар оваранд, рафтори персанажҳоро таҳлил кунанд ва худ хулоса бароранд. Ин ҳама имкон медиҳад, ки хонандагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда ноил гарданд. Бино ба таъкиди мутахассисон, ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ дар дарси адабиёт дар чаҳор марҳала сурат мегирад: дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйир додани матн ва таҳияи матни худ [206,64]. Ба саволҳои боло хонанда ҳамон вақт ҷавоб ёфта метавонад, ки матни асарро дарк карда бошад. Яъне, хонандагон бояд матни асарро бодиққат ва бошуурона мутолиа кунанд. Баҳодиҳӣ ба образҳои асосӣ, баррасии персонажҳо (монанди бародарони Юсуф) ва забону услуб ва алалхусус тасвирҳои шоиронаи адиб дар достон шароит фароҳам меоварад, то хонандагон ба достон баҳои воқеӣ диҳанд.

Дар ду марҳалаи аввал -дарки матн ва баҳодиҳӣ ба матн хонанда аз доираи матни достон берун намеравад. Яъне, дар ин ду марҳалаи нахуст хонандагон бо мазмуни достон ошно мешаванд, калимоти душвори онро аз луғату фарҳангҳо меёбанду шарҳ медиҳанд, вобаста ба раванди сужети достон онро ба қисматҳо ҷудо мекунанд (оғози достон, гиреҳбандӣ (рабт), инкишофи воқеаҳо, авҷ (кулминатсия)-и воқеаҳо), гиреҳкушоӣ (қатъ). Ин

ҳама имкон медиҳад, ки хонандагон мақсади адибро дарк кунанду ғояи асарро ташхис диҳанд.

Ҳамаи достонро дар дарс таҳлил кардан аз имкон берун аст. Омӯзгор набояд ба китоби дарсӣ, ки маълумоти умумии мухтасар дар бораи сужету образҳои он додаанд, маҳдуд гардад. Достони “Юсуфу Зулайхо”, ки бо матни маснавии “Субҳат-ул-аброр” дар ҷилди чаҳоруми “Осор”-и Абдураҳмони Ҷомӣ омадааст, бояд чун сарчашмсаи асосӣ дар дарс мавриди таҳлил қарор гирад. Дар раванди дарс омӯзгор бояд ҳар як ҷузъиёти достонро зери  назар дошта бошад. Яъне дарсро тавре ба роҳ монад, ки хонандагон ҳар як чузъи асосии достонро ба дурустӣ дарк кунанд ва хулосаи дуруст бароваранд. Омӯзгор мухтасар дар бораи достон маълумот медиҳад ва раванди дарсро чунон ташкил кунад ва ҳеч як далеле, ки  марбут ба достон аст, канор намонад: Достони «Юсуфу Зулайхо»  бо шаҳодати муаллифи он, соли 886 ҳаҷрӣ-1483 милодӣ таълиф шуда, аз 4000 байт иборат мебошад. Қиссаи “Юсуфу Зулайхо” аз қадим вуҷуд дошт ва қабл аз ислом ҳам дар радифи дигар  қиссаю  достонҳоии ошиқона вирди забонҳо буд. Қадимтарин сарчашмаҳое, ки оид ба ин қисса маълумот медиҳанд, китобҳои “Таврот»  ва  “Қуръон” мебошанд.  Дар асарҳои адибони форсу тоҷик, ҳамзамон дар адабиёт ва эҷодиёти шифоҳии мардумони  Шарқ, Кавказ, Осиёи Миёна ва баъзе  кишварҳои Ғарб низ ишқу муҳаббати  шурангези Юсуфу Зулайхо ёдоварӣ шуда, ба забонҳои гуногуни дунё як силсила достонҳои  манзуму мансур эҷод гардидаанд.

Сарфи назар аз истифодаи мазмуни мухтасар аз китобҳои номбаршуда «Юсуфу Зулайхо»-и Ҷомӣ достони мустақилу мукаммал ва зодаи табъу қалами тавонои ӯст. Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам мазмуни асосии достонро аз сураи дувоздаҳуми “Қуръон”  ва  тафсирҳо истифода намудааст, аммо баъзе лаҳзаҳоеро, ки дар сураи “Юсуф” ва дигар достонҳои ҳамном омадааст, сарфи назар кардааст. Дар ин достон  муносибатҳои  ошиқон, ҷаҳони ботинӣ ва шавқу шури онҳо бо ҳунари баланд тасвир шуда, дар бораи одаму одамгарӣ, усули кишвардорию халқпарварӣ андешаҳои судманд баён гардидаанд. Маҳз ҷанбаҳои ҳикматӣ ва андешаҳои сиёсию

иҷтимоии Ҷомӣ дар ин достон онро аз дигар достонҳои дар ин мавзуъ навишташуда фарқ мекунонад.

Яке аз сабабҳои ба ин қисса рӯ овардани Ҷомӣ, чунон ки худи шоир мефармояд, ҳусни беназири Юсуф ва Зулайхо будааст. Қаҳрамонони асосии он Юсуф ва Зулайхо мебошанд. Ғайр аз ин дар достон падари Юсуф-Яъқуб, бародарони Юсуф, сардори корвон, падари Зулайхо, доя, Азизи Миср, подшоҳи Миср, занони Миср, меъмор, рассом ва дигарон ширкат мекунанд, ки фаъолияти онҳо барои такмили ин ду образи асосӣ равона гардидааст.

Мазмуни мухтасари достон: Яъқуб дувоздаҳ фарзанд дошт. Номи фарзанди хурдиаш Юсуф буд. Юсуф ҳам ҳусни беназир ва ҳам ақлу фаросати баланд дошт. Аз ин рӯ, Яъқуб ӯро бисёр дӯст медошт. Дигар бародарон аз ин кори падар рашк карданд ва бо маслиҳати якдигар Юсуфро ба саҳро бурда, ба чоҳ андохтанд. Дар ин ҳангом корвоне аз мағриб ба Миср мерафт. Корвониён ба чоҳ расида, хостанд, ки об бигиранд, вале аз чоҳ ба ҷойи об бо ресмон Юсуфро кашида мегиранд. Сарвари корвон Молик Юсуфро ба Миср меорад ва ҳамчун ғулом дар бозор мефурӯшад. Духтари шоҳи Мағрибзамин - Зулайхо бо маблағи зиёде ӯро мехарад. Зулайхо, ки дар хоб ошиқи Юсуф шуда буд, вайро дида, боз ҳам ошиқтару шефтатар гардид. Ӯ барои расидан ба висоли Юсуф чораҳо меҷуст. Аммо Юсуф бо ҳар баҳона худро аз Зулайхо канор мегирифт. Зулайхо бо мақсади Юсуфро ба худ моил кардан қасри бошукӯҳе сохт, ки дар он сурати Юсуф ва Зулайхо кашида шуда буд. Вай бо макру фиреб Юсуфро ба хонаи ҳафтуми қаср овард. Ҳар дам мехост, ки Юсуфро ба оғӯш гирад, вале Юсуф ба ҳар васила хоҳиши занро рад мекард. Ҳангоме ки Юсуф аз Зулайхо мегурехт, ӯ аз қафо домани Юсуфро пора месозад ва дар назди Азизи Миср ба Юсуфро ба хиёнат гунаҳкор мекунад. Юсуфро ба зиндон меандозанд. Зулайхо аз кардааш пушаймон гашта, ба ёди Юсуф ғам мехӯрду нолаю фиғон мекунад ва оқибат пир ва нобино мешавад.

Юсуф дар зиндон хоби подшоҳи Мисрро таъбир менамояд ва шоҳ ӯро аз зиндон озод карда, мақоми азизии Мисрро ба ӯ месупорад. Азизи Миср

- шавҳари Зулайхо вафот мекунад. Зулайхо танҳо мемонад. Дар ин айём Юсуф подшоҳи Миср буд. Боре Юсуф бо лашкараш аз роҳе мегузашт, ки Зулайхоро мебинад. Зулайхо аз Юсуф имдод талабид. Баъд аз дуои Юсуф Зулайхо боз ҷавону зебо шуд ва ба висоли Юсуф мушарраф гардид. Юсуф ва Зулайхо зану шавҳар шуданд. Пас аз мудате Юсуф вафот кард ва Зулайхо низ дар ғами Юсуф ҷон дод.

Дар достони Ҷомӣ «Юсуфу Зулайхо» ду образи барҷастаи бадеӣ офарида шудааст, яъне образи Юсуф ва дигаре образи Зулайхо. Юсуф инсони сабур, бурдбор, поку озода, хештандор, шикастанафс, дурандеш, самимӣ, ғамхору дилсӯз, оқилу одил буда, бо ҳамин сифатҳои наҷибаш хонандаро мафтун месозад. Юсуф ҷавони зебою хирадманд аст, аммо ғуруру такаббур надорад, боадаб ва бошарму ҳаёст, нисбат ба одамон эҳтиром ва муҳаббат меварзад, ишқи ҳақиқиро аз ҳавою ҳавас фарқ мекунад, ба роҳи каҷу хато намеравад, корҳои мамлакатро бо ақлу заковат, ба манфиати халқу ватан анҷом медиҳад. Юсуф барои он ишқи сӯзони Зулайхоро рад намуд, ки покниҳод, тарбиятдида, хушахлоқ ва ҳақшинос буд, ба хотири некиҳои Азизи Миср ба хиёнат роҳ надод. Юсуф ҷавонмарди оқилу доно буда, дар ҳафт соли қаҳтию гуруснагӣ, ки кишварро фаро гирифта буд, мардумро аз хатари маргу нобудӣ наҷот дод ва барои халқ шароити муътадили зиндагӣ фароҳам овард.

Образи Зулайхо низ ҷолиб, вале мураккабу пурзиддият аст. Ӯ ба мисли ҳар як инсони хокӣ дорои хислатҳои мусбат ва манфӣ мебошад, Зулайхо зани оқилаву доно, мубориза ҳаётдӯст ва дар роҳи ишқ устувору вафодор аст. Ӯ дар ишқи Юсуф ранҷу азоби зиёде мекашад, ба ҳар душворию машаққат тоб меорад ва оқибат бо устуворию ҷасурӣ, сабурию пуртоқатӣ ва садоқату вафодории худ ба мақсад мерасад.

Ҳамин тавр, достони Абдураҳмони Ҷомӣ «Юсуфу Зулайхо» аҳамияти зиёди адабию бадеӣ, зебописандӣ ва таълимию тарбиявӣ дорад. Равиши воқеаю ҳодисаҳо, рафтору кирдор, муомилаю муносибат ва фикру андешаҳои қаҳрамонон дар достон басо устодона тасвир шудаанд. Мароми зиндагии Юсуф, фикру зикри ӯ, муносибати ӯ ба Зулайхо ба бародарони

бераҳму сангдилаш, тарзи кишвардории ӯ ва ғайра ҳамагӣ пандомӯзанд ва хонандаро ба роҳи рост ҳидоят мекунанд.Ҳангоми таҳлили ин достон методи муқосиа хеле  муассир буда метавонад. Агар омӯзгор бо ҳамроҳии хонандагон достони «Юсуфу Зулайхо»-и Ҷомиро бо дигар достонҳои ҳамном ва алалхусус, филми «Пайғомбар Юсуф» дар муқоиса таҳлил кунанд, хубтар аст.

Дар марҳалаи аввал баъд аз нақли сужети достон, қироати достонро аз фасли «**Дастаи гул аз чамани фазоили сухан чидан ва риштаи тамом сабаби назми китоб бар он печидан**» шуруъ кардан мувофиқи мақсад аст. Дар ин фасл баъд аз тавсифи сухан шоир сабаби эҷоди достонро баён мекунад. Ҳангоми таҳлили достон омӯзгор бояд диққати хонандагонро ба байтҳое, ки дар онҳо андешаҳои ахлоқӣ ва тарбиявии шоир баён шудаанд, бештар ҷалб кунад. Масалан, дар ин фасл шоир дар бораи фазилатҳои сухан ҳарф мезанад, ки аҳамияти бузурги  маърифатӣ доранд:

Сухан дебочаи девони ишқ аст,
Сухан навбоваи бӯстони ишқ аст.
Хирадро кору боре чун сухан нест,
Ҷаҳонро ёдгоре чун сухан нест.
Ба олам ҳар чӣ аз навву куҳан зод,
Чунин гӯяд сухандон, к-аз сухан зод…[139,149].

Ҳамчун ин дар ин фасл шоир сабаби эҷоди достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро баён мекунад:

Куҳан шуд давлати Ширину Хусрав,
Ба Ширине нишонам Хусрави нав.
Сар омад давлати Лайлию Маҷнун,
Каси дигар саромад созам акнун.
Чу тӯтӣ табъро созам  шакархо,
Зи ҳусни Юсуфу ишқи Зулайхо.
Худо аз қиссаҳо чун аҳсанаш хонд,
Ба аҳсан ваҷҳ аз он хоҳам сухан ронд [139,149].

Омӯзгор бо иштироки фаъоли хонандагон калимоти душвори пораи болоро  шарҳ медиҳанд ва ба фазилатҳои сухан, ки шоир баён кардааст,

огоҳ мегарданд. Дар порраи дувум, ки шоир сабаби эҷоди достонро баён мекунад, хонандагон ба чанд маълумот дар бораи достон огоҳ мегарданд. Аз ҷумла шоир таъкид мекунад, ки пеш аз ӯ достонҳое дар бораи Хусраву Ширин ва Лайлию Маҷнун суруда шудааст. Достони ишқи онҳо сар омад, яъне ба охир расиду кӯҳна шуд, ман  достони ишқи каси дигар  мегӯям, ки саромади ошиқон аст. Калимаҳои «сар омад», яъне ба охир расид ва «саромад» (пешво, роҳнамо) дар байти дуюм санъати таҷнис аст, ки кушодани он салоҳияти зебоишиносии хонандагонро ташаккул медиҳад. Шоир дар байти охир мегӯяд, ки Худованд ин қиссаро беҳтарин қисса (аҳсан) аз тамоми қиссаҳо  хондааст ва ман ҳам онро ба таври аҳсан ба назм меоварам.

Ҳамин тариқ, дар марҳалаи аввал ва дувум  аз ҳар фасли достон пораҳои шеърӣ, ки тасвирҳои  баланди шоирона доранду дар ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ва комуникативӣ мусоидат мекунад, бояд интихоб шуда, бо иштироки фаъоли хонандагон таҳлил карда шаванд. Намунаи дигар баъд аз хатми сужаи достон шоир чанд фасли дигар илова карда, ки яке аз онҳо  «**Дар панд додан ва банд ниҳодани фарзанди арҷманд, ки дасти идрок дар фитроки иктисоби камолот устувор дорад ва пои майл дар зайли иҷтиноб аз ҷаҳолат барқарор**…»  ном дошта,  писараш Зиёуддини Юсуфро панд додааст, ки имрӯз ҳам дар тарбияти ҷавонон аҳамияти бузурги маърифатӣ дорад. Ин фаслро ба таври мухтасар «Дар панд додани фарзанди арҷманд» номидан мумкин аст. Омӯзгор бояд аз ин фасл ҳамон байтҳое, ки ба синну соли хонандагони синфи 9 мувофиқ  асту дорои аҳамияти маърифатиянд, интихоб намояд ва ҳамроҳи хонандагон баррасӣ кунад. Ба тариқи намуна байтҳои зер мувофиқи мақсад аст:

Нахуст аз касби дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи  нодонӣ бадар шав!
Бувад маълуми ҳар озоду банда,
Ки нодон мурдаву доност зинда…
Валекин по ба дониш неҳ дар ин роҳ,
Ки илм омад фаровон, умр кӯтоҳ.

Наёбад ҳеч кас умри дубора,

Ба илме рав, к-аз онат нест чора.

Чу касби илм кардӣ, дар амал кӯш,

Ки илми беамал заҳрест бе нӯш…[139,370].

Байтҳое, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин боби достон перомуни фазилати китоб гуфта, имрӯз забонзади хосу ом аст, аммо кам касон медонанд, ки ин байтҳо аз достони «Юсуфу Зулайхо»-и Ҷомист:

Зи доноён бувад ин нукта машҳур,

Ки дониш дар кутуб, доност дар гӯр.

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,

Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.

Бувад бе музду миннат устоде,

Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде.

Надиме, мағздоре, пӯстпӯше,

Ба сирри кор гӯёе, хамӯше.

Дарунаш ҳамчу ганҷ аз варақ пур,

Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дур…[139,149].

Ёдоварии ин нукта, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» таъсис гардид ва номи озмун баргирифта аз ин достони Абдураҳмони Ҷомист, айни мудао хоҳад буд.

Дар ин фасл доир ба ҳар масъалае шоир фарзандашро панд медиҳад, ки ки имрӯз ҳам дархури дарди ҷомеаи мо буда, донистани онҳо барои насли наврас зарур аст. Аз ҷумла дар масъалаи дӯстӣ:

Барои дӯстон ҷонро фидо кун,

Валекин дӯст аз душман ҷудо кун…

Макун ваъда, агар кардӣ, вафо кун,

Тариқи бевафоиро раҳо кун…

Ва ё дар масъалаи ҳунар омӯхтан:

Чу нодонон на дар банди падар бош,

Падар бигзору фарзанди ҳунар бош…

Чу панде бишнавӣ аз панд фармой,
Чу доно боядаш дар ҷон кунӣ ҷой.
На чун нодон зи як гӯшаш дарорӣ,
Ба дигар гӯш берунаш барорӣ....[139,375].

Дар марҳалаи аввал ва дувуми МБТ, ки яке «дарки матн» ва дигаре «баҳогузорӣ ба матн» аст, танҳо ба шарҳи калимот набояд қонеъ шуд. Масалан, дар байтҳо боло ибораҳо ва таъбирҳои шоиронае ҳастанд, ки бидуни равшан намудани онҳо ба мақсади шоир пай бурдан номумкин аст. Монанди «касби дониш», «ҷаҳлободи нодонӣ», «субҳи доноӣ», «фарзанди ҳанар» ва ғайра. Шарҳи тавзеҳи ин гуна таъбиру ибораҳо метавонад дар ташаккули салоҳиятҳои адабию фаннӣ мусоидат кунад ва ҳам дониши хонандагонро афзун гардонад.

Дар ду марҳалаи охир –тағйир додани матн ва таҳияи матни худ хонанда пойбанди матни достон нест, маҳз дар марҳалаи севум- тағйир додани матн салоҳияти эҷодкории хонанда равшан мегардад. Хонанда бо бардоште, ки аз мутолиаи достон ва муҳокимаи рафтори образҳои асосию персонажҳо гирифтааст, назари худро пешниҳод мекунад. Аз дидгоҳи худ, бидуни тағйири куллӣ дар рафти воқеаҳо, амали қаҳрамонҳоро тағйир медиҳад, шояд эҳсосоте, ки аз раванди воқеаҳои достон дорад, роҳи расидани қаҳрамони асосиро ба мақсад осонтар мегардонад. Масалан, дар рафти тамошои филм ва ё мутолиаи достон аксар мехоҳанд, ки падар - Яъқуб Юсуфро дар чоҳ пайдо кунаду бародаронро ҷазо диҳад. Ин як фарзия аст, ки дар дарси озмоишӣ аз ҷониби хонандае чунин идеяе пешниҳод шуд. Дар марҳалаи чаҳорум – таҳияи матни худ, хонанда идеяи худро, ки бардошти ӯ аз достон аст, пешниҳод мекунад. Аксари муҳаққиқони шеваи МБТ бар онанд, ки пешниҳоди назар ё худ идеяи хонанда бардоштест, ки аз достон гирифтааст, метавонад ба шакли эссе баён шавад.

Ҳамчунин дар марҳалаи чаҳорум, ки таҳияи матни худ аст, илова бар сужети достон масъалаю мавзуъҳои зиёде ҳаст, ки хонандагон метавонанд вобаста ба дониш ва ҷаҳонбинии худ изҳори назар кунанд. Хонандагон набояд ба сужети достон маҳдуд шаванд, балки доир ба масъалаҳое, ки

шоир дар достон матраҳ кардааст, андеша кунанду ақидаи худро баён кунанд, беҳтар аст.Омӯзгор бояд дар интихоби мавзуъ барои маралаи чаҳорум ба хонандагон мадад расонад. Дар марҳалаи чаҳрум ба ғайр аз сужети достон омӯзгор бояд мавзуъҳое монанди «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илмат ба амал ёр гардад», «Ҳунар беҳ аз моли падар» ва монанди инҳо, ки шоир дар достон матраҳ кардааст, ба хонандагон пешниҳод мекунад. Хонандагон бояд яке аз ин мавзуъҳо интихоб кунанд ва бо такя ба гуфтаҳои шоир андешаҳои худро дар шакли эссе ё иншои озод пешниҳод кунанд.

Озмоиши таълими достони «Юсуфу Зудайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҷрибавӣ нишон дод, ки дар марҳалаҳои севуму чаҳорум хонандагон бештар ба сужети достон, ки онҳоро мафтун кардааст, нақл намуданро хоҳиш доранд. Воқеан, аксари  хонандагон сужети достонро медонанд, зеро дар баробари матни достон филми онро тамошо кардаанд. Аммо бояд зикр кард, ки филми “Паёмбар Юсуф” аз сужети достони “Юсуфу Зулайхо”-и Абдураҳмони Ҷомӣ фарқ дорад. Гарчанде раванди воқеаҳоро бо дарназардошти худ  пасу пеш бурда,тағйирот дар хатти сужет дохил кардаанд, аммо бештар маврид аз филми «Паёмбар Юсуф» илҳом гирифтаанд. Озмоиши такрори таълими босалоҳияти достони «Юсуфу Зулайхо» дар литсейи №2-и деҳаи Ғусари ҷамоати Лоиқ Шералии ноҳияи Панҷакент ҳангоми иҷрои  марҳалаи севуму чаҳорум бо такя ба достон мавзуъҳое монанди «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илмат ба амал ёр гардад», «Ҳунар беҳ аз моли падар» пешниҳод шуд, самараи беҳтар дод.

Хулоса, озмоишҳои педагогӣ собит намуданд, ки барои таълими достони «Юсуфу Зулайхо» дар шароити МБ  2-соат ҷудо намуда, иҷрои марҳалаи чаҳорумро дар синф бо такя ба масъалаҳои дар достон матраҳшуда  навиштани иншои озод ва ё эссеро амалӣ кардан мувофиқи мақсад асту самараи беҳтар медиҳад.

## III.3.2. Усули таълими “Хираднома искадарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9

Дар мавриди шеваи таълими “Хираднома Искандарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомӣ А. Абдувалиев [2,32] ва Т. Миров [66,44] изҳори назар кардаанд ва ҳамчунин дар китоби дарсии “Адабиёти тоҷик” барои синфи 9 доир ба фарқи “Хираднома искандарӣ”-и Ҷомӣ аз дигар “Искандарнома”-ҳо, сужаи асар, идеяи шоҳи одилу маорифпарвар, пайдоиш ва ташаккули “ҷамъияти хаёлӣ” дар адабиёти шифоҳию китобӣ, тасвири ҷамъияти хаёлӣ дар ин асар ва муносибати устоди шогирд аз назари Ҷомӣ маълумот дода шудааст. Мо саъй намудем он чизе, ки методистони номбурда доир ба методикаи таълими ин достон баён кардаанд, такрор накунем. Омӯзгорон метавонанд аз ин мақолаҳои А.Абдувалиев ва Т. Миров истифода баранд, аммо набояд ба онҳо маҳдуд гарданд, зеро ҳар ду навишта вобаста ба идеологияи замонашон матраҳ шуда, ҷамъияти хаёлие, ки шоир тасвир мекунад, ҳамон сотсиализими замони Шуравиро медонанд. Гӯё орзуи Ҷомӣ баъд аз 600 сол дар симои давлати Шуравӣ амалӣ гардидааст. Таълими достони “Хираднома искандарӣ” дар шароити МБ талаботи ба худ хос дорад, ки мутаассифона, дар навиштаҳои А.Абдувалиев ва Т. Миров ба назар намерасад.Аз ин миён мақолаи методии Шамсулло Исломов “Таълими “Хираднома искандарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 1Х” [186], ки бо такя ба таҷрибаи аз озмоиши педагогии бадастомада иншо шудааст, ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Омӯзиши достони “Хираднома искандарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар таҳқиқоти муҳақиқ хеле ҷолиб ва бо назардошти усулҳои ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ ва муқоиса таҳррезӣ шуда, андешаманд намудани хонанда, ҷустуҷӯ тариқи муқоиса ва ба даст овардани дониш ва хулосаҳои зарурӣ ҷавҳари асоси корро ташкил медиҳанд, ки дар методикаи таълими адабиёти тоҷик як бозёфти муҳими усулӣ аст. Бо такя ба мақолаи зикршудаи Шамсулло Исломов мо достони “Хираднома искандарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомиро бори дигар

дар ду синфи 9 (яке синфи озмоишӣ ва дигаре синфи назоратӣ) бо назардошти талаботи МБТ аз таҷрибаи педагогӣ гузаронидем. Дар ин озмоиш натиҷаҳои илмию методии мақолаи “Таълими “Хираднномаи искандарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 1Х”-и Ш. Исломов сармашқи кори мо буд. Аз он сабаб, ки дар мақолаи зикршудаи Ш.Исломов раванди дарс бо назардошти усулҳои ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ ва алалхусус муқоиса батафсил баён шудааст, аз такрори он худдорӣ мекунем.

Бояд зикр кард, ки дар “Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1” дар мавриди “Хираднномаи искандарӣ” чунин омадааст: “Мазмуни достони “Хираднномаи искандарӣ”. Тафовути достони Ҷомӣ аз асарҳои Низомӣ ва Амир Хусрав. Инъикоси ақидаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Ҷомӣ дар достон” [27,51]. Дар китоби дарсӣ низ ҳангоми тавзеҳи достони номбурда нахуст доир ба “фарқи достони Ҷомӣ аз дигар “Искандарномаҳо” маълумот дода шудааст. Омӯзгор набояд ба супоришҳои дар барнома ва маълумоти дар китоби дарсӣ омада маҳдуд гардад, зеро на барномаи ҷорӣ ва на китоби дарсӣ, чунонки мутахассисон қайд кардаанд, на танҳо ба талаботи МБТ, балки умуман ба талаботи барномаи мактабӣ ҷавобгӯ нестанд[192]. Ҳам аз мақолаи зикршудаи Ш. Исломов ва ҳам озмоишҳои педагогие, ки мо гузаронидем, чунин натиҷа ба даст омада, ки бо методи муқоиса таълим додани “Хираднномаи искандарӣ” бо дигар “Искандарномаҳо” самараи бештар медиҳад ва хонандагон имкон доранд  ба салоҳиятҳои таъйиншуда ноил гарданд. Дар мақолаи зикршудаи Шамсулло Исломов методикаи муқоисавии таълими достони мазкур дар асоси таҷрибаи ҳосилшуда аз озмоиши педагогӣ пешниҳод шуда, ки метавон онро ба сифати дастури таълими барои омӯзгорон хидмат намояд. Чунон ки дар мақолаи зикршуда таъкид шудааст, барои таълими достони “Хираднномаи искандарӣ” омӯзгор бояд қаблан омодагӣ гирад ва хонандагонро ба дарки достон омода созад. Муаллим ҳангоми таълими мавзуи “Мероси адабии Ҷомӣ” муталиаи мустақилонаи достонро ба

хонандагон тавсия дода, диққати онҳоро ба масъалаҳои зер ҷалб намудааст: “Тавассути китобхонаи мактаб ва бо ёрии муаллими таърих дар барои Александри Македонӣ маълумотоятонро пурра кунед. Аз забони калонсолон доир ба Искандар чанд қиссаву ривоятро мухтасар наишта гиред, аз қиссаву ривоятҳои ҷамъкардаатон образи Искандарро бо Искандари Мақдунӣ(таърихӣ) муқоиса карда, монандва фарқияти онҳоро нишон диҳед”[186, 15]. Мо ҳам бо пайравӣ аз устод Ш. Исломов саъй намудем хонандагон пешакӣ ба омӯхтани достонҳои шоир, аз ҷумла достони “Хирадномаи искандарӣ” омода кунем. Аз суҳбат бо муаллимаи фан ва хонандагони синфи 9 маълум шуд, ки аз “Ҳафти авранг”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар оғози соли таҳсил барои хониши мустақилона достонҳои “Лайлию Маҷнун”, “Хирадномаи искандарӣ” ва “Юсуфу Зулайхо” пешниҳод шуда ва пеш аз истироҳати зимистонии хонандагон мутолиаи ин достонҳо бори дигар таъкид шудааст. Аз суҳбат бо хонандагон маълум шуд, ки касе аз онҳо достони “Хирадномаи искандарӣ”-ро пурра мутолиа накардааст. Баъзе хонандагон абёте аз ин достон қироат карданд, ки аз дигар китобҳо, ки аз ин достон намуна оварда шудааст, хондаанд. Чанд нафари дигар мазмуни достонро, ки аз китоби дарсӣ хондаанд, нақл карданду бас. Тибқи нишоди мақолаи Ш.Исломов мо достони “Хирадномаи искандарӣ”-ро дар чаҳор соат ба нақша гирифтем.Раванди таълими достон бо корбурди методи муқоиса дар мақолаи зикршудаи Ш.Исломов ба тафсил баён шудааст, ки аз такрори он сарфи назар мекунем.Омӯзгорон метавонанд аз ин мақола ҳангоми таълими достон истифода кунанд. Хонандагони фаъоли синфи озмоишӣ бо ин мақола ошно шуданд. Хубии кори хонандагон дар он буд, ки ба маводҳои мақола маҳдуд нашуда, доир ба ҳар супориш маводҳои нав илова намуданд.Масалан, доир ба супориши аввал дар бораи Искандар яке аз маълумоти муҳим ҷамъовардаи хонандагон ин буд, ки “Зулқарнайн” зикршуда дар китоби Қуръон на Искандари Мақдунӣ, балки Куруши Кабир аст. Ҳамчунин ҳангоми муқоисаи достони Абдураҳмони Ҷомӣ бо дигар “Искандарнома”-ҳо монандию

фарқиятҳои тоза пайдо намуданд. Озмоиш собит намуд, ки марҳалаҳои якуму дуюмро ба баррасии муқоисаи “Хираднома искандарӣ”-и Ҷомӣ бо “Искандарнома”-и Низомӣ ихтисос додан муносиб аст.

Пеш аз таълими достони «Хираднома Искандарӣ» вобаста ба талаботи МБТ дар курси таърихи адабиёт омӯзгор бояд ба масъалаҳои зер диққат диҳад: Хонандагон бояд матни достонро мустақилона бихонанд. Сониян, омӯзгор пеш аз таълими достон бояд таъйин кунад, ки ҳангоми таълими достон кадом салоҳиятҳоро ташаккул дода мумкин аст. Яъне, омӯзгор пеш аз таълими достони “Хираднома искандарӣ” муайян намояд, ки имкони кадом салоҳиятҳоро ташаккул доданро дорад? Ба таъбири соддатар, дар мавриди достони “Хираднома искандарӣ” хонанда кадом масъалаҳоро бояд донад, чиро фаҳмад ва кадом амалро иҷро кунад, ки дар оянда барои вай муҳим бошад? Вобаста ба талаботи МБТ ҳангоми таълими достони “Хираднома искандарӣ” омӯзгор метавонад чунин нақша мураттаб намояд ва дар асоси он раванди дарсро амалӣ намояд. Ба таъбири дигар, салоҳиятҳои асосӣ аз мавзуи «Хираднома искандарӣ» ба тариқи зер дар синфи озмоишӣ ба нақша гирифта шуд:

| **Мавзуъ: “Хираднома искандарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомӣ** | | |
|---|---|---|
| **Гурӯҳбандии мавзуъҳо / проблемаҳо** | **Раванди рушди салоҳиятҳо дар хонандагон** | **Зарурат (барои чӣ?, дар куҷо истифода мебарад?)** |
| Фарқ ва монандии “Хираднома Искандарӣ”-и Ҷомӣ аз дигар “Искандарномаҳо” | Салоҳияти муқоисаи асарҳои бадеӣ, салоҳияти баҳо додан ба воқеаҳои таърихӣ ва шарҳи таъсири онҳо ба зиндагии аъзои ҷомеа | Шинохти ҳунари адиб ва дарки каломи бадеъ, таҳлили рафтор, муносибатҳои одамон, дар зиндагии имрӯза, таҳлили муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ дар шароити муайяни таърихӣ гузашта ва имрӯза. |

| | | |
|---|---|---|
| Саргузашти Искандар, Арасту ва Искандар, мақоми устод ва вазифаҳои шогирд | Салоҳияти таҳлили зиндагиномаи шахсони машҳур ва таъсири онҳо ба иҷтимоишавии шахс | Таҳлил, худбаҳодиҳӣ, хулосабарорӣ; назар, мавқеи худро муайян намудан нисбат ба воқеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии замон ва макони худ |
| Андешаҳои ахлоқӣ, сиёсию иҷтимоии шоир дар достон; тарғиби адлу адолат, донишу хирад, маҳкуми зулму ситам, зиндагии идеали инсон дар мисоли шаҳре, ки на шоҳ дорад на гадо | Салоҳияти баҳодиҳӣ ба рафтори инсон аз рӯйи таҳлили асари бадеӣ [шеър], баҳои субъективӣ ба рафтор;<br>Салоҳияти истифодаи суханони ҳикматнок дар нутқи шифоҳӣ;<br>Салоҳияти тақвият додан, асоснок кардани фикр, ҷонибдорӣ, инкори фикри ҳамсуҳбат | Баёни фикр дар чорабиниҳо, ҷамъомадҳо, мубоҳисаҳо?<br>Ташаккули фикррони мантиқӣ;<br>Ташаккули худшиносӣ, ҳуввият ва фарҳанги миллӣ; |
| Хирадномаҳои Аристотилис, Афлотун, Суқрот, Буқрот, Файсоғурас, Асқалинус, Ҳармис ва Искандар | Салоҳияти маърифат кардани каломи бадеъ;<br>Салоҳияти дарк ва баҳодиҳӣ ба сухани бадеӣ;<br>Салоҳияти шарҳи муносибатҳои субъективӣ | Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба зуҳурот дар муҳити зист, истифодаи сухани образнок, бамавқеъ дар чорабиниҳо, ҷамъомадҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ |

Нақшаи боло танҳо намуна аст, омӯзгор метавонад ин нақшаро вобаста ба сужаи достон ва масъалаҳое, ки дар он матраҳ шудаанд, мукаммал намояд. Масалан, дар масълаи адлу адолат ва зарурати донишманд будани подшоҳ ва умуман шахси сарвар метавон салоҳиятҳои фаннӣ ва коммуникативиро ташаккул дод. Аз он ҷо, ки идеяи асосии достон хирадгароӣ ва ҷамъияти озоду обод аст, нақшаро метавон вобаста ба ин масъала мукаммалтар кард. Методи суҳбат ва саволу ҷавоб доир ба ҳар як масъала иштироки фаъоли хонандагонро таъмин карда метавонад ва ба ин васила ба салоҳиятҳои пешгузошташуда ноил мегарданд.

Тибқи талаботи методикаи таълими достонҳо, дар қадами аввал бояд омӯзгор дар бораи достони мавриди назар маълумоти умумӣ ва ибтидоӣ бидиҳад. Методистон бар он андешаанд, ки омӯзгор метавонад

ин лаҳзаи дарсро ба тариқи мубоҳисаи муқаддимавӣ гузаронад. Дар ин ҳолат хонандагон аз шунавандаи оддӣ ба гӯяндаи фаъол табдил меёбанд, ки аз ҷумлаи талаботи МБТ аст. Барои дуруст ба роҳ мондани ин лаҳзаи дарс омӯзгор бояд доир ба достон ва дар умум перомуни "Ҳафт авранг" ва сарчашмаи он "Хамса" саволномаҳои проблемавӣ мураттаб намояд. Масалан, мо ҳамроҳи муаллима дар синфи озмоишӣ дар оғози дарс доир ба достони "Хирадномаи искандарӣ" саволномаи зерро ба хонандагон пешниҳод намудем:

1. Чаро Ҷомӣ унвони маҷмуи достонҳояшро "Ҳафт авранг" ном ниҳодааст?
2. Рақами "ҳафт" дар фарҳанги мо чӣ нақш дорад ва "авранг" ба чӣ маъност?
3. "Ҳафт авранг"- и Ҷомӣ аз "Хамса"- ҳои Низомии Ганҷавию Амир Хусрави Деҳлавӣ чӣ тафовут дорад?
4. Ҷомӣ дар хамсасароӣ чӣ навоварӣ кардааст?
5. Дар синфҳои поёнӣ кадом ҳикоятҳоро аз достонҳои Ҷомӣ хондаед ва аз он чиро дар ёд доред?
6. Чаро шоир достонашро "Хирадномаи Искандарӣ" номидааст?
7. Оё Искандаре, ки Ҷомӣ тасвир мекунад, ҳамон Искандари Мақдунист?

Чунон саволҳо хонандагонро ба андеша вомедорад ва онҳо дониши дар синфҳои поёнӣ андӯхтаашонро ба хотир меоваранд, саъй менамоянд ба саволҳои гузошташуда ҷавоб гӯянд. Ин ҳама замина мегардад, то хонандагон достонро амиқтар биомӯзанд.

Яке аз шеваҳои асосии таҳлили асари бадеӣ, алалхусус достон такя ба сужаи асар ба роҳ монда мешавад. Ин шеваи таҳлил дар мактабҳои замони Шуравӣ хеле роиҷ буд ва ҳоло низ омӯзгорони адабиёт ин усулро ба кор мебаранд. Аммо мутаассифона, дар замони Шуравӣ аз қисматҳои муқаддимавии достон, хоса он ҷо ки сухан аз наъту муноҷот меравад, сарфи назар менамуданд. Таҳлили асари бадеӣ дар асоси сужаи асар дар дарки он нақши муҳим дорад, аммо аз қисматҳои муқаддимавии

достонҳо, ки аҳамияти бузурги тарбиявӣ доранд, набояд сарфи назар кард.

Омӯзгор бояд пеш аз баррасии сужаи асар доир ба мазмуну мундариҷа ва сохтори достон маълумоти мухтасар диҳад ва хонандагонро барои фаҳмиши ҳамаҷонибаи достон омода созад. Чунонки зикр намудем, доир ба фарқи достони Ҷомӣ аз дигар "Искандарнома"-ҳо, сужаи достон ва дигар масъалаҳои умумии достон дар китоби дарсӣ сухан рафтааст. "Хирадномаи искандарӣ" охирин достони "Ҳафт авранг"-и Ҷомӣ буда, ба равияи "Искандарнома"-и Низомии Ганҷавӣ ва "Ойинаи искандарӣ"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ суруда шудааст. Бино ба гуфтаи муҳаққиқон, тасвири образи Искандари шоирони Шарқ аз "Искандарнома"-ҳои суханварони Ғарб дар бораи лашкаркашиҳои ин шоҳи ғаддор ва футуҳоташ фарқ куллӣ дорад. Ҷомишинос Аълохон Афсаҳзод менависад, ки "адибони Шарқ Искандари Мақдуниро дар робитаи қавӣ бо ҳаким Арасту пазируфта, нуқтаи назари худро бештар ба масоили сиёсати давлатдорӣ, усули ҳарбузарб ва таълимоти фалсафӣ-ахлоқӣ дӯхтаанд. Аз асри У1 сар карда ба Искандар нисбат додани сифату хусусиятҳои шоҳи идеалӣ ба ҳукми анъана даромада, "Искандарнома"-и шарқиён аксар бо услуби "Хираднома"- ҳо нигошта шуданд" [15, 255]. Воқеан, муҳаққиқоне, ки "Искандарнома"-ҳоро баррасӣ кардаанд, бар он андешаанд, ки "Хирадномаи искандарӣ"-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи хирадгаройӣ мақоми аввалро дорад, зеро дар он симои шоҳи идеалӣ дар муқоиса бо шоирони пешин мукаммалтару муфассалтар тасвир шудааст. "Агар Искандари Фирдавсӣ чун марди кишварситон, қаҳрамони достони Низомӣ чун соҳибу мазруфи адли илоҳӣ ва образи маснавии Хусрави Деҳлавӣ чун тоҷдори беназиру дӯстдори базму маҷлисҳои пуршукӯҳ аккосӣ шуда бошад, Искандари Ҷомӣ ба сифати мубориза барои адлу адолати рӯйи замин, озодгари бенавою бечорагон ва таҷассуми сарвари идеалии мардум тасвир ёфтааст"[15, 255].

Омӯзгор бояд ба самъи хонандагон расонад, ки Искандари Абдураҳмони Ҷомӣ ба ҳеч ваҷҳ Искандари Мақдунӣ - он шоҳи ғаддори харобкор, ки “Авесто” ва ҷумла осори илмию адабӣ ва мадании ниёгони моро сӯзонд, нест. Дар маркази достон идеяи адлу адолат ва хирад меистад, саргузашти Искандару лашкаркашиҳои ӯ мақоми дувумдараҷаро дорад. Абдураҳмони Ҷомӣ тарғибгари хирадгароӣ ва адлу адолат аст. Пеш аз баррасии сужети достон омӯзгор бояд қисматҳои муқаддимавии онро баррасӣ кунад.

Марҳалаи аввал дар МБТ бо қироати матни достон шуруъ мешавад. Аз он сабаб, ки матни достон хеле бузург аст, қироати достонро вобаста ба фаслҳои он ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст. “Хираднномаи искандарӣ” баъд аз бобҳои анъанавии наъту муноҷот бо фасли “Дар адолат” шуруъ мешавад:

Садои хуш аст ин куҳан тоқро,
Ки адл аст маъмури офоқро.
Зи адл аст ин гӯи гардон ба пой,
Зи адл аст ин тангмайдон ба ҷой.
Агар адл набвад, намонад ҷаҳон,
Ба ҳам дарравад ошкору ниҳон.
Ҳар он дил, ки аз адл ҷон парварад,
Куҷо рӯ ба зулмоти зулм оварад.
Битарсад зи зулм он ки солимҳуш аст,
Ки нафрини мазлум золимкуш аст [137, 247].

Омӯзгор бояд сараввал бо иштироки фаъоли хонандагон калимоти ноошно ва таъбироти шоиронаро шарҳ диҳад ва пас аз он маънии абёти болоро дар маҷмуъ баён кунад. Хонандагони синфи 9 бо фарҳангу луғат сару кор гирифтанро медонанд ва калимаҳои ноошноро худ маънӣ мекунанд. Аммо дар байтҳои болои достон таъбироте ҳастанд, ки дар китобҳои луғат, монанди “Фарҳанги забони тоҷикӣ” нестанд. Барои фаҳмидани таъбироти шоирона ва ибораҳои киноявӣ фарҳангҳои махсусе монанди “Фарҳангномаи шеърӣ” ва “Вожаномаи шоирӣ”

ҳастанд, ки бояд дар дарси адабиёт аз онҳо истифода шавад. Масалан, муроди шоир аз "куҳан тоқ" осмон ва аз "тангмайдон" замин аст. Марҳалаи дуюм дар МБТ пас аз шарҳи калимоту таъбироти душвор оғоз мешавад, ки омӯзгор бо иштироки хонандагон фасли мавриди назари достонро шарҳ медиҳад. Ба андешаи шоир ободии ҷаҳон (офоқ) аз адл аст ва адл аст, ки фалак (гӯйи гардон) бар пой асту замин (тангмайдон) ба ҷой. Агар адлу адолат набошад, ҷаҳон пойдор намемонад ва ҳама хароб мегардад. Шоҳи соҳибмаърифат, ки аз адл ҷонаш равшан аст, ҳаргиз даст ба зулму ситам намезанад, зеро оҳи мазлумон оқибат шоҳи золимро нобуд мекунад.

Тамоми достонро наметавон дар дарс таҳлил кард, аммо ҳам дар қисмати муқаддимавӣ ва ҳам дар қисмати асосӣ фаслҳое ҳастанд, ки дар тарбияи маънавӣ ва ахлоқии шогирдон нақши муҳим бозида метавонад. Масалан, дар қисмати муқаддимавӣ фасле ҳаст, ки шоири бузург фарзандашро панд медиҳад. Ин фасл "**Гӯши холии фарзанди арҷмандро ба гавҳари панд гавҳарбанд кардан ва лавҳи содаашро ба нуқуши насиҳат нишонманд сохтан"** ном дорад. Аз ин фасл байтҳое интихоб намудан лозим аст, ки аҳамияти бузурги тарбиявӣ ва эстетикӣ доранд:

Биё, эй ҷигаргӯша фарзанди ман,
Бидеҳ гӯш бар гавҳари панди ман.
Садафвор биншин даме лаб хамӯш,
Чу гавҳар фишонам, ба ман дор гӯш [137, 249].

Шоири бузург пандро гавҳаре медонад, ки бояд гӯши холии фарзанди арҷмандро бо он гавҳарбанд кард ва лавҳи соддаашро ба нақши насиҳат нишонманд сохт. Яъне, бояд ҷавонони наврасро, ки гӯшашон сухани бадро ҳоло нашунидаст, бо панди монанди гавҳар судманд пур кард ва лавҳи тозаи хотирашонро насиҳати судманд нигошт. Бо ин мақсад фарзанди худро фаро мехонаду хоҳиш мекунад, ки монанди садаф хомӯш биншинаду ба панди гавҳарогини ӯ гӯш диҳад. Абёти баъдӣ боз ҳам ҷолибтаранд:

Шунав панду гониш ба он ёр кун,
Чу донистӣ, он гаҳ ба он кор кун.
Ба дониш, ки бо он куниш ёр нест,
Ба ҷуз нохирадмандро кор нест [137,249].

Ба андешаи мутафаккир, ҷавон бояд пандро гӯш кунад ва донишро бо он ҳамроҳ кунад. Яъне, ҷавони саодатманд он аст, ки панди пиронро гӯш мекунаду дониш меомӯзад ва бо ин кору зиндагиашро пеш мебарад. Дониши андӯхта бояд дар амал татбиқ шавад. Ба гуфти Ҷомӣ, донише, ки дар он амал (куниш) нест, ба ҷуз бехирадон ба касе лозим нест. Яъне илме, ки омӯхтӣ, бояд бо он амал кунӣ. Қобили зикр аст, ки аз ҷумлаи талаботи асосии МБТ бояд ба хонандагон донише омӯхт, ки дар оянда онҳоро ба кор ояд.

Омӯзгор метавонад дар доираи соати ҷудошуда барои ин достон абёте аз насиҳатномаи шоир ба фарзандаш интихоб намояд ва дар дарс онҳоро баррасӣ кунад. Агар ин байтҳои андарзиро ҳама хонандагон ҳифз кунанд, боз беҳтар аст. Мо ба тариқи намуда байтҳоеро аз он пешниҳод мекунем, ки дар дарси озмоишӣ ба кор бурдем ва самараи хуб ба бор овард:

Ҳаме бош равшандилу софрой,
Ба инсоф бо бандагони Худой.
Чу бояд бузургит пиронасар,
Ба чашми бузургӣ ба пирон нигар.
Ҳамекун ба пирони бекас касӣ,
К-аз ин шева, донам, ба пирӣ расӣ.
Ба хурдон ба чашми ҳақорат мабин,
Басо хурдӣ садри бузургинишин.
Ба дарвеши муҳтоҷ бахшиш намой,
Фурӯбаста кораш ба бахшиш кушой.
Зи нодон, ки асрордони сухан
Набошад, бигардон инони сухан.
Тавозуъ кун онро, ки донишвар аст,

Ба дониш зи ту қадри ӯ бартар аст.
Бувад дониш об, ӯ замини баланд,
Зи оби равон кай шавад баҳраманд?!
Чи хуш гуфт доно, ки дар хона кас
Чу бошад, зи гӯянда як ҳарф бас [137, 250-251].

Ҳа як байти ин насиҳатнома маънии бузург дар худ дорад, ки омӯзгор бояд онҳоро огоҳона таълим диҳад, ки дар умқи дили хонандагон ҷой гирад.

Дар қисмати муқаддимавии достон фасли дигаре бо унвони “**Гуфтор дар фазоили сухан ва суханварӣ ва тақрири назми ин манзумаи аз айбу такаллуф барӣ, ки номзад аст ба “Хирадномаи Искандарӣ**” мавҷуд, ки аз он байтро зерро интихоб намуда, ба хонандагон пешниҳод намудем:

Сухан з-осмонҳо фуруд омадаст,
Ба иқлими ҷонҳо фуруд омадаст.

Дар ин фасл Абдураҳмони Ҷомӣ баъд аз тавсифи сухану суханварӣ мақсади худро аз эҷоди “Хирадномаи искандарӣ” баён мекунад. Ҳамчунин шоир бо эҳтиром аз “Хамса”-ҳои Низомию Амир Хусрав ёд карда, фарқи “Ҳафт авранг”-и худро аз “Хамса”-ҳои ин ду шоири бузург иброз доштааст, ки барои хонандагон судманд буда метавонад. Тибқи нишондоди мақолаи зикршудаи Ш. Исломов, ба хонандагон супориш дода шуда буд, ки монандӣ ва фарқиёти достони Ҷомиро аз дигар достонҳои ҳамном муайян намоянд. Бештари хонандагон мутасаддишуда ба ин вазифа андешаҳои дар ин масъала баёнкардаи шоирро барои тасдиқи фикрашон оварданд.

Сужети мухтасари достон дар китоби дарсӣ омадааст. Мо аз нақли он сарфи назар мекунем, омӯзгорон дар ин масъала метавонанд аз китоби дарсӣ истифода кунанд. Ин нуктаро бояд тазаккур дод, ки тибқи гуфтаи методистон, таълими сужети достон низ шартҳои худро дорад, ки омӯзгор бояд онҳоро риоя кунад. Мураттаб баён кардани рафти воқеаҳо, баёни мантиқӣ, алоқаманди ҳаводису воқеаҳо аз ҷумлаи талаботи таълими асар аз рӯи сужети он аст. Мухтасару ихчам, саҳеҳ ва муассир

баён кардани сужети асар аз шартҳои дигар аст, ки омӯзгор бояд онҳоро иҷро кунад. Нақли сужети асар агар ба тариқи суҳбат ба роҳ монда шавад, хонандагон бештар фаъол мегарданд ва яке аз талаботи шеваи МБТ низ ҳамин аст. Яъне, достонро хонандагон бояд пештар хонда бошанд, то имкони нақли сужети асар тавассути саволи ҷавоб муҳайё шавад. Ин методро дар дарсҳои дувуму севум, ки хонандагон дар хона достонро мутолиа кардаанд, ба роҳ монда мумкин аст. Озмоиш нишон дод, ки дар дарси аввал, ки хонандагон бо достон огоҳ нестанд, гузаронидани методи саволу ҷавоб доир ба сужети асар самараи хуб намедиҳад.

Бояд ин нуктаро дар назар дошт, ки сужети асар дар достон чизи асосӣ нест, балки василаест, ки шоир андешаҳои адолатпарварӣ ва хирадгароияшро баён кардааст. Аз ин рӯ, омӯзгор набояд бо нақли сужети асар маҳдуд гардад. Бояд андешаҳои шоирро дар масъалаи адлу дод, нақши дониш дар зиндагии инсон, ахлоқи неку бад ва ғайра дар дарс баррасӣ кунад. Дар достон хираднomaҳои Аристотилис, Афлотун, Сукрот, Буқрот, Файсоғурас, Асқалинус, Ҳармис ва алалхусус хираднomaи Искандар омада, ки шоир андешаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқию фалсафии худро баён кардааст. Омӯзгор ҳангоми таълими достон бояд бештар ба ин хираднomaҳо таваҷҷуҳ дошта бошад. Донистани номи ин ҳакимон ва фаъолияти онҳо, ки дар адабиёти оламшумули мо ҳар яке рамзи хираду дониш ва ҳикмат ҳастанд, барои хонандагон хеле муфид буда метавонад. Аз ин хираднomaҳо омӯзгор бояд абётеро интихоб намояд, ки аҳамияти тарбиявию ахлоқӣ дошта бошанд. Мо намунаҳоеро аз ин хираднomaҳо пешниҳод мекунем, ки дар дарси озмоишӣ истифода кардем. Маслан, дар мавриди нақши донишу хирад дар зиндагии инсоният:

Зи дониш бувад кори гетӣ ба соз,
Зи бедонишӣ кор гардад дароз.
Зи дил сар занад сирри дониш нахуст,
Ки бар дасту по кор гардад дуруст.

Дар мавриди мақоми омӯзгор дар ҷомеа:

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

Дар мавриди мақоми устод дар баробари шогирд (дар мисоли Арасту ва Искандар):

Ҳаме буд доим ба фарҳангу рой,
Ба таъзими устод кӯшиш намой.
Касе гуфт: Чунӣ, чунин ранҷбар
Ба таъзими устод беш аз падар?
Бигуфто: Зад ин нақши обу гилам,
В-аз он тарбият ёфт ҷону дилам.
Аз ин шуд тани ман пазирои ҷон,
В-аз он омадам зиндаи ҷовидон [137, 320].

Дар достон тамсилу ҳикоятҳои зиёди халқӣ омадааст, ки арзиши бузурги маърифатӣ доранд. Ҳамаи достонро баррасӣ кардан дар синф имкон надорад. Дар достон аз ҳикоятҳо “Достони расидани Искандар ба шаҳре, ки ҳама мардумон покизарӯзгор буданд ва саволу ҷавоби эшон” қобили таваҷҷуҳ аст. Ин ҳикоят ва алалхусус саволу ҷавоби Искандар бо мардумони ин шаҳр дар синфи озмоишӣ бо иштироки фаъоли хонандагон муҳокима гардид. Ин амал имкон дод, ки моҳияти достон ва мақсаду шоир бештар равшан гардад ва хонандагон бештар ба мақсади шоири бузург ва ғояи талқиннамудаи ӯ ошно шаванд. Байтҳое аз ин ҳикоят ба тариқи намуна меоварем, ки барои аз ёд кардан ба хонандагон супориш шуда буд:

Сикандар чу мегашт гирди ҷаҳон,
Хабарпурси ҳар ошкору ниҳон.
Дар аснои рафтан ба шаҳре расид,
Дар он шаҳр қавми писандида дид.
Зи гуфтори беҳуда лабҳо хамӯш,
Фуре баста аз носазо чашму гӯш.

Наҷуста ба бад ҳаргиз озори ҳам,
Ба ҳар кор неке мададгори ҳам.
На з – эшон тавонгар касе, не фақир,
Бар эшон на султон касе, не амир.
Баробар ба ҳам қисмати молашон,
Мувофиқ ба ҳам сурати ҳолашон [137,346].

Хулоса, достони “Хирадномаи искандарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърихи адабиёт ва афкори ҷамъиятиии халқи тоҷик мақоми бузург дорад, зеро шоири бузург дар ин достон масъалаҳои зиёди фалсафӣ-таълимӣ ва ҳикмату ахлоқро пеш гузошта, онҳоро аз мавқеи гуманистӣ ҳал мекунад. Омӯзгоронро лозим аст, ки андешаҳои инсонгароёна ва ахлоқию маърифатии шоирро ба шогирдон огоҳона таълим диҳанд.

Марҳалаи якум ва дувуми МБТ бо методикаи суннатии таҳлили матн то андозае бо ҳам наздиканд. Аммо МБТ бо он чӣ баён кардем маҳдуд намегардад. Марҳалаи сеюми МБТ (“тағйири матн”) ва чаҳорум (“таҳияи матни худ”) аслан баъд аз қироат ва шарҳи комили достон оғоз мешавад. Аммо озмоиши педагогӣ собит намуд, ки агар ҳар фасли достон ба масъалае ихтисос ёфта ва ё сужети муайян дошта бошанд, омӯзгор метавонад марҳалаҳои севуму чаҳорумро бо хатми фасли муайян дар як дарс татбиқ намояд. Чунончи, вобаста ба муқаддимаи достони мавриди назар «Дар адолат» ва фасли “Гӯши холии фарзанди арҷмандро ба гавҳари панд гавҳарбанд кардан” омӯзгор метавонад дар дарси аввал марҳалаи сеюму чаҳоруми усули МБТ-ро дар амал татбиқ намояд.

Қироати ифоданок ва шарҳи калимоту таъбироти душвори матн ба марҳалаи аввал мансуб аст, дар марҳалаи дувум хонандагон матни фасли номбурдаро бо ёрии муаллим маънидод мекунанд ва андешаҳояшонро перомуни мавзуи он баён менамоянд, ки як навъ баҳодиҳӣ ба матн аст. Марҳалаи сеюм “тағйир додани матн” аст, ки хонандагон бояд дар бораи мавзуи асосии матни шарҳшудаи достон, яъне дар мавзуи “адолат” ва ё “аҳамияти панду андарз дар ташаккули шахсияти ҷавонон” андешаҳои худашонро баён кунанд. Хонандагон бояд дар партави андешаҳои шоир дар

масъалаи адолат ва ё панду андарз ақидаҳои худро пешниҳод кунанд. Бозгӯи андешаҳои шоир як тарафи масъала асту марбут ба низоми суннатии таълим мебошад. Дар МБТ хонанда бояд  перомуни ғоя асосӣ ва мавзуи достон андешаи худро баён кунад. Дар ин марҳала вобаста ба фаҳмишу дониши худ хонандагон бояд тағйироте дар матни достон ворид кунанд. Масалан, дар мавзуи адолат вобаста ба ҳодисаҳои имрӯза доварӣ мекунанд ва ё нақши панду андарзро дар зиндагии худашон тафсир мекунанд. Дар марҳалаи чаҳорум хонандагон доир ба масъалаҳои номбурда андешаҳояшонро хаттӣ, масалан дар шакли эссе баён мекунанд. Ин эссе бояд комилан андешаҳои худашон бошад, на монанди иншо баёнгари андешаҳои шоир ва ё нақли сужети асар. Ба таъбири дигар, хонанда бояд аз ғояи достон ва ё аз мавзуи фасле аз достон илҳом гирад ва ин ғоя ё мавзуъро бо такя ба ҳаводиси мушоҳида кардаи худ вобаста ба пиндору тахайюлоти хеш ба шакли хаттӣ баён кунад. Ду марҳалаи охир имкон медиҳад, ки малакаи эҷодкории хонандагон шакл гирад ва салоҳияти мустақилона андешидану фикри худро озодона баён кардан дар онҳо ташаккул ёбад. Мутахассисон аҳамияти марҳалаҳои севуми чаҳорумро дар ташаккул додани салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва мустақилият дар  нутқи шифоҳию хаттии хонандагон медонанд.

Хулоса, таҳқиқи мавзуъ ва озмоишҳо педагогӣ дар мактабҳои таҷрибавӣ нишон доданд, ки достони "Хираднома искандарӣ"-ро дар синфи 9 метавон дар 4 соат вобаста ба талаботи МБТ дарс дод. Аз он ҷо, ки ҳамаи достонро байт ба байт таҳлил кардан аз имкон берун аст, омӯзгор метавонад вобаста ба фаслҳои достон мавзуъҳое интихоб кунад ва чаҳор марҳалаи МБТ-ро дар ҳар  дарс татбиқ намояд.

# ХУЛОСА

Таҳқиқ ва озмоишҳои педагогии мавзуи “Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият дар таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” моро ба чунин хулоса овард:

1. Абдураҳмони Ҷомӣ аз зумраи суханварони бузурги тамаддуни башарӣ буда, осори адабии ӯ, аз ҷумла “Баҳористон” чун хиради пухта ва омезиши зебои мазмуни баланд ва ҳунари нафис дар тӯли садсолаҳо ҳамчун китоби тарбиятгар, ҳамвора мавриди истифодаи ҷомеаҳои илмию адабӣ ва ҳавзаҳои ахлоқию тарбиятӣ будааст **[5-М]; [11-М]; [13-М]; [15-М].**

2. Таҳқиқи асосҳои назарӣ ва ҷанбаҳои методии мавзуъ собит намуд, ки МБТ як низоми комилан нав набуда, балки муносибати тоза ба низоми суннатии таълими адабиёт ва такмили он мебошад, ки татбиқи бомуваффақияти он ҳам сифати таълимро баланд мебардорад ва ҳам ҷиҳати амалии дониши андӯхтаи хонандаро дар ҳаёт таъмин менамояд**[1-М].**

3. Таҳқиқ ва озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки осори Ҷомиро метавон дар се зинаи омӯзиши адабиёт дар МТМУ истифода бурд, ки аҳамияти бузурги тарбиявӣ доранду боисти ташаккули салоҳиятҳо дар хонандагон мегарданд **[2-М]; [3-М]; [4-М].**

4. Аз донистани соли навишта шудани ин ё он асар, теъдоди абёту авзони шеърӣ ва дигар асноди дувумдараҷа доир ба осори шоир хонандагон ба ҳеч салоҳияте даст намеёбанд. **[9-М]; [10-М].**

5. Дар курси хониши адабӣ аз асарҳои дар бораи Ҷомӣ эҷодшуда метавон матнҳои адабие интихоб карду вобаста ба талаботи МБТ таълим дод, ки ҳам вазифаи курси хониши адабӣ иҷро шавад ва ҳам хонандагон аз лаҳзаҳои ҷолиби зиндагии адиб бохабар шаванд **[3-М]; [5-М]; [11-М].**

6. Ҳангоми таълими ашъори ғиноии суханвар тибқи талаботи МБТ бояд ҳамон ашъореро интихоб кард, ки аҳаммияти бузурги тарбиявию

эстетикӣ дошта бошад ва дар ташаккули салоҳиятҳо дар хонандагон замина муҳайё кунад **[1-М]; [4-М].**

7. Омӯзиш ва озмоишҳои педагогӣ моро ба хулоса овард, ки таълими маснавии "Силсилат-уз-заҳаб"дар курси хониши адабӣ (синфи 7) мувофиқи мақсад нест, зеро забони душвор дораду ба синну соли хонандагон созгор намебошад. Хубтар мебуд ин маснавӣ дар синфи 9 таълим дода шавад ва ё аз барнома ҳазф гардад **[3-М].**

8. "Баҳористон" аз муҳимтарин асари ахлоқӣ ва тарбиявӣ на танҳо дар адабиёти мо, балки дар тамаддуни башарист. Озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки ҳикматҳо ва ҳикоёти нисбатан кӯтоҳи ин асари пурарзишро бо андаке тағйироти лафзӣ метавон дар курси хониши эзоҳӣ истифода бурд **[5-М]; [6-М]; [13-М].**

9. Таълими "Баҳористон" чи аз назари миннӣ ва чи аз назари соҳавӣ, метавонад номаҳдуд бошад, вале чун мақсади аслии кор таълими адабию ахлоқии хонандагони мактаб аст, ҳангоми бо ин мақсад истифода намудани китоб, омӯзгор бояд ба нуктаҳои зер таваҷҷуҳ дошта бошад:

а). Омӯзгор бояд ин китобро огоҳона таълим диҳад, зеро фақат хонда гузаштани ин китоб барои хонандагон фоида надорад. Шогирдон маводи китобро комилан фаро гиранд ва дарк намоянд, то сабаби ташаккули салоҳиятҳо гардад;

б). Ҳар дарс бояд муназзам, бо риояи чаҳор марҳалаи МБТ таълим дода шавад: аввал, дуруст хондани матн, баъд, фаҳми калимаҳои мушкил, сипас, шарҳи мазмуни матн ва дар охир натиҷагирию тағйири матн ва пешниҳоди матни худ;

в). Барои таъсири амиқи матн бар сатҳи тафаккур ва ахлоқи амалии хонандагон беҳтар аст, ки баъзе матни аслии китоб аз тарафи шогирдон аз ёд карда шавад.

г). Зимни таълими китоб дар курси хониши адабӣ беҳтар аст мазмуни ҳар ҳикмату ҳикоят бо сабр, вале ба таври амиқ омӯхта шавад, то барои як умр дар фарҳангу замири онҳо коргар бошад ва салоҳияти татбиқи онро дар ҳаёт ба даст оваранд **[5-М]; [6-М]; [11-М]; [13-М]; [15-М]**.

10. Таҳқиқ ва озмоишҳои педагогӣ нишон дод, ки таълими «Нафаҳот-ул-унс» дар курси хониши адабӣ (синфи 7) мувофиқи мақсад нест, зеро дар баробари забони душвор доштан маънои ҷомеъи ирфонӣ дорад, ки дарки он на танҳо барои хонандагон, балки барои омӯзгорон низ душворӣ пеш меоварад. Хубтар он аст, ки соатҳои барои таълими “Нафаҳот-ул-унс” дар синфи 7 ҷудошударо барои таълими ҳикоятҳои бештаре аз “Баҳористон” ихтисос дода шавад **[8-М].**

11. Дар маҷмуъ, таҳқиқи мавзуъ ва таҷрибаву озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки вобаста ба талаботи МБ таълим додани рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомӣ ва умуман адабиёт дар МТМУ хубтар буда, нисбат ба низоми таълими суннатии адабиёт самараи беҳтар дода метавонад. Дар раванди МБТ хонандамеҳварӣ асоси кор буда, вазифаи омӯзгор доварию раҳнамоист. Омӯзгор бояд раҳнамову ёрирасони хонандагон дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо, малакаву маҳорат ва мушоҳидагару ташхискунандаи дараҷаи азхудкуниву донишу хиради онҳо бошад, то шогирдон ба салоҳиятҳои таъйиншуда даст ёбад. Омӯзгор бояд саъй намояд, то хонандагон дар баробари иҷрои чаҳор марҳала ба чаҳор унсури асосии МБТ: донад, тавонад, аз худкунад ва дар амал татбиқ намояд даст ёбанд**[2-М]; [4-М]; [7-М]; [14-М]**.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо:**

Дар асоси ҷамъбаст ва хулосаи натиҷаҳои таҳқиқот **тавсияҳои методи**и зер пешниҳод мешаванд, ки ба болоравии сифати таълими адабиёт дар МТМУ ва ташаккулу такомули салоҳиятҳо дар хонандагон равона шудаанд:

1. Низоми таълими суннатии адабиёт ба талаботи замон ҷавобгӯ нест, бояд муносибат ба таълими адабиёт дар МТМУ таҷдиди назар шавад. Пеш аз ҳама, тибқи талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ тадқиқотҳои зиёди илмӣ ва методӣ ба ин самт равона шаванд, то ки натиҷаҳои дар озмоиш бартарипайдокарда дар стандарт, нақшаву

барномаи таълим, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методии минбаъд таҳияшаванда иҷрои талаботи шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин намояд.

2. Тибқи талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барнома ва мазмуну мундариҷаи курси “Методикаи таълими адабиёт” дар муассисаҳои миёна ва олии касбӣ аз нав тарҳрезӣ шаванд, то ки мутахассисон-омӯзгорони босалоҳият ба таълиму тадриси адабиёт дар шароити МБ кор ва фаъолият намуда, ба беҳтар шудани сатҳу сифати таҳсилот мусоидат намоянд.

3. Тадриҷан гузариш аз  консепсияи ДММ( дониш, малака, маҳорат) ба консепсияи ДТМ (дониш, таҷриба, малака) талаботи стандарти давлатии таҳсилот қарор ёбад ва меъёри арзёбии дониш ба нишондиҳандаҳои  босалоҳиятӣ иртиботи доимӣ дошта бошад. Дар таълиму тадриси  адабиёт усулҳои интерактивии таълим ба рушди салоҳиятҳо нигаронида шавад, то ки хонанда минбаъд дар куҷо ва чӣ тавр истифода бурдани донишҳои ҳосилкардаашро донад.

4. МБТ ба ҳеч ваҷҳ усулҳои сунатии таълими адабиётро аз байн намебарад. Дар кори мазкур назария ва амалияи  ҳамрадиф  намудани онҳо дар раванди таълим ба технологияҳои нави таълим муфассал сухан рафтааст, ки  дар  фаъол  намудани хонандагон барои азхуд намудани дониш ва ахлоқи шоиста самараи бештар меорад.

5. Муносибати инфиродӣ ба таълим, аз ҷумла бо хонандагон, шарти муҳими донишандӯзии хонандагони МТМУ дар шароити МБТ мебошад, ки дар диссертатсияи мазкур дар мисоли омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ амалан нишон дода шудааст ва метавон онро дар мавриди омӯзиши  рӯзгор ва осори адибони дигар дар се зинаи омӯзиши адабиёт истифода бурд.

6. Ҳам дар курси хониши адабӣ ва ҳам дар курси таърихи адабиёт бо истифода аз матнҳои адабие, ки аз рӯзгори  Ҷомӣ қисса мекунанд (монанди “Бадоеъ-ул вакоеъ“-и Восифӣ, Латоиф-ут-тафоиф”-и Алии Сафӣ ва ё  “Дарёи нур”-и А.Афсаҳзод) метавон зиндагиномаи адибро

таълим дод. Таълими ин матнҳои адабӣ  имкон медиҳад, ки хонандагон ҳам бо матн кор кунанд ва ҳам аз лаҳзаҳои зиндагии Ҷомӣ огоҳ шаванд.

7. Барои хониши мустақилонаи осори бадеии адибон чопи китоби “Хониши мустақилона” барои ҳар синф зарурат дорад. Ин таҷриба дар аксари мамолики дунё аз санҷиш гузашта, самараи хуб ба бор овардааст ва мутахассисонро ба ин кори неку пурарзиш сафарбар намудан зарур аст.

8. Сарбории хонандагонро аз маводи зиёди таълимӣ кам бояд кард.Таълими маснавии “Силсилат-уз-заҳаб” ва асари тасаввуфии “Нафаҳот-ул-унс”-и Ҷомӣ, ки тибқи барномаи ҷорӣ барои синфи 7 пешниҳод шудааст, ба синну соли хонандагон ва ҷаҳонбинии онҳо мувофиқ нест ва аз барномаи таълим хориҷ  намудани онҳо ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони  Ҷомӣ халал эҷод намекунад. Мо инро дар озмоиши таълимӣ собит намудем.

9. Мушоҳида ва озмоишҳои таълимӣ собит намуданд, ки дар дарсҳои адабиёт вобаста ба принсипҳои МБТ дар курси хониши эзоҳӣ барои шаклгирии салоҳиятҳо дар хонандагон замина  гузошта мешавад ва дар курси хониши адабию курси таърихи адабиёт ин салоҳиятҳо ташаккулу такомул меёбанд.Чунин муносибат ба донишу маҳорати касбии омӯзгорон, ба интихоби маводи таълим ва интихоби усулҳои фаъоли таълим вобаста аст. Бинобар ин, саривақт расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорон, аз ҷумла ташкили семинару тренингҳои омӯзишӣ, таҷрибаивазкунӣ ва саривақт аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани онҳо самарнокии сифати таҳсилотро таъмин карда метавонад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
2. Консепсияи миллии маълумоти ҶТ. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 майи 2002, №200 // Ахбори Вазорати маориф ҶТ [Матн]. -Душанбе, 2003.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар ҶТ", №494 аз 01.08.2015.//Ахбори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн].-Душанбе, 2015,-с.,123-130.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" [Матн].-Душанбе: Шарқи озод, 2013.-41 с.
5. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2012, № 334 тасдиқ шудааст [Матн].
6. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2015, № 494 тасдиқ шудааст [Матн].
7. Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI [Матн]. – Душанбе: "Душанбе-принт", 2018, – 151 с.

## Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

8. Абдуллоев, И., Абдуллоев З. ва диг. Забони модарӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / И. Абдуллоев, З. Абдуллоев ва диг .-Душанбе: маориф, 2018,272.
9. Айнӣ, С. Восифӣ ва хулосаҳои "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и ӯ [Матн] / С.Айнӣ.-Душанбе: Адиб, 1985.

10. Алиев, А.Б., Зиёев, М.Н., Олимова, Ф.К., Эрматова, У.С.,Зоолишоева, Б.Ф., Ниёзов, Ф.Такмили маҳорати педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ [Матн] / А.Б. Алиев ва диг.-Душанбе, 2010.
11. Аминов, А., Воҳидов З. Иншо дар мактаби миёна [Матн] / А.Аминов, З.Воҳидов. - Душанбе, Маориф, 1985.
12. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 4. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ [Матн] / Ф. Ниёзов ва диг. - Душанбе, 2016.-65с.
13. Асозода, Х., Кӯчаров А. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11 [Матн] / Х. Асозода, А. Кӯчаров .-Душанбе: Маориф, 2015,-400 с.
